С. Исломов, К. Обидова,
М. Рӯзиева, Р. Аҳмадҷонова

# КАСБУ ҲУНАР
## (барои духтарон)



7

## Асбобҳо барои дарздӯзии дастӣ





## Мошини дарздӯзии баркӣ



## Дарзмолҳои баркӣ



## Тахтаи дарзмолкунӣ



**Консервонии маҳсулот**







**Асбобҳои ошхона**



С. Исломов, К. Обидова,
М. Рӯзиева, Р. Аҳмадҷонова

# КАСБУ ҲУНАР
## (Барои духтарон)

**Китоби дарсӣ**
**барои синфи**
**7**

*Ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADES
PUBLISHING, INC.
2004

**ББК 74. 269**
**И - 16**
**Исломов С., Обидова К., Рӯзиева М., Аҳмадҷонова Р.**
**Касбу ҳунар (Барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 7-ум.**
Душанбе. Соли 2004, 152 саҳифа.

Ин китоб дар доираи Лоиҳаи таҷдиди сектори иҷтимоӣ тавассути маблағҳои қарзи Бонки Осиёии Тараққиёт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**Муаллимони мӯҳтарам!**

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

ISBN 1 - 931938 - 25 - 3

© "САҲБО" 2004
© PLEIADES PUBLISHING, INC.

# МАШҒУЛИЯТҲОИ МУҚАДДИМАВӢ

## Хонаи мо, гигиенаи хонадорӣ

Гигиенаи асосии хона тозагӣ ва тартибот мебошад. Хонаро бо мебелҳо пур кардан лозим нест, зеро рӯбучини онро мушкил мекунад ва боиси ҷамъ шудани чанг мегардад.

Барои тоза нигоҳ доштани хона ҳар рӯз чанги онро тоза карда, фарши онро бо шёткаи намнок рӯфтан ва тирезаҳоро зуд-зуд шустан лозим аст. Мебелҳои мулоим ва қолинҳоро бо чангкашак тоза кардан беҳтар аст. Барои он ки ҳавои хона доим тоза бошад, бодпарвои тирезаро кушода, хонаро ҳар рӯз ду маротиба – пагоҳӣ, ҳангоми хонарӯбӣ ва шабона 30 дақиқа шамол медиҳанд. Тобистон тирезаро кушода мемонанд. Агар дар хона бачаҳо, мӯйсафедон, шахсони бемор бошанд, хонаро боэҳтиёт шамол медиҳанд.

Хонаҳо мувофиқи истифодабарӣ якчанд вазифаро иҷро мекунанд. Дар вақти истифода кардани ҳуҷра, матбах қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ, талаботи техникаи бехатариро риоя кардан лозим аст. Матбах, зарфҳои таомпазӣ, ҷиҳози ошхона (дастархон, сачоқҳо, дегпӯшак, чойникпӯшак, чойникмонак, дастпӯшак барои корҳои ошхона, пешдоман, сарбандак ва ғайраҳо) бояд доим тоза бошанд. Дар он ҷо нонхӯрак, магасҳо набошанд, онҳоро сари вақт бо хока ё маҳлули махсус нест кардан лозим аст.

**Ҳуҷраи бачагон.** Ҳуҷраи бачагон алоҳида, равшан, аз тарафи офтобрӯя бошад, беҳтар аст. Ҳуҷраи бачагонро барои хоб, машқ (бозӣ) кардан, расм кашидан истифода мебаранд. Бачагони синнашон калонтар метавонанд дар ҳуҷраи худ мусиқӣ гӯш кунанд, ба суратгирӣ ва радиосозӣ, сохтани моделҳои гуногун машғул шаванд. Бинобар ин хонаро ҳаво дода, ба тозагии он риоя кардан ва дар вақти муайян бо маҳлулҳои махсус ва латтаи тар пок кардан, ба тартиб даровардани худи бачагон ва назорати модарон зарур аст.

 

*Расми 1:*
*а – маҷмӯи мебелҳо барои наврасон; б – интерйери матбах*

## Нигоҳубини либос

Маданияти либоспӯшӣ маҳорати нигоҳубини либосро низ дар бар мегирад. Касе, ки либосро нағз пӯшидан мехоҳад, бояд хушсалиқа ва озода бошад. Либоси дарзмол (уту) накардаю доғдор ё либоси гиребонаш чиркину фарсударо пӯшидан мумкин нест. Ҳамеша аз тугмаҳо хабардор шуда, ҷойҳои даридаи либосро сари вақт дӯхтан лозим аст. Агар зарур бошад, чокҳои либосро дӯхтан, ҷойҳои тугмаро бо порчаҳои сахт мустаҳкам кардан, ба зери бағал ва оринҷи либоси ҳаррӯзаи трикотажӣ чарм дӯхтан лозим аст.

Барои он ки шим ё доман (юбка) ғиҷим нашавад, онро сари вақт дарзмол кардан ва баъд аз 2 – 3 рӯзи пӯшидан "дам додан" лозим аст. Ин ба дигар намуди либос, хусусан аз матоъҳои пашмӣ ва наххои химиявӣ дахл дорад, зеро онҳо бӯй (масалан дуди тамоку ва ғайраро) ба худ мекашанд. Барои доман ва шим либосовезакҳои махсус заруранд. Аз болои пӯшоки гиребонаш мӯинадор ё палтои мӯина либоси дигар овехтан мумкин нест. Агар онҳо тар шаванд, дар назди оташ ё дар болои қубурчаҳои оби гарм хушк кардан мумкин нест, чунки мӯи онҳо кучала мезанад. Либосҳои аз матоъҳои пашмӣ дӯхташударо пас аз шустан дар назди оташ ва дар болои қубурчаҳои оби гарм хушк кардан мумкин нест, чунки рангашон баромада ба якдигар

мезанад. Ҳангоми иваз шудани фаслҳои сол либосҳо, яъне палто, каллапӯш, ҷемперро ба тартиб овардан (тоза кардан, шустан, дарзмол кардан), бо диққат таҳ карда, ба онҳо доруҳои зидди куяро дар когаз печонда мондан ва то мавсими оянда дар ҷои махсус гузоштан лозим аст.

Ба маснуоти патдор (масалан, болиштҳо, бистарҳои патдор) бештар аҳамият диҳед. Барои набаромадани пати болишт ҷилди дуқабата кардан лозим (ба ғайр аз ҷилди болишти ҳар ҳафта ивазкунанда) аст. Маснуоти патдорро гоҳ-гоҳ офтоб дода, аз намнокӣ эмин доштан лозим аст. Албатта, ҳар як шахс бояд гигиенаи шахсии худро риоя кунад, баданро тоза нигоҳ дорад, либосҳои таг, сабук, рахти хоб доим дар ҳолати тоза бошанд. Умуман дар вакти риоя кардани гигиенаи хона ба гигиенаи шахсӣ аҳамият додан шарт ва зарур аст.



*Расми 2.*
*Интерйери ҳонаи хоб*

## Нигоҳубини мӯй

Мӯй аз ду қисм иборат аст: тана ва реша. Ҳар мӯй давраи муайяни сабзиш дорад ва баъд мерезад. Мӯи сар аз ҳама тез ва абрӯвон аз ҳама суст месабзад.

Мӯй ҳамеша мерезад. Мӯй қобилияти сабзишашро гум карда, чанд муддат дар қабати пӯст меистад, вале аз таъсири механикӣ ҳангоми шустан, шона кардан ба осонӣ меафтад. Ба ҷои мӯи рехта мӯи нав мебарояд. Бисёр рехтани мӯй аксар вақт ба бемориҳои сироятӣ вобаста аст. Бинобар ин ҳангоми бисёр рехтани мӯй ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.

Сарро бо оби гарм, беҳтараш бо оби равон бояд шуст; агар об дурушт бошад, оби борон ё оби ҷӯшидаро истифода кардан мувофиқи мақсад аст. Оби дуруштро бо роҳи илова кардани содаи хӯрокӣ (дар 1 л об 1/2 қошуқча) нарм бояд кард. Мӯи солимро дар 7 рӯз, мӯи хушкро дар 7 ва 10 ва мӯи равғаниро дар 5 – 7 рӯз 1 маротиба шустан лозим аст. Барои шустани мӯи солим истифодаи собунҳои "Детское", "Любимое", "Косметическое" ва шампуни ба ҳамин мӯй мувофиқ беҳтар аст. Мӯйро бо собуни ҷомашӯӣ шустан тавсия намешавад. Баъди тоза шустани сар агар ба об ҷавҳари лиму ё сирко (1 қошуқча дар 1 л об) андохта, мӯйро об гардонед, ҷилодор, нарм ва абрешиммонанд мешавад.

Мӯи хушкро бо собунҳои серравған – "Косметическое", "Ланолиновое", инчунин шампуни мӯй шустан беҳтар аст; ҷурғот ё зардии тухмро низ истифода бурдан мувофиқ аст. Ҷурғотро ба пӯсти сар ва мӯй молида, сарро мебанданд ва баъди 5 – 10 дақиқа бо оби гарм нағз мешӯянд; зардии 1 – 2 тухмро ба тағорачае, ки камтар об дорад, андохта лат зада, сарро мешӯянд; баъд сарро бо оби гарм обгардон мекунанд. Мӯйро баъд аз шустан обгардон мекунанд. Мӯйро баъди шустан бо сачоқи нарм хушк кардан беҳтар аст. Ба мӯи хушк чанд соат қабл аз шустан равғани растанӣ (равғани беданҷир ё мушхор) молидан аҳамияти калон дорад.

Мӯи кӯтоҳро аз решааш ва мӯи дарозро аз нӯгаш сар карда шона бояд кард. Мӯйро бо ҷӯткаи сар шона кардан

бехтар аст. Он бояд дурушт бошад, вале ба сар нахалад. Шона ва чӯткаи каси дигарро истифода бурдан норавост.

Мӯйро бо мақсади гигиенӣ ва эстетикӣ (на барои беҳтар кардани сабзиш) қайчӣ мезананд. Тарошидани сар низ



*Расми 3.*
*Ороиши мӯй*

мӯйро аз рехтан эмин намедорад. Аз таъсири офтоб, шамол, оби баҳр, чангу ғубор ва ғайра мӯй тира, хушк, мӯрт шуда, рангаш тағйир меёбад. Хунукӣ низ ба сар таъсири манфӣ мерасонад, бинобар ин дар сармо бо каллапӯш гаштан лозим аст. Ҳангоми кори чангу ғуборнок дар сар рӯймолча бастан даркор.

## Нигоҳубини кӯдаки ширмак ва аз шир баромада

Таваллуд шудани фарзанд дар ҳар хона ин хурсандии калон аст ва ба аҳлу тифоқ зиндагонӣ кардани оила кӯмак мерасонад. Таваллуд шудани фарзанд шумораи аҳолиро зиёд мекунад. Ин проблемаи на фақат оила, балки давлат ҳам аст. Бинобар ин барои масъалаи танзими оиларо ҳал кардан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов қарорҳо ба тасвиб расонида, ғамхориҳои зиёд карда истодаанд.

Барои кӯдаки навзод хонаи алоҳида ё гӯшаи алоҳида тайёр кардан лозим аст. Чизҳои нолозимро аз он ҷо гиред. Барои кӯдаки навзод кати махсуси хоб мавҷуд аст, ки қисми пешаш поячаи махсус ва дар болояш қасқони доирашакл дорад. Аз қасқон тӯр гузаронида мешавад, то ин ки дар вақти хоб катро пурра пӯшонад. Дар даруни кат бояд кӯрпачаи мулоим ва болишти мувофиқ бошад. Дар ин хона ҳамчунин мизи парпечӣ

гузоштан ва як қисми ҷевонро ҷудо кардан (барои гузоштани лавозимоти ҳаррӯза) лозим аст. Хонаро ҳар рӯз бо латтаи тар тоза карда, ба тирезаҳояш сони сафед кашед. Бодпарворо дар як рӯз 3 – 4 маротиба 10 – 15 дақиқа, дар фасли баҳор дар давоми рӯз кушода монед. Ҳарорати хона 22°C, дар чор – панҷмоҳагӣ 18 – 19°C бошад. Барои нигоҳубини кӯдак доруқуттӣ, ҷои доругузорӣ бояд бошад. Дар дохили он қошуқча, истакон, шонаи тоза, қайчӣ, грелкаи резиниро гузоред.

Сару либос бояд тоза, зебо ва ба синну сол мувофиқ бошад ва кӯдакро аз гармшавӣ ва арақкунӣ нигоҳ дорад. Дар рӯзҳои аввал яктачаро истифода баред, аз семоҳагӣ яктачаро ба уребчаи суринпечонӣ (либоси гаваккашӣ) иваз кунед. Аробачаи бачагона (коляска) баланд ва барои нишастан мувофиқ бошад. Бозичаҳо сабук, бе теғи тез ва ба синну сол мувофиқ бошанд. Ба бадани кӯдак аҳамият додан даркор аст. Ба ҷои сурхшудаи бадани кӯдак хокаи махсус пошидан, равған ё вазелин молида истодан даркор аст.

Шири модар барои кӯдак ғизои беҳтарин ва фоидабахштарин мебошад. Дар таркиби шири модар моддаҳои шифобахш, ба миқдори муайян сафеда, равған, ангиштоб, гормонҳо, моддаҳои аз касалиҳои сироятӣ муҳофизаткунанда мавҷуд аст. Кӯдакро дар рӯзҳои аввал шаш маротиба бояд маконд. Пеш аз макондани кӯдак модар бояд хилъати тоза шустагӣ, дарзмолкардаро пӯшад. Дастҳояшро тоза шӯяд, баъд нӯги синаашро бо маҳлуди кислотаи борати 2-фоиза тоза пок кунад. Дар ҳар дафъа як синаро макондан лозим аст. Ба онҳо оби ҷӯш ё чойи шириниашон пастро байни таом (1 – 2 қошуқча) медиҳанд. Ба кӯдакон аз сеҳафтагӣ оби пухтаи меваҷот ва сабзавот (аз 5 – 10 чакра то 50 – 80 мл), аз 3-моҳагӣ афшураи меваҷот: олуболу, зардолу, анор, сабзӣ, лаблабу, себ, помидор, тамашк, қулфинай ва ғайраро диҳед. Дар ин вақт афшураи ангур додан лозим нест.

Аз 5,5-моҳагӣ пюреи сабзӣ, карам, картошка, каду, таомҳои ширӣ, ярмагӣ ва ғайра медиҳанд. Аз 7-моҳагӣ ба хӯроки кӯдак гӯшти кима, гӯштоб, зардии тухм, творог ва ғайра

ҳамроҳ карда мешавад. Ба қоидаҳои беҳдошт ва таомхӯрии кӯдак аҳамият диҳед.

Дар вақти кам шудани шири модар аз духтур маслиҳат пурсида, кӯдакро ба сунъӣ макондан одат кунонидан лозим аст.

**Оббозӣ доштани кӯдак.** Кӯдакро ҳар рӯз пеш аз хоб дар оби ҷӯши хунуккарда (35+37⁰С) оббозӣ кунонед, баъди нофаш дуруст шудан бо даст ё латтача шӯед. Бо собуни бачагонаи "Ланолиновое" дар як ҳафта як бор шӯед, ҳамаи қисми баданро алоҳида бо сачоқи махсус тозаю пок кунед ва пӯшонед. Нохунҳоро дар як ҳафта як бор (ба пӯст наздик набошад) гиред, нохуни дастро бо қайчии нӯгаш кулӯла, нохуни пойро рост ва ҳамвор мегиранд, ки ба пӯст дохил нашавад.

Сайру гашт дар ҳавои тоза аз 2-моҳагии кӯдак мумкин буда, аз якчанд дақиқа то 1 – 2 соат давом мекунад. Дар фасли зимистон (10+15⁰С) ду бор дар як рӯз 3 – 4 соатӣ; дар даҳмоҳагӣ ду бор бо вақти зиёдтар. Масҳ ва гимнастика ба сабзиши кӯдакон таъсири мусбат мерасонанд. Масҳро аз духтури махсус пурсида, вазелин ё равған молида, дуруст иҷро кунед, ки ин дар сабзиши кӯдак аҳамияти калон дорад. Ба кӯдаконе, ки ба хӯроки сунъӣ одат кардаанд, аз шашмоҳагӣ таомҳои гӯштию сабзавотӣ, оби меваҷот ва сабзавот диҳед. Ба қоидаҳои беҳдошти кӯдакон доимо риоя бояд кард. Дар вақти истифодаи асбобу анҷом, сару либос ва таомхӯрӣ ба қоидаҳои санитарию беҳдошт аҳамият диҳед.

Ба кӯдакон ҳамчун хӯроки сунъӣ аввал "Детолакт",



*Расми 4.*
*Намудҳои гимнастикаи кӯдакони ширмак*

“Малютка”, “Малыш” ва иловатан афшураи омехтаи сабзавот, пюре, творог, зардии тухм, шир, чурғот, биолакт (онҳо хӯроки доимии кӯдак шуда наметавонад), баъд таомҳои суюки сабзавотӣ, ширӣ, ярмагӣ ва оби меваҷот дода истодан лозим аст, то ки дар организми онҳо витаминҳои зарурӣ кифоя бошанд.

Агар вояи хӯрокро дуруст интихоб карда бошед, ҳолати сабзиши кӯдак хуб шуда, ҷисман солим ба воя мерасад. Ин гуна кӯдак ба касалиҳо (рахит, аллергия ва норасогии витамин) тобовар мешавад.

Кӯдакони аз 1 то 3-сола тез сабзиш мекунанд. Дар 1-солагӣ вазнашон 5 кг, қадашон 50 см мешавад ва дар 2,5-солагӣ 20-то дандон мебароранд. Бинобар ин вақти сабзиши кӯдакон ба онҳо ҳар рӯз 1 – 2 маротиба шӯлаи ширӣ (шӯлаи манка) ё консерваҳои махсус барои кӯдакон пешбинишуда додан лозим аст.






*Расми 5.*
*Намунаи хӯрокҳои кӯдакон: а – хӯрокҳои ширӣ;*
*б – шарбат ва пюреи меваҷоту сабзавот*

**Савол ва супориш**

1. Барои кӯдакон чаро хонаи алоҳида ҷудо мекунанд?
2. Барои он ки кӯдак солим калон шавад, модар бояд ба нигоҳубини он диққат диҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ ТАЙЁР КАРДАНИ ХӮРОК

## § 1. Пухтупаз

Тарзи тайёр кардани хӯроки болаззат, зебо ороишдода, дуруст ва мувофиқи қоида додани хӯрок ба организми одам аҳамияти калон дорад, завқ ва қобилияти кории инсонро баланд мебардорад.

Қоидаҳои дуруст тақсим кардан ва истифода бурдани маҳсулотро риоя кунед, ба исрофкорӣ роҳ надиҳед.

Тайёр кардани хӯрок аз ду марҳала иборат аст:

1.Тайёр кардани маҳсулот.

2.Пухтани хӯрок.

Пайдарҳамии тайёр кардани маҳсулот дар истеҳсолоти хӯроки умумӣ ва шароити хона қариб як хел аст. Дар истеҳсолот маҳсулоти хомро ба воситаи мошину механизмҳо тайёр мекунанд. Масалан, дар истеҳсолот барои тайёр кардани маҳсулоти гӯштӣ гӯштқимакунакҳои барқӣ, омехтагарак, котлеттайёркунак, мошинҳои махсус барои тоза ва реза кардани картошка, пиёз, мошинҳои автоматӣ ё хатҳои автоматӣ барои тайёр кардани ҳасиб, казӣ, тушбера, пирожки ва ғайраҳоро истифода мебаранд. Дар шароити хона маҳсулоти хомро на фақат дастӣ тайёр мекунанд, балки гӯштқимакунак, афшуракашак ва дигар асбобҳои механикию барқиро истифода мебаранд.

Хӯроки тайёр ҳамон вақт болаззат ва фоидабахш мешавад, ки онро пеш аз ба дастархон додан тайёр карда бошанд. Дар вақти тайёр кардани маҳсулот, пухтани хӯрок, ороиши хӯрок ва санҷидани сифати он интихоби ҷои кор аҳамияти калон дорад. Алалхусус ба интихоби зарфҳо, таҷҳизот ва дегҳо барои таоми махсус, зарфҳои котлетпазӣ, мантупазак, тухмпазак ва дигар таҷҳизот аҳамият додан лозим аст. Дар вақти тайёр кардани таом риоя кардани

қоидаҳои бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ, интихоби дурусти миқдори масолеҳ, технологияи хӯрокпазӣ ва ба назар гирифтани шумораи истеъмолкунандагон шарт ва зарур аст. Шарту усулҳои тайёр кардани хӯрок, риоя кардани қоидаҳои хӯрокпазӣ, нигоҳдории гигиенаи ошхона ҳам аҳамияти калон доранд.

Барои он ки қоидаҳо ва шартҳои хӯрокпазиро риоя кунед, миқдори муайяни маҳсулот, номгӯи маҳсулот ва ҳаҷми онро, ки ретсепт мегӯянд, дар назар гиред. Он гоҳ хӯроки шумо болаззат шуда, бӯи ба ҳамон таом хосро мегирад.

**Савол**

1.Хӯрокпазӣ аз кадом марҳалаҳо иборат аст?
2.Маҳсулотро барои хӯрок чӣ тарз тайёр мекунанд?
3.Барои хӯрокпазию хӯрокхӯрӣ кадом таҷҳизот лозиманд ва дуруст интихоб кардани онҳо чӣ аҳамият дорад?
4. Барои хӯроки болаззат хӯрдан онро дар кадом вақт тайёр мекунанд?
5. Дар хона шумо кадом қоидаҳоро риоя мекунед?

**Маслиҳати муфид**

Барои фарбеҳ нашудан хӯрокҳои серғизоро бо камғизо иваз карда истед. Агар шумо бе ширинӣ натавонед, шириворихои камғизоро интихоб кунед.
Дар вақти китобхонӣ ба назди худ табақчаи кулчаи қандин ва қанддоштаро нагузоред, чунки нафаҳмида мемонед, ки онро чӣ хел хӯрдаед. Дар ин вақт лаззат намебаред, аммо фарбеҳ мешавед.
Маҳсулоти камғизо, аммо барои организм шифобахш творог, шир, ҷурғот, гӯшт, моҳии камравған, бодиринг, карам, сабзӣ, помидор, хӯриш, лаблабу, каду ва ғайраҳо мебошанд.

## Ороиши миз барои хӯроки нисфирӯзӣ

Мо дар синфи 6-ум дар бораи намудҳои ороиши дастархон барои нахорӣ, шом ва маросимҳои тантанавӣ гуфтугӯй карда, ороиши дастархонро барои шом, рӯзҳои тантанавӣ бо қоидаҳои истифодаи асбобу анҷоми хӯрокхӯрӣ, кушодани дастархон, ороиши он, маданияти таомхӯрӣ, нишастан дар назди миз ва ғайраҳо нишон дода будем. Имсол ороиши дастархон барои пешин ва мизи чашнгириро меомӯзем. Мизро бо як намуди ороиши муайян ва ба табъи баланди эстетикӣ ороиш додан лозим аст. Дастархони нисфирӯзӣ, яъне пешинро чунин ороиш медиҳанд. Шароити ҳозираро ба назар гирифта, ба ҷои дастархони сафед дастархони рангубораш миёнаро истифода баред. Дастархон бояд тоза, нағз дарзмол кардагӣ бошад. Дастархонро баъзан бо селофан рӯйпӯш мекунанд, чунки он дастархонро тоза нигоҳ медорад, зуд шустан лозим намешавад. Агар дар гирди миз бачагон нишаста бошанд, албатта, ба рӯи дастархон селофан кашидан лозим аст.

Барои он ки рӯи мизро эҳтиёт кунед, ба таги дастархон картон ё ягон намуди масолеҳ гузоред. Он садои асбобҳо, гармии хӯрок, чойник ва ғайраро нигоҳ медорад. Агар гирди дастархон озод, мавҷмонанд намуда истад, миз зеботар менамояд.

## § 2. Қоидаҳо ва сирҳое, ки ба хӯрок лаззати махсус мебахшанд

1.Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва бехатарии кор дар вақти пухтани хӯрок аҳамияти калон доранд. Ин қоидаҳоро дар синфи V – VI гуфта будем.

2.Картошка, котлет, моҳӣ, гӯшт, сабзиро ба тобаи тафсон барои чарахса накардани оби ҷӯш ё равғани доғ оҳиста аз як тараф андохтан лозим аст.

3.Дар вақти реза кардани сабзавот ва меваҷот корди пӯлодини зангногирро истифода баред, чунки расиши

сабзавот ба оҳан ранги онҳоро хира (сиёҳтоб) мекунад ва витамини С дар онҳо вайрон мешавад. Масалан: агар себро бо корди оҳанин бурем ё онро бо турбтарош тарошем, муддате нагузашта сиёҳчатоб, яъне витаминаш вайрон мешавад.

4.Ба хӯришҳо пеш аз хӯрокхӯрӣ майонез, қаймоқ, равгани растанӣ ҳамроҳ кардан лозим аст.

5.Пӯсти сабзавотро пеш аз сар кардани хӯрокпазӣ тоза кунед, пештар пора накунед, ки дар сабзавот витаминҳо тез вайрон мешаванд. Пӯсти сабзавотро борик гиред, чунки миқдори зиёди витамин ба пӯст наздик ҷойгир шудааст.

6.Сабзавотро дар об пазед ё дар равған бирён кунед, аммо нагузоред, ки аз пухтан гузарад, чунки дар ин ҳолат бӯй ва таъми хоси худро гум мекунад.

7.Сабзавотро дар зарфи сарпӯшида пазед, рӯи онро об пурра пӯшонад.

8.Сабзавотро барои хӯриш (картошка, сабзӣ, лаблабуи сурх) доимо бо пӯсташ пазед, дар ин ҳолат витаминҳо ва моддаҳои шифобахшаш бештар нигоҳ дошта мешаванд.

9.Лимуро якчанд ҳафта нигоҳ доштан мумкин аст, ба шарте ки онро ба банкаи оби тозадошта гузошта дар яхдон монед. Дар селофан ҳам нигоҳ доштан мумкин, аммо мӯҳлати нигоҳдориаш кам мебошад.

10.Мӯҳлати пухтан:
– карами тару тоза ва сабзӣ – 20 – 30 дақиқа;
– шилха ва испанох – 10 дақиқа;
– картошка – 25 – 30 дақиқа;
– карам – 30 – 40 дақиқа.

11.Барои пухтани лаблабуи сурх вақти зиёд – 2 – 3,5 соат лозим аст, аммо мӯҳлати пухтанро кам кардан мумкин: агар онро 1 соат пухта, аз оташ гиред ва 10 дақиқа зери оби шоридаистодаи хунук гузоред, лаблабу тайёр мешавад.

12.Сабзавоти дар об пухтаро дер нигоҳ доштан мумкин нест, чунки онҳо бемаза ва обдор мешаванд.

13.Ба шӯрбо барги ғор, мурч ва ғайраро дар аввали хӯрокпазӣ наандозед, чунки таъмаш талх мешавад. Онро дар охири хӯрокпазӣ андозед, беҳтар аст. Пеш аз додани таом ба

рӯи онҳо кабудӣ ё дорувориҳо пошед.

14.Агар гӯшти говро пухтанӣ шавед:

а) гӯшти хомро ба оби ҷӯш андозед, дар ин вақт моддаҳои шифобахши зарурӣ нигоҳ дошта мешаванд ва он болаззат мепазад;

б) гӯшти дар об пухтаро тез нагиред, монед камтар хунук шавад. Он гоҳ гӯшт болаззат ва обдор мешавад;

в) гӯштро пеш аз хӯрокпазӣ намак занед, чунки намак оби гӯштро тез мебарорад ва сифату хосият ва моддаҳои шифобахши зарурииро паст мекунад.

15.Барои санҷидани сифати тухм онро ба намакоб меандозем (ба 50 г намак – 0,5 л об). Агар тухм нав бошад, ба таги об мегӯтад, кӯҳна бошад, ба рӯи об мебарояд, миёнахел бошад, дар мобайни банка меистад.

16.Дар вақти тоза кардани сабзавот дар ангуштон доғи сиёҳи тез нараванда боқӣ мемонад. Барои он ки доғ пайдо нашавад, ба дастатон пеш аз тоза кардани сабзавот ягон хел равған (маска ё маргарин) молед ё ангуштонатонро бо маҳлули пасти сирко ё пораи лиму тар кунед.

17.Шӯрбо ё таомҳои суюқи сабзавотӣ дар натиҷаи ҳамроҳ кардани ҷурғот, қаймоқ болаззаттар мешаванд.

18.Ба таомҳои суюқ кабудиро реза карда андозед.

19.Сабзавоти яхкардаро яхаш нафаромада ба оби ҷӯш андозед, он болаззат мешавад ва витаминҳояшро нағз нигоҳ медорад.

**Савол ва супориш**

1.Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатариро ба хотир оред.

2.Барои чӣ қоидаҳо ва сирри хӯрокпазиро аз худ кардан лозим аст?

3.Барои чӣ сабзавотро барои хӯриш бо пӯсташ мепазанд?

4.Барои тоза ва реза кардани сабзавот кадом кордро истифода мебаранд?

Хўроки нисфирўзӣ, яъне пешин бояд 35 фоизи миқдори ғизои таоми якрўзаро дар бар гирад. Дар меню (тартиби таом) хўришҳо, хўроки якум, хўроки дуюм ва шираворихо бояд бошанд.

**Хўришҳо** қобилияти ширачудокунии меъдаро афзуда, барои нағз ҳазмшавии таом мадад мерасонанд.

**Ба хўришҳо** газакҳои аз сабзавоти тару тоза, пухтагӣ, бо равғани растанӣ омехташуда дохил мешаванд.

**Хўроки якум** – ҳамаи намудҳои таоми суюқ – шўрбо, мастоба, угро, мошбиринч, чуворӣ ва ғайраҳо, ки аз нисфи порсия (меъёри миқдори хўрок) зиёдтар мебошанд (300 – 350г).

**Хўроки дуюм** – гўшти обҷўш, кабоби бугӣ, гўштбирён.

Мурғ, моҳӣ, котлети гарнираш аз сабзавот, ярма ё маҳсулоти макаронӣ, масалан хўроки якум аз вермишел ё ярма бошад, он гоҳ гарнири хўроки дуюмро аз сабзавот тайёр кардан лозим аст ё баръакс.

**Ба ширавориҳо** дохил мешаванд: моқут, компот, полуда, себи дар тафдон пухтагӣ ва меваҷоти тару тоза.

Барои ороиши дастархони нисфирўзӣ асбобҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Барои хўриш табақчаҳои махсус, барои хўроки якум табақчаи чуқур, нимкоса ё пиёлаи калон, барои хўроки дуюм табақчаи паҳн ва калон, барои шираворихо пиёла, истакон ва ғайраро истифода мебаранд. Барои хўрок асбобҳои ёрирасон – чангакҳо, қошуқ, корд, қошуқчаҳо истифода бурда мешаванд. Онҳоро дар дастрахони тоза мувофиқи қоида ҷойгир карда, маданияти хўрокхўриро риоя кардан лозим аст.

## § 3. Зарф ва воситаҳои хўрокхўрӣ

Дар ҳар хонадон, албатта, зарфҳои хўрокхўрӣ, зарфҳо барои чой, қаҳва ва сервиз мавҷуд аст. Аз ҳамсоя талабидани зарфҳо барои ҳар як соҳибхоназан кори нозеб ва номақбул аст. Бинобар ин ҳаҷм ва кулли сервизҳои хўрок, чой, қаҳва бояд бо ҳам мувофиқ бошанд.

Табақчаҳои чуқур ба канори миз, хурд аз канори миз 1,5 – 2 см даруntар, табақчаҳои хӯриш ё зарфи компот дар тарафи рост, аз канори миз дуртар гузошта мешаванд.

Агар ба рӯи миз қадаҳҳо гузошта шаванд, табақчаҳои хӯриш ё компотро ба тарафи чап, қадаҳро бо истакон дар тарафи рост мегузоранд. Агар қаҳва дода шавад, табақчаи самбӯсамониро тавре мегузоранд, ки канори он ба канори миз мувофиқ ё як ангушт дуртар аз канори миз бошад; дар тарафи рост, аз канори миз дуртар табақчаи қаҳваро мегузоранд. Қаҳванӯшак ва чойникпӯшаку чойникмонак мувофиқи қоида дар мизи иловагӣ бояд истанд, то ин ки ба меҳмон халал нарасонанд.



*Расми 6. Намудҳои зарф*

## Воситаҳои хӯрокхӯрӣ

Кордро дар тарафи рости табақчаи хӯрокхӯрӣ мегузоранд. Дами кордро ба тарафи табақча менигаронанд. Чангак ё худ вилка бошад, дар тарафи чап рӯболо гузошта мешавад. Чангакро ҳамон вақт дар тарафи дасти рост мегузоранд, ки хӯроки додашуда – котлет, тухмбирён ва ғайраро бе корд истеъмол кунанд. Қошуқи хӯрокхӯриро пеш аз корд дар тарафи дасти рост мегузоранд. Қошуқча барои компот дар паси табақча мувозӣ ба канори миз

(дастааш ба тарафи рост) гузошта мешавад. Барои хӯроки моҳигӣ чангак мегузоранд.

Корд барои меваҷот, агар қошуқча барои компот намонда бошанд, дар паси табақча ба канори миз гузошта мешавад.

Воситаҳои хӯрокхӯриро мувофиқи тартиби додани хӯрокҳо пайиҳам гузоред, аввал барои хӯроки якум, баъд барои хӯрокҳои минбаъда. Воситаҳои хӯрокхӯрӣ барои хӯроки охирин аз рӯи тартиб аз ҳама охир гузошта мешаванд.

Аз тарафи рости табақчаи самбӯса чангак барои самбӯса, росттар пиёлачаи қаҳвахӯрӣ ё пиёларо мегузоранд. Аз тарафи рости пиёлачаи қаҳвахӯрӣ ё пиёла дар табақчаи махсус қошуқчаи қаҳвахӯрӣ ё чойнӯшӣ гузошта мешавад.




*Расми 7.*
*Воситаҳои хӯроккхӯрӣ: а – чангак ва корд барои моҳӣ; б – чангак барои пирог; в – чангак ва корд барои гӯшти пухтагӣ; г – корд барои маска ва панир; ғ – чангак барои гирифтани хӯрок.*

## Сачокчаҳо

Пеш аз хӯрок сачоқчаҳоро ба намуди ракета, мавҷмонанд, секунҷа, чоркунҷа ва ғайра таҳ карда, ба дохили табақча мегузоранд. Сачоқчае, ки барои ҳар як кас

алоҳида дода мешавад, мувофиқи хӯрок дар болои табақчаҳои рӯи ҳам гузошта ба намуди муайян таҳ карда гузошта мешавад, ки он ба миз ҳусни иловагӣ мебахшад. Сачоқчаҳоро баъд аз истеъмоли хӯрок ба тарафи рости табақча дуқат, сеқат ё чорқат карда мегузоранд. Агар мизро барои ҷашн ва тӯй оро диҳанд, сачоқчаҳоро дар табақча аз тарафи чап мегузоранд. Ба таги сачокча кулча ё нон гузошта мешавад, ки барои гирифтани меҳмон қулай бошад.

Барои мизи қаҳвахӯрӣ ё чойнӯшӣ сачоқчаҳои коғазинро истифода мебаранд. Онҳоро ба таги табақчаи самбӯса ё дар истаконҳои махсус барои сачоқчаҳои коғазин мегузоранд.



*Расми 8. Намудҳои таҳкунии сачоқчаҳо*

## Ороиши рӯи миз бо гулҳо

Ороиши беҳтарини рӯи миз ин гулҳо мебошанд. Онҳо дар баробари ороиш додани миз табъи касро хуш мекунанд. Гулҳоро дар ҷои мувофиқ гузоштан лозим аст. Албатта, дар миёнаҷои миз гузоштан шарт нест. Агар дар рӯи миз аз тарафи чап воситаҳои хӯрокхӯрӣ бошанд, дар гулдонҳои хурд чандто гули майдаро гузоред. Гулдони гулдорро тавре гузоред, ки он пеши хӯрок ё одамони дар муқобил нишастаро нагирад. Гулҳоро зебо ороиш диҳед. Онҳо бояд то охири ҷашн намудашонро гум накунанд. Қоидаҳои ороиши миз бо гул, албатта, ба вақти фасли сол вобастагӣ дорад. Дар фасли зимистон, дар соли нав ба

гулдони паст шохчаҳои арчаро гузошта, онро бо қандҳо ё дигар бозичаҳо ороиш диҳед. Ороиш бояд бо зарфҳо, дастархон ва воситаҳои хӯрокхӯрӣ пурра мувофиқат кунад.

## § 4. Мизи хӯроки сард

Мизи хӯроки сард якчанд бартарӣ дошта, барои меҳмонони зиёдро қабул кардан мувофиқ аст, барои ракс ҷои зиёд мемонад ва ғайра. Агар хона хурд бошад, ё сервизҳои зарурӣ набошанд, ё барои харидани маҳсулоти зиёд шароит набошад, ин қулай аст. Меҳмонҳои дермонда бемалол рафта дар назди миз истода, таомҳои дилхоҳашонро ёфта мегиранд. Барои хӯроки сард мизҳои калонтар ё мизи хатнависиро, ки ба девор ҷафс аст, истифода мебаранд ё дар ҳар ҷо мизҳои начандон калон мегузоранд.

Ба миз дастархони сафеди тозаро густурда, гулдонҳои гулдор мегузоранд. Дар кунҷи миз ё дар мизи майдаи алоҳида табақчаҳо, пиёлачаҳо, ҷомҳо, қадаҳҳо, қошуқҳо, сачоқчаҳо, чангакҳо гузошта мешаванд.

Одатан кордро истифода намебаранд. Агар миз калонтар бошад, онро дар миёнаҷой мегузоранд, то ин ки меҳмонҳо аз ду тараф хӯроки заруриро гирифта тавонанд. Дар ин ҷо худхизматрасонӣ амал мекунад. Агар барои нишастан мебелҳо бошанд, онҳоро ба девор наздик мегузоранд, то ин ки меҳмонон ҳар замон нишинанд. Дар мизи хӯроки сард хӯрокҳоро бо чангак ё қошуқ истеъмол мекунанд. Бутербродҳо, гӯшти пухтагии яхнии майда резакарда, ҳӯришҳои гуногун, шираворихо, пирог, кулча, торт хӯрокҳои асосии мизи хӯроки сард мебошанд. Дар миз оби мевачот, обҳои минералӣ гузоред. Рӯи мизро бо ҳар хел хӯрок пур накунед. Агар табақчаҳо холӣ шаванд, мувофиқи талабот онҳоро пур карда, табақчаҳои истифодашударо тез-тез ғундошта истед, то ки рӯи миз зебо намояд.

Барои мизи хӯроки сард, чунон ки аз номаш маълум аст, ҳӯришҳои сард ва хӯрокҳои сардро истифода

мебаранд. Тухми фаршкарда, гӯшти ҳар хел пухтагӣ, тухм, равған ва маҳсулоти панирӣ, меваҷот, кабудиҳо, печенйе, торт, пирог, самбӯса ва ғайраҳо мизи хӯроки сардро зеб медиҳанд.

Мизи хӯроки сард аз он сабаб бартарӣ дорад, ки ҳамаи маҳсулотро то омадани меҳмон ба рӯи миз мегузоранд. Ороиши он чунин аст: дар миёнаҷои миз пирог ё торт, меваҷот, маснуоти қаннодӣ мегузоранд. Дар гирди хӯрокҳо табақчаҳои хӯриш гузошта мешаванд. Дар шишаҳо, сурохӣ, кӯзача нӯшокиҳоро дар якчанд ҷо мегузоранд. Табақчаҳо рӯи ҳам гузошта мешаванд. Чангак, корд, истаконҳо ва сачокчаҳои коғазиро дар лаълӣ гузоред. Агар хона хурд бошад, ду мизи хурд мегузоранд. Якеаш барои хӯришҳои хунук, дигараш барои шираворӣ ва нӯшокиҳо. Дар навбати аввал бутербродро гузоред. Онро тайёр кардан осон аст. Онҳо болаззат буда, иштиҳоро мекушоянд ва серғизоянд. Онҳо аз маҳсулоти дар хона буда тайёр карда мешаванд. Албатта, бутерброди ҳаррӯза аз идона фарқ мекунад. Он панирҳои махсус, гӯшт, ҳасиб ва ғайра дорад. Маҳсулот ва нонро борик буред, сабзавот ва кабудиҳо, меваҷотро алоҳида дар табақчаҳо гузоред ва ба тайёр кардани бутерброд сар кунед. Ороиши он ба маҳсулоти хӯрокӣ бояд



*Расми 9. Ороиши мизи хӯроки сард*

мувофиқ бошад. Эҷодкорӣ ба шароити хона вобастагӣ дорад. Маҳсулоти мавриди истифода: ҳасиб, панир, моҳӣ, консерва, помидори тару тоза ва консервакарда, шалғамча, қаламфури ширин, кабудӣ, хӯриш, пиёз, ҷаъфарӣ, сафедӣ ва зардии тухми дар об пухта. Нони гандумӣ бояд мулоим бошад. Ба он маска, маргарин, майонез, хардал молида мешавад.

## Якчанд намуди тайёр кардани бутерброд барои мизи хӯроки сард

Панирро ба шакли секунҷа бурида, ба рӯи нони гандумӣ, ки ба он маска молида шудааст, мегузорем, ба рӯи он қаламфури ширини калон, консервакарда монда, пиёзи кабудро майда резакарда пошед.

Ҳасиб ё гӯшти пухтагиро борик бурида, ба он майонез ва хардал молида, ба болои нон гузоред, баъд ба рӯи он шохчаҳои ҷаъфариро монда, боз зардии тухми пухтагиро майда карда пошед.



*Расми 10. Тайёр кардани масолеҳ барои бутерброд*

## Бутерброди гарм

Кулчаҳоро дар шакли секунҷа, чоркунҷа, росткунҷа бурида ё батон ва нони булкаи майдаро ду тақсим карда, аз болояш равған молед, ба болояш як пора ҳасиб ё гӯшти пухтагӣ ё ҳасиби дудпаз ва ба болои он чанд қатра кайлаи помидор ва панири аз турбтарошак гузаронида (агар хоҳед сири аз турбтарошак гузаронида) гузошта, 15 – 20 дақиқа дар тафдон дар оташи паст пазед, бутерброди гарм тайёр мешавад.



*Расми 11. Намудҳои бутерброд*

## Тайёр кардани хӯриш (салат)

Хӯришҳо дар мизи идона ҷои асосиро мегиранд. Сабзавот – картошка, сабзӣ, лаблабу ва тухмро ба шакли чоркунҷа реза карда, ба он нахӯди кабуд, пиёзи кабуд, бодиринги намакин, қаламфури фаршкарда, инчунин маҳсулоти аз бутерброд боқимондаро ҳамроҳ карда, ҳамаи онҳоро омехта мекунем ва ба хӯришдон гузошта, ба рӯяш майонез мерезем, рӯи онро бо қаламфури сурх, себ, афлесун, ҷаъфарӣ, тухми ҳалқашакл ё ба шаклҳои гуногун буридашуда ороиш медиҳем.

Он хушнамуд аст ва иштиҳоро мекушояд. Агар бутерброд зиёд бошад, аз картошка хӯриш тайёр кардан лозим нест ё баръакс агар кам бошад, аз карам, шалғамча, бодиринг, помидор ва ғайра хӯриши сабук тайёр мекунанд. Хӯришро аз меваҷот ҳам сохтан мумкин. Хӯришҳоро дар фасли баҳор ва тирамоҳ аз қулфинай, қот, нок, харбуза ва ғайра ё аз он чизе, ки дар хона ҳаст, якҷоя карда тайёр мекунанд. Ретсептҳо барои тайёр кардани хӯришҳо зиёданд. Масалан, дар фасли зимистон себ, афлесунро бурида ва дар оби ҷӯш шуста майонез ва қаймоқ андохта, ҳамаашро омезед ва ба зарфҳо гирифта ба рӯяш ягон хел мураббо резед ва печенйеи совидаро пошед, хӯриши серғизо ҳосил мешавад.

## Тайёр кардани пироги оддӣ

Тобаи чуқуртарро гирифта, аз дохил ба гирди девораш ва тагаш равған молед. Себро ба он майда карда андозед.

Ба хамираш 3 дона тухмро ба 1 истакон шакар омехта лат занед, баъд 1 истакон орд ҳамроҳ карда, бо нӯги корд каме содаи хӯрокӣ ва ё 1 қошуқча сирко андохта омезед. Ин хамирро ба болои себ андозед. Хамир бояд мисли қаймоқ шавад ва рӯи себро пурра пӯшонад. Онро ба тафдон гузоред. Баъди 30 – 40 дақиқа тайёр мешавад.

**Нӯшокиҳо.** Дар банка қоти сиёҳ, қулфинай, тамашкро бо шакар омехта, ба оби ҷӯшидаистода андохта, нӯшокӣ тайёр мекунем. Аз ҳамаи намуди меваҷот нӯшокӣ тайёр кардан мумкин аст.

Бо чунин ретсепт тайёр кардани коктейл на фақат онро болаззат мекунад, балки барои пӯсти рӯй фоидаовар аст.

**Коктейли бодирингӣ:** 100 г шарбати бодиринг, 100 г сабзӣ, 50 г шарбати карафс.

**Коктейли помидорӣ:** 150 г шарбати помидор, 50 г лиму, 1 қошуқ шарбати карафс.

**Коктейли себӣ:** 200 г шарбати себ, 1 дона лиму, 1 қошуқи калон асал.

Ин гуна коктейлҳо ва монанди инҳоро барои мизи хӯроки сард худатон метавонед тайёр кунед.

### ? Савол ва супориш

1.Аҳамияти мизи хӯроки сард дар чист?
2.Мизҳоро чӣ гуна бояд гузошт?
3.Дар болои миз маҳсулотро ба чӣ тартиб мегузоранд?
4.Коктейлҳоро шумо чӣ хел тайёр мекунед ва онро амалан иҷро кунед.

### Маслиҳати муфид

1.Дар меҳмонӣ кӯшиш кунед, ки кам таом хӯред.
2.Намакро ба меъёри муайян истеъмол кунед.

3.Нон ва кандро кам хӯред, то 2 бурда дар як рӯз.
4.Дар як рӯз 4 бор хӯрок хӯред, аммо зиёдатӣ нахӯред. Агар гуруснагиро хис кунед, он вакт байни хӯрокхӯрӣ себ, сабзӣ ё як пора карам истеъмол кунед.

## § 5. Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз

Агар миз байзашакл, мудаввар ё росткунҷа бошад, ҷои марказиро барои меҳмонҳои фахрӣ гузоред. Агар аз 4 кас зиёд бошанд, он гоҳ ҳаракат кардан лозим аст, ки ҳар як меҳмон дар ҷои худ нишинад ва бо ҳамсӯҳбаташ бо хурсандӣ гуфтугӯ кунад. Дар шабнишиниҳои оилавӣ доимо либоси тоза пӯшида, худро (мӯй, сару либосро) оро дода, меҳмононро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта, онҳоро боодобона ва бо ишораи даст ба ҷои худ таклиф кунед. Дар маросимҳои тантанавӣ бошад, меҳмонҳоро ҷо ба ҷо шинонидан душвор аст. Бинобар ин барои қабули меҳмонон шахси махсусро вобаста мекунанд.

Қоидаҳои ороиш ба талаботи гигиенӣ (беҳдошт) бояд мувофиқат кунанд. Ҳамаи воситаҳо ва дастони ороишдиҳанда тоза бошанд. Воситаҳои хӯрокхӯрӣ ва табақчаҳоро аз қисми поёнашон доштан ва бо ангушти калон аз канор гирифтан лозим аст, даст бояд ба хӯрок нарасад. Чангак, корд, қошуқро аз дастааш дошта дароз мекунанд ва мегиранд. Истакон ва қадаҳро аз қисми поёнашон даст мегиранд. Дар гирди дасти чап, ки лаълиро медоред, сачоқчаҳоро дуқат карда гузоред, дар вакти хӯрокхӯрӣ алоҳида додан лозим аст. Сачоқчаҳои таҳкардаро аз табакча гирифта, дуқат карда ба болои зону мегузоранд. Агар дар сари миз сӯҳбат авҷ гирифта бошад, онро дар назар доштан лозим аст, ки ба хӯрокхӯрӣ халал нарасонад, ё ки байни хӯрокхӯрӣ каме танаффус кардан лозим аст.

Шӯрборо ба табакчаҳои чукур ё коса, нимкоса, косачаҳо меандозанд ва аз тарафи рост ба меҳмонон дароз мекунанд.

Барои осон гирифтани хӯрокҳои ҳархела – моҳӣ, сабзӣ, хӯришҳо, печенйе, пирог, қанд ва ғайра аз табакчаҳо, онҳоро аз тарафи чап медиҳанд.

Хӯрокро аз табақи умумӣ ба табақчаи худ бо чангак, қошуқ ва корд (ба табақчаатон нарасонда) гиред ва баъд аз гирифтан ба ҷояш, ба табақи умумӣ гузоред, чунки дигар меҳмонҳо ҳам аз он истифода мебаранд. Хӯрокро аз табақҳои умумӣ аз канораш, бе интихоб кардан, аз як тараф мегиранд, фақат гӯшти парандаро интихоб карда гирифтан мумкин аст. Қошуқро ин тавр медоранд: байни ангуштони калон ва ишорат мегиранд, дастаи он ба ангушти миёна расида меистад, бо он хӯрокро пур карда намегиранд, то ки хӯрок то ба даҳан овардан нарезад.



*Расми 12. Тарзи гирифтани хӯрок аз табақи умумӣ*

Чангакро дар дасти чап ва кордро дар дасти рост медоранд. Дастаки онҳо бояд дар кафи даст бошад. Ангушти ишорат бояд ба ҷои пайвасти теғ ва саршавии дастаи корд расад, аммо аз он поён доштан мумкин нест. Чангакро тавре доред, ки тарафи барҷастааш рӯ ба боло бошад. Корд ва чангакро дар болои табақча тарзе нигоҳ медоранд, ки моил ба кунҷ бошанд. Кордро барои буридан бо чангак истифода мебаранд.

## Тарзи истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак

Дар вақти бо корд ва чангак хӯрок хӯрдан онҳоро дар даст нигоҳ медоранд. Дамлама ва гӯшти онро бо ёрии корд ва чангак истеъмол мекунанд. Агар хӯрок фақат аз гӯшт бошад ё гӯшти қима (котлет, лӯлакабоб, гуляш, бефстроган ва ғайра) дошта бошад, чангакро дар дасти рост нигоҳ дошта истеъмол мекунанд. Агар гӯшт яклухт бошад

кордро дар дасти рост, чангакро дар дасти чап гирифта, онро ба қисмҳои алоҳидаи майда бурида истеъмол мекунанд. Гӯштро якбора майда намекунанд, барои он ки тез хунук мешавад ва таъмашро як дараҷа гум мекунад. Дамламаи аз гӯшти парандаро бо даст гирифтан мумкин аст, аммо қоидаи хӯрокхӯриро ба назар гиред, корд ва чангакро истифода баред.

Барои истеъмоли моҳӣ воситаҳои махсус: корд ва чангак мавҷуданд. Агар онҳо набошанд, ду чангакро истифода мебаранд: як чангакро ба дасти рост гирифта моҳиро майда мекунанду бо чангаки дар дасти чап буда мехӯранд.

Картошка ва сабзавотро бо корд намебуранд, балки бо чангаки дар дасти рост буда майда мекунанд. Меваҷотро дар мевагузорак ё табақчаи махсус бо воситаҳои ёрирасон барои меваҷот медиҳанд. Чизҳоеро, ки дастро намеолоянд (меваҷот, нон, пичинӣ, нони қоқ ва ғайраро), бо даст мегиранд. Торт ва пирогро ба миз бурида мегузоранд ва ҳар як пораашро ба табақча бо белча ё бо чангаки калон мегузоранд.

Пирожниро бо чангаки махсус ё қошуқчаи чойнӯшӣ истеъмол мекунанд. Агар он сахт ва зуд майдашаванда бошад, бо даст гирифта мехӯранд. Шароб ва арақро ба қадаҳҳо аз се як ҳисса мерезанд. Ҷомро аз қисми поёнаш бо ангушти калон, ишорат ва майда даст гирифтан лозим аст.



*Расми 13. Тарзи истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак*

## § 6. Одоби нишастан дар сари мизи хӯрокхӯрӣ

1.Ба сари миз бе таклифи мизбон нашинед.

2.То таклиф накунанд, аз ҳама пеш ба табақчаи худ хӯрок нагиред. Онро аз ҳама пеш хӯрда тамом накунед.

3.Дар вақти хӯрокхӯрӣ чангак ва кордро истифода баред, мувофиқан дар дасти чап ва рост.

4.Корд, чангак, қошуқро баъд аз истифода бурдан ба табақчаи худ гузоред, ҳеҷ гоҳ дар рӯи дастархон нагузоред.

5.Истифодабарии сачоқчаҳоро аз хотир набароред.

6.Дар вақти нӯшидани нӯшокиҳои гарм (чой, қаҳва ва ғайра) қошуқчаро аз пиёла гиред, аз канори пиёла пуф накунед, чарахса накунонед. Дар вақти хӯрокро фурӯ бурдан нанӯшед ва почакбозӣ накунед, баъд аз нӯшида шудан лабро бо даст пок накунед, барои ин сачоқчаҳо ҳастанд.

7.Шакарро бо қошуқча аз шакардон гиред.

8.Бо даҳони пур гап назанед.

9.Хӯрокро зебо хӯред, тез, оҳиста не, мӯътадил хӯрок хӯред.

10.Кушед, ки хӯрокро оҳиста ва беовоз хӯред.

Доимо ба меъёри хӯрокхӯрӣ аҳамият диҳед. Агар ҳис кунед, ки фарбеҳ шуда истодаед, инро дар назар доред:

- агар як қанди шоколад хӯрда бошед, як соат ба рӯбучини ҳавлӣ андармон шавед;
- 2 қошуқча шакар хӯред – 1 соат либосҳоро дарзмол кунед;
- 1 қанди карамел хӯред – 15 дақиқа варзиши бадан кунед;
- 1 пора нонро хӯред – 45 дақиқа ҷомашӯӣ кунед;
- 1 пора тортро бо кремаш хӯред – 1,5 соат ба рӯбучин ва тоза кардани хона машғул шавед ва ғайра.

Барои 1 кг вазнро партофтан ҳар рӯз дар тӯли моҳ 3 км пиёда гаштан, рӯзона кам хӯрок хӯрдан лозим аст.

### Рӯзи парҳез

1.Рӯзи себ: 1,5 кг себро ба 5 ҳисса ҷудо кунед ва дар як

дафъа як ҳиссаашро истеъмол намоед. Ҳамин тавр 5 маротиба. Гурусна намемонед, кори гурдаю меъда ва рӯдаҳо нағз мешавад ва 0,5 – 1 кг вазни изофаро кам мекунад.

2.Рӯзи помидор ва бодиринг: 1,5 кг помидор ё бодирингро гирифта, 5 тақсим карда, 5 ё 4 маротиба истеъмол кунед, ё ин ки 50 г гӯшти обҷӯшро истеъмол кунед ҳам мешавад.

3.Рӯзи ҷурғот: 1,5 л ҷурғотро дар як рӯз 5 тақсим карда хӯред.

4.Рӯзи шир: 6 истакон шири гарм истеъмол кунед.

5.Рӯзи хӯриш: 1,2 – 1,5 кг меваҷот ва сабзавоти тару тозаро бо равғани растанӣ омехта, ба 4 – 5 ҳисса тақсим карда, 4 – 5 маротиба истеъмол кунед.

**Супориш**

Барои вазни мувофиқ ва қадро чен кардан чунин қоида мавҷуд аст. Онро риоя кунед.

Мисол:

Қад 1 м 30 см – вазн 30 кг

Қад 1 м 50 см – вазн 50 кг

Қад 1 м 70 см – вазн 70 кг

Вазни худро бар кашед, ба ҷуссаи худ доим аҳамият диҳед ва барои зебо будани қаду қомататон ҳаракат кунед.

**Фикр кунед, иҷро кунед, ҷавоб диҳед**

Қоидаҳои дар боло зикршударо аз худ кунед. Доир ба пешвоз гирифтан ва амалан қабул кардани меҳмон кадом қоидаҳои иловагиро медонед ва онро чӣ тавр иҷро мекунед? Қоидаҳои бо меҳрубонӣ қабул кардани меҳмонро ба модаратон гӯед. Ба меҳмонқабулкунии шумо модаратон чӣ хел баҳо дод?

## § 7. Гӯшт ва таомҳои гӯштӣ

Ба маҳсулоти гӯштӣ – гӯшти гов, гӯсфанд, буз, асп, шутур, оҳу, гӯшти парандагон ва ғайра дохил мешаванд.

Гӯшт маҳсулоти серғизо ва барои организм фоидабахш аст. Дар таркиби он 20% сафеда (пурра дар организми инсон ҳазм мешавад), равған, намакҳои гуногун, қариб 75% об, моддаи қиёмӣ (иштиҳоро мекушояд), витаминҳои B1, B2, B6, PP ва ғайра мавҷуданд.

Гӯшт маҳсулоти асосиест, ки инсон истифода мебарад. Инсон дар ҳаёти худ қариб 2000 кг гӯшт истеъмол мекунад. Умуман гӯштро дар ошхонаи миллӣ дар об, оташ, равған, буғ, танӯр, қӯр ва чакдон мепазанд.

Қима кардани гӯшт дар нимаи дуюми асри 19 баъди пайдо шудани гӯштқимакунак расм шуд. Гӯштро аз гӯштқимакунак гузаронида, ба он пиёз, тухм, нони қоқ ҳамроҳ карда, котлет месохтагӣ шуданд. Дар вақти ба қисмҳо ҷудо кардани танаи гов, гӯсфанд, буз ва ғайра гӯшти шӯрбоиро ҷудо мекунанд. Узвҳои дохилӣ – ҷигар, шуш, гурда, забон, дил, мағзи сар, ширдон ва ғайраро ҳамчун деликатес (таоми хушхӯр) истифода мебаранд. Дум ва каллаю почаро низ истифода мекунанд. Баъзеҳо гӯшти шӯрбоиро дуюмдараҷа ҳисоб мекунанд, чунки хӯроки аз он тайёршударо дӯст намедоранд. Аммо ҳаминро дар назар доштан лозим аст, ки онҳо хӯрокҳои болаззат ва фоидаовар мебошанд ва хосияти парҳезӣ доранд. Масалан, ҷигар аз сафеда, витаминҳо, ангиштоб (таркиби хунро барқарор ва беҳтар мекунад) бой аст. Забон ба миқдори



*Расми 14. Тарзи гирифтани пӯсти забон*

зиёд сафеда, равған дорад ва бехад болаззат ва нафис аст. Мағзи сар хӯроки болаззат (деликатес) мебошад. Аз поча яхнии каллашӯрбо (холодес) тайёр мекунанд.

Гӯшти гармиаш нарафтаро ба фурӯш намебароранд, он бояд хунук шавад. Гӯшти як шабонарӯз истода мулоим мешавад ва бӯи ба худ хос мегирад. Агар гӯшт вайрон шуда бошад, боиси заҳролуд шудани меъдаю организм мешавад. Сифати гӯштро аз бӯй, ранг, намуд ва ҳолаташ муайян кардан мумкин аст. Гӯшти нағз бӯи ғализ надорад, рангаш сурхчатоб мешавад, дар буриш намнок, ҷои лаҳмаш зич аст, агар бо ангуштон зер кунем, тез рост мешавад ва дар ҷои зершуда доғи сурх пайдо мешавад, рӯи гӯшт бояд ҳамвор набошад. Гӯшти сифаташ баланд бо даст задан садо мебарорад. Барои мӯҳлати зиёд ва босифат нигоҳ доштани хосиятҳои гӯшт онро ях мекунонанд.

Гӯштро дар яхдон якчанд рӯз нигоҳ медоранд. Барои дар ҳарорати хона як шабонарӯз нигоҳ доштан онро бо сачоқчаи ба сирко ё маҳлули намакдор таркарда мепечонанд. Гӯшти қима 12 соат нигоҳ дошта мешавад. Аммо дар давраҳои қадим расму хусусиятҳои махсуси гӯштнигоҳдории миллӣ мавҷуд буд ва ҳоло ҳам аз он истифода мебаранд. Масалан: гӯштро каме намак зада, дар равған бирён ва қавурдоқ мекарданд; онро сернамак ва нимхушк карда, дар халтаҳои махсуси матоӣ ё дар зарфҳои сирдори сарпӯшдор нигоҳ медоранд. Агар гӯшти яхкардаро истифода баред, яхи онро об кунед. Яхи гӯштро ба ду тарз об мекунанд: тарзи суст об кардани яхи гӯшт беҳтар аст, чунки он ҳамаи моддаҳои шифобахшро нигоҳ медорад. Дар натиҷаи тез об кардани яхи гӯшт як қисми моддаҳои шифобахшаш гум мешавад, шира ва таъмаш меравад. Бинобар ин барои яхи гӯштро об кардан онро кушода, ба зарфи сарпӯшдор гузоред. Ҳеҷ гоҳ гӯштро дар об андохта, яхашро об накунед, чунки дар ин ҳолат қисми зиёди витаминҳо, моддаҳои зарурии фоидабахш дар об ҳал мешаванд. Гӯштро дар оби хунук шӯед, ба пораҳои калон ҷудо кунед, то ин ки моддаҳои шифобахшро гум накунад.

Ҷои ифлоси гӯштро бо шёткаи махсус ё бо корд тоза кунед. Гӯшт ва маҳсулоти дигарро шуста, тоза ва ба навъҳо ҷудо карда, бурида мепазанд, бирён мекунанд, ба дамлама меандозанд ва ғайра. Дар вақти пухтан гӯштро вобаста ба хӯрок пора мекунанд: барои бирён ва шашлик майда, барои дамлама миёна, барои шӯрбо каме калонтар ва ғайра. Дар вақти пухтан гӯшт 40% - и вазни худро гум мекунад; 1 кг гӯшт дар вақти пухтан 400 г, дар вақти бирён кардан 35 – 38% - и вазнашро гум мекунад, яъне ба ҷои 1 кг гӯшти хом 620 – 650 г гӯшти пухтагӣ боқӣ мемонад. Таомҳои гӯштиро дар тафдон, дегчаи сирдор, дег ва ғайраҳо мепазанд; дар деги чӯянӣ бирён кардан беҳтар аст. Дар вақти кор бо гӯшт кордҳои махсус барои гӯшт, рӯгардон кардани котлет, тез буридан барои шашлик, кабоб, зирбондан ва ғайраро истифода мебаранд. Агар пораи гӯшт калон бошад, барои рӯгардон кардани гӯшт чангаки ошпазӣ лозим аст, ки он ду дандони калон дорад.

Барои муайян кардани сифати пухтани гӯшт санҷишак – сихи ошпазӣ лозим аст, бо он гӯштро хаста мебинанд. Барои гӯштро лат додан, матоъ ва болғачаи чӯбин лозим аст. Барои қима кардани гӯшт гӯштқимакунакро истифода мебаранд, бо он оҳиста ва мувофиқи қоида муносибат бояд кард.

Танаи гӯштқимакунакро ба дасти чап гирифта, ба он тири ҷӯякдор, баъд ба тир корд (қисми барҷастаашро ба нӯги тир нигаронида), панҷара ва ҳалқаи ҷӯякдорро гузошта маҳкам мекунем. Дар қисми ақиби тир дастакро гузошта, бо винт маҳкам мекунем. Навъҳои гуногуни гӯштқимакунак мавҷуд аст.



*Расми 15. Қисмҳои гӯштқимакунак*

Баъд аз иҷрои кор қисмҳои онро аз якдигар ҷудо карда, пайи-

ҳам (аввал аз боқимондаи маҳсулот) тоза мекунанд. Ҳар як қисмро алоҳида бо оби гарми содадор мешӯянд. Баъд аз шустан аз болояш оби ҷӯш мерезанд, онро хунук ва пок карда, чанд вақт ҷо ба ҷо накарда мегузоранд, то ки пурра хушк шавад. Дар ин ҳолат он ҳеҷ гоҳ занг намезанад. Баъд онро ҷо ба ҷо мекунанд.

## § 8. Нақшаи тайёр кардан ва пухтани гӯшт

1.Гӯштро нағз шуста, ба сачоқча мегирем ва аз даст ба даст гузошта обашро меравонем.

2.Бо корди тез безхо, пӯсти шилҳаи изофаро мебурем. Кордро дар дасти рост нигоҳ медорем ва дами онро ба тарафи худ менигаронем. Пӯсти нолозимро бо дасти чап медорем.



*Расми 16. Гирифтани пӯсти нолозими гӯшт*

3.Гӯштҳои майдаи бурида ё пораҳои калонро бо латта ва болғачаи чӯбин лат дода, сатҳашро ҳамвор мекунанд.

4.Гӯштро барои хӯрокҳои гарнираш ҳархела (картошка, карам, биринҷ ва ғайра) кундаланг мебуранд; вазнаш аз 60 – 70 то 125 – 150 г ва ғафсиаш 1,5 – 2 см. Гӯшти вазнаш 60 – 70 г барои кабоб, шашлик, лангент ва гӯшти вазнаш 125 – 150 г барои дамлама, кабоби танурӣ, бифштекс, шнитсел ва ғайра истифода мешавад.

5.Гӯштро барои бирён аввал баркад, баъд кундаланг (гӯшти говро 25 – 40 -граммӣ, гӯшти гӯсфандро 20 – 23 - граммӣ) мебуранд.



*Расми 17. Лат додани гӯшт*

6.Гӯштро барои бефстроган ба шакли наргисӣ бурида, бо латта ё болғачаи чӯбин лат медиҳем.

7.Барои тайёр кардани гӯшти қима онро 20 – 40 - граммӣ бурида, пиёзро 4 тақсим карда, мағзи нони каме хушкшударо гирифта, ба об ё шир тар мекунем. Баъд маҳсулоти тайёркардаро аз гӯштқимакунак мегузаронем. Агар хоҳед, ки гӯшт нағз қима шавад, онро 2 бор аз гӯштқимакунак гузаронед, ба он доруворихо ва намак андозед.



*Расми 18. Тарзҳои пора кардани гӯшт*

Аз гӯшти қима котлет, гӯштқима (битки), шнитсел тайёр мекунанд. Онро ба шакли муайян оварда, дастро ба об ё тухми лат задашуда тар карда, рӯяшро ҳамвор мекунанд: барои котлет дарозиаш 12 см, қутраш 6 см, ғафсиаш (баландиаш) 1,5 см; барои гӯштқима қутраш 6 – 7 см, ғафсиаш 2 – 2,5 см; барои шнитсел байзашакли ғафсиаш 0,5 см. Баъд онро дар равғани доғи тоба то сурх шудан бирён мекунанд. Сипас барои пурра пухтан онро чаппагардон карда, дар тафдон мегузоранд ё дар тобаи сарпӯшида каме дам медиҳанд.



*Расми 19. Маҳсулот аз гӯшти қима*

8.Гӯштро дар сих дар рӯи ангишти сурхшуда низ мепазанд (шашлик). Барои ин гӯштро 10 – 15 - граммӣ бурида, дар зарфе намак мекунанд, баъд ба он пиёзи реза, сирко ё ҷавҳари лиму ҳамроҳ карда, меомезанд ва 1 – 3 соат дар ҷои хунук нигоҳ медоранд.

Шашликро бо ду тарз мепазанд:

Т а р з и  я к у м: гӯштро аз сих гузаронида, байнашон думба ва баъзан пиёз гузошта, дар рӯи ангишти сурхшуда мепазанд. Мӯҳлати пухтан – 15 – 20 дақиқа. Барои як хел пухтан онро якчанд бор рӯгардон мекунанд.

Т а р з и  д у ю м: гӯштро дар равғани доғи дег ё тобаи





*Расми 20.*
*Намудҳои шашлик*

чӯянии саркушода 15 – 20 дақиқа мепазанд; онро ҳар замон рӯгардон карда меистанд.

Аз гӯшт хӯрокҳои зиёд мепазанд, чунки дар таркиби он сафедаи зудҳазм, витаминҳо ва моддаҳои минералӣ (алалхусус дар ҷигар) зиёд аст.

Барои мӯътадил гардонидани моддаҳои кислотагӣ дар вақти истифодабарӣ ба гӯшт дигар маҳсулот ҳамроҳ кардан лозим аст. Гӯштро ба миз бо сабзавот, картошка, хӯришҳо ва меваҷот додан беҳтар аст. Барои талаф наёфтани моддаҳои фоидабахши гӯшт чунин қоидаҳоро дар назар доред:

а) гӯштро дар халтачаҳои коғазин нигоҳ надоред, онро нағзакак печонед ва хунук кунед;

б) пеш аз истифодабарӣ гӯштро дар оби шоридаистода тоза шӯед (аммо дар об намонед); ҷойҳои ифлоси онро аввал бо оби сиркодор ё маҳлули пасти даҳани фаранг ва ё марганцовка тар карда, баъд бо оби хунук шӯед;

в) агар гӯшт ранги худро гум кунад, бӯи ғализ ояд, онро истифода набаред, он гӯшт кӯҳна аст.

Гӯштро барои хӯроки дуюм тарзе пухтан лозим аст, ки хусусиятҳо ва лаззаташро зиёдтар нигоҳ дорад. Барои ин ба пораҳои гӯшт оби ҷӯш рехта (рӯи гӯштро гирад), дар оташи паст мепазанд. Гӯшти бо ин роҳ пухтагӣ сершира ва аз моддаҳои қиёмию минералӣ бой аст. Пиёбаи он барои тайёр кардани хӯроки якум ва қайла истифода бурда мешавад.



*Расми 21.*

| *Гов* | *Гӯсола* |
|---|---|
| □ *Гӯшт барои дар об пухтан* | □ *Гӯшт барои дар об пухтан* |
| ▨ *Гӯшт барои дамлама* | ▨ *Гӯшт барои дамлама* |
| ■ *Гӯшт барои бирён кардан* | ■ *Гӯшт барои бирён кардан* |

Барои бирён кардан асосан гӯшти тахтапуштро истифода мебаранд. Барои шнитсел, котлет ва ғайра пораҳои гӯштро дар зарфи саркушод дар равғани доғ мепазанд. Агар ҳар ду тарафи гӯштро бирён карданӣ бошед, онро дар оташи паст пазед. Пораҳои калонро (500 г) дар рӯи плита дар зарфи саркушод, аз он калонтарро дар тафдон ба рӯяш равғани зард ё равғани гурда (чарбу) молида мепазанд. Ин равғанҳо дар ҳарорати баланд тез сиёҳ намешаванд.

Агар гӯшт дар рӯи плита бошад, ҳама тарафашро бирён мекунанд. Агар гӯшт серравған бошад, онро аввал ба оби

ҷӯш (1/6 ё 1/10) андохта, тарафи равғандорашро ба поён мегузоранд; баъд он дар оби худаш бирён мешавад. Агар гӯштро дар тафдон пазанд, онро ба равғани гарм гузошта, аз болояш боз равғани гарм мерезанд ва баъди буғаш баромадан, 40 дақиқа бирён мекунанд. Агар гӯштро дар болои панҷараи оҳанин пухтанӣ шавед, ба он равған молида, ба зарфи дар таги он гузошташуда камтар об резед, кабудии реза андозед, вале гӯшт набояд ба об расад. Дар мобайни пухтан ба зарфи обдори дар таги он гузошташуда равған ё оҳар, мувофиқи табъ мурч, намак, қаламфур андозед. Агар ҳангоми бо қошуқ гӯштро зер кардан паст нашавад, он гоҳ он пухтагӣ ва баъд аз 10 дақиқа онро буридан мумкин аст.

**Маслиҳати кадбону**

1.Гӯшти пухтагӣ ва хомро кундаланг буред.

2.Гӯшти гови ҷавон ва пирро аз рангашон муайян мекунанд; пир бошад, ранги гӯшт сурхи баланд, равғанаш зардчатоб, ҷавон бошад, равғанаш сафед мешавад.

3.Гӯшти гов сахт бошад, онро чанд соат пеш аз пухтан дар хардал ҷӯлонед ва пеш аз хӯрокпазӣ дар об шӯед.

4.Барои нигоҳ доштани хосияти гӯшт онро якчанд вақт ба шир тар кунед.

5.Барои он ки гӯшт дар тафдон сахт напазад, ба он ҳар замон оби гарм ё гӯштоб рехта истодан лозим аст. Барои ширадор шудани гӯшт дар таги тафдон зарфи обдор гузоред.

6.Ба гӯшти латзада равғани растанӣ ё хардал молида, 20 – 30 дақиқа ба яхдон гузоред, мулоим мешавад.

## § 9. Таомҳои гӯштӣ.
### Тайёр кардани таомҳои якум

Дар ошхонаи миллӣ шӯрбоҳо ҷои муайянро мегиранд. Аз таомҳои якум бештар хомшӯрбо, қабурғашӯрбо,

шалғамшӯрбо, карамшӯрбо, мастоба, угро, туппа ва ғайра маъмуланд. Яке аз хусусиятҳои ошхонаи тоҷикӣ бо ду тарз пухтани таомҳои суюқ мебошад:

1.Камтар бирён кардани гӯшти майдакарда ё тайёр кардани гӯштоб.

2.Пурра бо кабудиҳо, адвия, пиёз, помидори тару тоза пухтан ва ҷурғот ё чакка андохтан.

## Кори амалӣ

## Тарзи пухтани қабурғашӯрбо

Таҷҳизот: плита, дег, кафлез, корд, қошуқ, коса, тағорача, тахтачаи сабзавот ва гӯштрезакунӣ, табақ.

Миқдори маҳсулот: гӯшти гов ё гӯсфанд – 109 г, равғани думба ё маргарин – 10 г, картошка – 232 г, бехпиёз – 30 г, сабзӣ – 30 г, томат – 10 г ё помидор – 47 г.

**Рафти кор.** Гӯшт, сабзавот ва кабудиҳоро тоза мекунанд, пӯсти сабзавотро тунук мегиранд, чунки миқдори зиёди витаминҳо ба пӯст наздик ҷойгиранд.

Гӯшти гӯсфандро 40 – 50 - граммӣ (лаҳм ё бо қабурғачаҳо) пора карда, то сурх шудани рӯи он дар равғани нағз доғшуда бирён мекунанд. Сонӣ ба дег бехпиёзу сабзии резакардаро меандозанд. Пас аз он помидор ё томат ва картошкаи калонтар қаламкардаро ҳамроҳ намуда, ҳамаи онро бирён мекунанд. Баъд аз он ба дег об рехта маҳин меҷӯшонанд, 10 – 15 дақиқа пеш аз пухтани шӯрбо ба он адвия ва намак меандозанд. Қабурғашӯрборо ба косаҳо кашида, ба болояш кабудӣ мепошанд. Агар обашро ба коса ё нимкоса кашида, кабудӣ пошида ба дастархон диҳанд, он гоҳ ҳамаи масолеҳи боқимондаро дар табақи зебо кашида, ба рӯяш кабудӣ мепошанд. Дар ин вақт табақчаи миёна бо корд, қошуқ, чангак, сачоқчаҳо дода мешавад. Миқдори таом – 500 г.

**Инро дар хотир доред**

Ватани сабзӣ – Баҳри Миёназамин.

Сабзӣ манбаи провитамин А – каротин буда, дар организми одам бо равған омезиш ёфта, витамини А ҳосил мекунад. Сабзӣ ба сабзиши қад мадад мерасонад, бар зидди ҳар гуна касалиҳои гузаранда мубориза мебарад, ба узви босира қувват мебахшад. Оби сабзӣ барои сабзиши организми кӯдакони ширмак аҳамияти калон дорад ва ҳамчун таоми мобайнирӯзӣ истифода мешавад. Дар таркиби сабзӣ то 7% ангиштоб, 1,3% сафеда, то 1,2% клечатка, 9 мг каротин (дар 100 г масолеҳ), намакҳои минералӣ, витаминҳо ва ғайра мавҷуд аст.

## Таомҳои дуюми гӯштӣ

Ба гурӯҳи таомҳои дуюм дохил мешаванд: палав, шавла, кабоб, дамламаи гӯштин, шашлик, шӯламошак ва ғайраҳо.



*Расми 22.*
*Намудҳои палав*





*Оё шумо медонед?*

*Палав дар асрҳои VIII – X пайдо шуда, таоми миллии тоҷикӣ мебошад. Ватани палав Мовароуннаҳр мебошад. Дар таомномаи миллии тоҷикӣ палав ба таоми гӯштӣ дохил гардида, 25 – 30 тарзи пухтани он оварда шудааст.*

*60 намуди пухтани палав мавҷуд аст. Асосан дар шароити хона пухтани палав васеъ паҳн гаштааст. Хуштаъмии палав на фақат ба миқдору намуди масолеҳ ва ретсепт, балки ба ҳунари пазандагӣ ҳам вобаста аст.*

## Кори амалӣ

## Тарзи пухтани палав

Таҷҳизот: дег, кафгир, тағорача барои биринҷ, корд, тахтача барои гӯшт ва сабзавот, турбтарошак, табақи калон.

Миқдори маҳсулот бо г: биринҷ – 160, гӯшт – 165, равғани думба ё растанӣ – 60, бехпиёз – 6, сабзӣ – 16, хӯриш (помидор, пиёз, бодиринг, турб) – 100.

Ба рафти пухтани палав дар шароити хона шинос мешавем.

Биринҷро тоза карда дар оби ширгарми намакдор 30 – 40 дақиқа тар мекунанд. Равғанро нағз доғ карда, аввал пиёзи ҳалқамонанд резакарда, баъд гӯштпораҳоро (ё баръакс аввал гӯшт, баъд пиёзро; ин ба табъи пазанда вобаста аст) то сурх шудан бирён мекунанд, сипас сабзии наргисиро андохта, баъд 8 – 10 дақиқа ба дег камтар об, адвиёт, намак андохта, зирбакро 15 – 20 дақиқа маҳин меҷӯшонанд.

Баъд биринҷро 3 маротиба шуста, ба рӯи зирбак андохта меҷӯшонанд. Миқдори об ба навъи биринҷ вобаста аст, ба рӯи биринҷ тақрибан 2 – 2,5 см об меандозанд. Ҳамин ки биринҷ обро ҷаббид, онро 20 – 25 дақиқа дам мепартоянд. Палавро бо хӯришҳо ба дастархон медиҳанд. Агар ба палав биҳӣ, наҳӯди таркарда, кишмиш ва ғайра андозем, боз ҳам хуштаъмтар мешавад.

**Савол ва супориш**

1.Чанд намуди палави тоҷикиро медонед?

2.Барои пухтани палав кадом намуди маҳсулотро интихоб мекунед?

**Маслиҳати кадбону**

Барои дуруст муайян кардани оби рӯи биринҷ инро бояд донед. Оби рӯй биринҷ бояд аз ним буғуми ангушт зиёд набошад.

Агар биринҷ санҷидагӣ (якчанд бор палав пухтагӣ) бошад, он гоҳ бо паси кафгир ба биринҷ занед. Агар овозаш баланд бошад, биринҷ барои дам партофтан мувофиқ аст. Баъд биринҷро лӯнда карда, ба мобайни он қошуқ зада, бо тағорача болояшро пӯшида, 25 дақиқа дар оташи паст дам медиҳанд.

## § 10. Гӯшти паранда

Гӯшти парандаро пеш кам истифода мебурданд. Ҳозир бошад, дар ҳама хонадон гӯшти парандаҳо – ғоз, мурғи марҷон, мурғобӣ ва ғайраро фаровон истифода мебаранд. Таркиби гӯшти паранда аз моддаҳои ғизоӣ ва барои организми одам фоидабахш бой мебошад. Дар таркиби он сафеда, равған, витамин, намакҳои минералӣ ва ғайра зиёд аст. Барои пар кандани паранда онро дар ҷои хунук мегузоранд. Ба он оби ҷӯш мерезанд, то ки равғанаш шах шавад. Баъд онро ба оби ҷӯш гузошта пар мекананд, парҳои боқимондаро мечинанд ё дар оташ месӯзонанд. Пеш аз пухтан пою сарашро ҷудо кунед, нӯги қанотҳояшро буред, узвҳои дарунаш – меъдаашро гирифта тоза кунед, сангдонашро кушода, чаппа карда, чилди ғафсашро гирифта партоед. Тӯшашро шуста, хушк карда, намак занед ва мувофиқи табъи худ, чӣ хеле ки хоҳед (дар об, буғ, тафдон) пазед.

Барои пухтани мурғи бутун пойҳои онро ба даруни ду сӯрохие, ки бо нӯги корд поёнтари сари сина бурида шудааст, меандозанд ва ба танааш мебанданд. Баъд онро ба тафдон (дар дарунаш себ, сабзавот гузоштан ҳам мумкин) мепазанд. Сипас онро бо қайчии махсус пора мекунанд.



*Расми 23. Тарзҳои ба пухтан омода кардани мурғ*

Барои бирён кардани мурғ онро ба пораҳои хурд ҷудо карда, намак пошида, ба деги равғани доғ меандозем; аввал дар оташи миёна бо оби аз худаш ҷудошуда бирён мекунем, баъди бухор шудани обаш ба он мувофиқи маҳсулот бо пиёла об андохта, дар оташи паст бирён мекунем. Баъд аз он ки камтар сурх шуд, барои тайёр шудан тахминан 1 – 1,5 соат дар оташи паст мепазем; дар давоми бирёнкунӣ дар дег бояд ба миқдори муайян об бошад, баъд пиёзу помидорро майда реза карда андохта, онро камтар мезирбонем, дам карда, 10 дақиқа бирён мекунем. Баъди тайёр шудан аз оташ гирифта, ба табақчаҳо мекашем ва ба болояш кабудӣ пошида ба дастархон медиҳем.

## Кори амалӣ

### Пухтани мурғ дар тафдон

Таҷҳизот: лаганди тафдон, тахтача, корд, кафгир.

Миқдори маҳсулот: 1 дона мурғ, 60 г маргарин, 1,8 л об, 1 қошуқ орд, 1,8 г каймоқ ва намак – мувофиқи табъ.

**Рафти кор.** Мурғи тайёркардаро ба лаганди тафдон гузошта, намак пошида, аз болояш маргарини гармро рехта, боз дар вақтҳои муайян ба он равғани гарм рехта меистем. Агар оби таги тафдон хира шавад, ба он оби ҷӯш мерезем. Ба обаш қаймоқ ҳамроҳ карда, ба болои мурғ намак пошида пухтанро давом медиҳем, Агар мурғ бутун бошад, бо қайчии махсус ё корди тез бурида, ба табақчаҳои алоҳида ё табақ кашида, ба рӯяш кабудӣ пошида, ба дастархон медиҳем.

**Савол**

1.Ба гурӯҳи гӯшти паранда кадом намуди парандаҳо дохил мешаванд?

2.Дар вақти гӯшти парандаро дар тафдон пухтан кадом қоидаҳоро иҷро мекунем?

**Маслиҳати кадбону**

Барои мурғро пар кандан ба он оби ҷӯш резед, параш тез мехезад.

Мурч, адвия, меваҷот, сабзавотро пеш аз ба лаганди тафдон монда пухтани мурғ тайёр кардан лозим аст.

## § 11. Гӯшти моҳӣ

Гӯшти моҳӣ ба организми инсон фоидаовар мебошад, бинобар ин дар вояи хӯроки одам онро дар назар доштан лозим аст. Моҳӣ моддаҳои заруриі ҳаётӣ – сафеда, витами-




*Расми 24. Намудҳои моҳӣ*

ни А ва Д, калсий, фосфор, лисетин, йод ва оҳан дорад, равғанаш кам аст.

Дар вақти тайёр кардани хӯрок аз моҳӣ онро дар коғазҳо не, балки дар зарфҳои чинӣ ё шишагин дар ҷои хунук нигоҳ доштан лозим аст.

Моҳиро аз пулакчаҳо тоза карда, узвҳои дарун, ғалсама ва пардаҳои сиёҳашро гирифта мепартоянд ва дар оби хунук тоза мешӯянд. Ба он камтар сирко ё ҷавҳари лиму, намак пошида, дар зарфи сарпӯшдор дар ҷои хунук нигоҳ медоранд. Дар ин ҳолат гӯшти моҳӣ сахт ва сафед мешавад. Бӯяш нағз ва сафедиаш шаҳ мешавад. Намакро пеш аз пухтан мепошанд, то ин ки оби моҳӣ кам шавад. Агар пас аз намак кардан зиёд истад, хушкак мешавад. Аз гӯшти моҳӣ бо роҳи дар об пухтан ва бирён кардан бисёр хӯрокҳо мепазанд. Як намуди хӯроки моҳигин моҳибирён мебошад.

## Кори амалӣ

### Тарзи бирён кардани моҳӣ

Таҷҳизот: тафдон ё тоба, белча, таѓорача, чангаки моҳипазӣ.

Миқдори маҳсулот: 1 кг моҳӣ, 65 г панири тарошидагӣ, 65 г маска ё маргарин, 250 г қаймоқ, 1 қошуқ охар, ҷавҳари лиму ё сирко.

**Рафти кор.** Моҳиро тоза шуста, сирко ва намак пошида, ба он панир, нонреза ва пиёзи маҳин резакардаро андохта, бо маргарини доғ дар дег ё тоба дар оташи паст бирён кунед, баъд аз 10 дақиқа ба он қаймоқ ҳамроҳ карда пазед. Хӯроки тайёрро дар табақчаҳои алоҳида ё табақи калон гузошта, ба рӯяш кабудӣ пошед ва ба дастархон диҳед.

Мохиро ба тарзи оддӣ низ бирён мекунанд. Моҳиро тоза шуста, обашро камтар равонда, пора карда, намак пошида, дар орд ҷӯлонда, дар дег ё тоба дар равгани растании доғ бирён кунед. Мохиро аз тарафи худ андозед,



*Расми 25. Тарзи тоза ва пора кардани моҳӣ*

то ин ки равған чарахса накунад, то сурх шудани рӯяш пазед, баъд қайлаи помидор андозед. Барои ин помидор ва кабудиро реза карда камтар бирён кунед, баъд каме об андохта ҷӯшонед. Мурч ва қаламфурро мувофиқи табъ андозед. Баъд моҳиро ба қайлаи помидор ҷӯлонед, дар табақҳо болои ҳам чинед ва ба рӯяш кабудӣ пошида, дар ҳолати гармӣ ё хунукӣ ба дастархон диҳед.

**? Савол ва супориш**

1. Дар Тоҷикистон кадом намуди моҳиҳо мавҷуданд?
2. Дар хонаи шумо кадом намуди моҳиҳо мавҷуданд?
3. Доир ба истеҳсоли гӯшти чорво, мург, моҳӣ комбинатҳо, заводҳо ё фабрикаҳо доред ё не? Дошта бошед, онҳоро номбар кунед.

**Маслиҳати кадбону**

Агар корди моҳӣ тозакарда ва буридаро бо намак шӯед, бӯи моҳӣ аз корд тез меравад.

*Оё шумо медонед?*

*Аз қадимулайём барои нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ хунукии сунъиро истифода мебурданд.*

*Масалан, гӯштро намак зада, дар дохили барф ва ях нигоҳ медоштанд. Гӯштро баъзан дар чоҳ низ нигоҳ медоштанд ва ин тарзи нигоҳдориро имрӯз ҳам истифода мебаранд. Дар миёнаҳои асри XIV якумин яхдон ихтироъ шуд. Дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ дар намоишгоҳи Фаронса соли 1887 аввалин бор яхдонҳои калон ва на он қадар калони ҳарораташон тағйирёбанда ба намоиш гузошта шуданд. Аммо бартариашон дар он буд, ки маҳсулоти хӯрокворӣро чанд рӯз аз вайроншавӣ нигоҳ медоштанд.*

*Ба яхдоне, ки Ҷон Лесли дар Англия ихтироъ карда буд, мукофоти махсус дода шуд. Дар асри XX чанд намуди яхдон бо компрессорҳои газӣ, бугӣ, аммиакӣ, бугу обӣ, вакуумӣ ихтироъ карда шуданд.*

## § 12. Хусусияти таомҳои миллӣ

Хусусияти фарққунандаи ошхонаи таомҳои миллӣ дар он ст, ки гӯштро барои тайёр кардани бисёр таомҳои дуюм манту, тушбера, кабоб, палав, шашлик, навъҳои гуногуни :амбӯса, шавлаи қокин, шӯламошак ва ғайра) истифода iебаранд, ҳамчунин нонҳои миллии ороишдода, пиёздор, ҷаззадор, гӯштин ва ғайра низ мепазанд. Таомҳои якуму дуюми миллии тоҷикӣ серғизо мебошанд. Масалан, барои пухтан ва истеъмол кардани палав чунин маҳсулот лозим аст:

1.**Барои пухтан** – равған, биринҷ, сабзӣ, бехпиёз, гӯшти тоза, қоққарда, нимбирён, қазӣ, қаламфури булғорӣ бо гӯшти қима, барги ток бо гӯшти қима, зира, қоти сиёҳ, кишмиш, нахӯд, зардчӯба ва ғайраҳо.

2.**Барои истеъмол кардан** – бехпиёз, помидор, бодиринг, турб, шалғамча, донаи анор, сирко, пиёзи кабуд, шибит, райҳон, дар фасли зимистон сабзавотҳои намакин ва очоронида ва ғайраҳо (ҳамаи ин маҳсулот дар як навъи таъом истифода бурда мешаванд). Ин яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ мебошад. Ё ин ки дар оташ, дег, танӯр, кӯр, буғ, равған, об ва ғайра пухтани гӯшт ҳам яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ маҳсуб мешавад.

Дар ошхонаи миллӣ аз зарфҳои чинӣ, сафолӣ, чӯбин ва металлӣ ба монанди чойник, пиёла, коса, нимкоса, табақ, табақча, лаълӣ ва ғайра бештар, вале аз зарфҳои пластмассӣ камтар истифода мебаранд.

Ё ин ки як маҳсулотро бо дигараш ҳамроҳ карда таомҳои гуногун пухтан мумкин аст. Масалан, аз орд чунин таомҳоро пухтан мумкин аст:

1.Агар орди бехтаро бо равған бирён карда, об андозем ва пазем, атолаи оддӣ мешавад, ки барои наҳорӣ тавсия мекунанд.

2.Агар ордро дар равғани думба бирён карда, ба он ба ҷои об шир ҳамроҳ кунем, атолаи шифобахш тайёр мешавад, ки онро барои одамони шамолхӯрда тавсия медиҳанд.

3.Ба оби ҷӯш шакар ё наботро ҳал карда, ба орди дар

равған тафдода андозем, ҳалвои тар тайёр мешавад. Атолаи ғафсиаш ба қаймоқ монанд мешавад, ки онро дар пиёла кашида истеъмол мекунанд. Агар обашро нисбат ба атола камтар андозем, ҳалвои тари табақин мешавад, ки онро ба табақ кашида, хунук карда бо корд мебуранд. Онро барои наҳорӣ тавсия мекунанд. Ин ҳам яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ мебошад.

Нӯшокии дӯстдоштаи тоҷикон чой мебошад. Чой яке аз нӯшокиҳои қадимтарин ба ҳисоб меравад.

Ватани чой Хитой аст.

*Дар ривоятҳои қадимаи хитоӣ дар бораи пайдоиши чой чунин ҳикоя мекунанд: дар Хитой амалдори донишманде бо номи Даррома зиндагонӣ мекард. Боре он дар хобаш Буддоро дид ва аз он ба ҳаяҷон омада, шабу рӯз чашм напӯшида ибодат мекард. Як вақт Даррома худашро дошта натавонист ва хобаш сахт бурд. Донишманд аз хоб бо ҳаяҷон бедор шуд ва фаҳмид, ки қасами ба Буддо (Худо) додаашро вайрон кард. Ва Даррома пилкҳои чашми худро бурида ба замин партофт. Дар аввали баҳор дар ҳамон ҷое, ки пилки чашми донишманд афтода буд, як бех бутта сабз шуд, ки барги он хусусияти аҷоиб дошт – хоби касро мепарронд.*



*Расми 26. Дастархон барои чойхӯрӣ*

Чойро аз алаф не, балки аз баргҳои буттаи чой тайёр мекунанд, ки ҳар кадоме номи худро пайдо кардааст.

Барги навбаромадаи чойро ба забони хитоӣ "Тцайей" меноманд. Аз он ибораи "бай-хоа" пайдо шудааст, ки маънояш "мижаи сафедча" мебошад. Дар ҳақиқат, як тарафи барги чой бо мӯйчаҳои борики нуқрагин пӯшида шудааст, ки ба мижа ё мижгони сафедча монанд аст.

Ҳоло дар саноати чойбарорӣ нисбат ба калимаи “байхови” (чойи донадор) ибораи “чойи байха” истифода мешавад.

Дар таркиби чой алкалоидҳо (кофеин), ферментҳо, аминокислотаҳо, пигментҳо, провитамини А, витаминҳои В1, В2, С, Р, К ва ғайраҳо мавҷуданд.



*Расми 27. Сервиз барои қаҳва*

Чой барои инсон маҳсулоти зарурӣ ба ҳисоб меравад ва нӯшидани он фоидаи калон меоварад.

Чойро дар ҷум-ҳуриҳои Гурҷистон, Озарбойҷон, Қрим, ҷануби Осиёи Миёна истеҳсол мекунанд; қаҳва ва какаоро нисбат ба чой камтар истифода мебаранд.

Барои чойро дам кардан чойникро баъд аз тоза шустан дар оби ҷӯш мечайқонанд, баъд чои хушкро андохта, оби ҷӯш мерезанд. Сипас чойникпӯшакро пӯшонда, чойникро ба болои чойникмонак мегузоранд, баъд аз 5 дақиқа чой тайёр мешавад. Дар вақти рехтани чой ба пиёла ба чумаки чойник тӯри металлӣ мегузоранд, то ки шаммаи чойро нигоҳ дорад.

Ватани қаҳва – Эфиопия, ватани какао – Америкаи Ҷанубӣ мебошад.

Барои чойнӯшӣ ва қаҳванӯшӣ сервизҳои махсус мавҷуданд. Пиёла ва чойникро дар лаълии алоҳида, шираворӣ, меваҷот ва нонро дар лаълии алоҳида медиҳанд.

## Доир ба нон

Нон яке аз ҳайратангезтарин маҳсулоти табиат ва ғизои инсон мебошад. Нон аз ҳама қадимтарин, бузургтарин, боэътимодтарин намуди таом дар рӯи замин

ба шумор меравад. Он моро аз қадами аввалин то охирин ҳамроҳӣ мекунад. Нон ин бойгарии миллат мебошад. Бо нон пурра таъмин шудан ин дараҷаи некӯаҳволии халқамон аст. Шоирон дар бораи нон шеърҳо навиштаанд, рассомон расм кашидаанд, ки ҳамаи ин баёнгари меҳру муҳаббати бепоёни онҳо нисбат ба ин маҳсулоти асосии хӯроки инсоният мебошад.

Нон ба осонӣ ба даст наомадааст. Он маҳсули меҳнати ашхоси зиёд аст. Ҳар як донаи гадумро ба тилло ташбеҳ медиҳанд. Дар ҳақиқат онро тиллогин меноманд, аммо он аз тилло ҳам қиматтар аст, чунки ба инсон қуввати ҳаёт мебахшад.

Ҳамаи халқу миллатҳо нисбат ба нон эҳтироми зиёд доранд. Агар нисбат ба нон беэҳтиромие шавад, гуноҳи азим мешуморанд.

Эҳтироми нон, махсусан дар байни халқҳои Осиёи Миёна зиёдтар аст. Аз дастархон ягон пораи нонро намепартоянд, дар кӯча нонро бинанд, гирифта ба ҷои намоён мемонанд. Нони аз замин гирифтаро ба чашм мемоланд, чунки он мисли чашм азизу мӯътабар аст.

Қувваи нон зиёд аст, бӯи нонро ба ягон бӯй иваз кардан мумкин нест.

Нон ҳеҷ гоҳ ба дил намезанад ва моро аз ҳамаи нохушию нооромӣ нигоҳ медорад. Бо шунидани калимаи "нон" рӯи одам гарм ва хушнуд мешавад. Доир ба нон бузургон суханҳои зиёд гуфтаанд. Дар бораи нон бисёр гуфторҳо, зарбулмасалҳо, сурудҳо, китобҳо мавҷуданд:

**,Нон ҳам нону нонреза ҳам нон.**

**xxx**

**Нон гиря мекунад, вакте ки онро танбал мехӯрад.**

**xxx**

**Нона хӯру намака андеша кун.**

**xxx**

**Нон савлати халқ аст.**

xxx

**Неъмати олии дастархони мо,**
**Дар тамоми кариҳо нон аст, нон.**
**Аз барои тандурустӣ доимо,**
**Аввалин дорую дармон аст нон.**

Академик К.П. Тимирязев “як бурда нони нағз пухтагии гандум ин яке аз бузургтарин бозёфти ақли инсон мебошад”, – гуфтааст.

Доир ба нон дорусози франсавӣ Перементйе чунин гуфтааст: “Нон ин тӯҳфаи бузургтарин, олитарини табиат аст, ки онро бо дигар таом иваз карда намешавад. Нон ин ҷенаки саломатист, касал ки шудем, таъми нонро дар навбати охирон гум мекунем ва агар аз нав таъми нонро ҳис кунем, ин нишонаи саломат шудан аст”.

Бо нон қасам мехӯранд, ин ҳолати ноилоҷист, чунки аз он волотар қуввати қасам нест.

Умуман байни халқи тоҷик нисбат ба ҳурмату эҳтироми нон урфу одатҳои зиёде мавҷуданд:

1.Нонро дар дастархон чаппа намегузоранд, бо як даст намешикананд, бо ду даст мешикананд.

2.Агар бача таваллуд шавад, ба таги сари ӯ нон мегузоранд, то ин ки нон барин азиз ва бузург шавад.

3.Агар бачаро ба гаҳвора бананд, ба модараш нонро мегазонанд, ки ҳамчун нон мӯҳтарам бошад ва умри дароз бинад.

4.Духтар ва писарро хонадор кунанд, аввал ноншиканон мекунанд, то ки чун нон рӯяшон гарм ва соҳибэҳтирому бузург бошанд ва дар рӯзгори обод зиндагонӣ кунанд.

5.Агар фарзандашонро ба хизмати ватан фиристонанд, аввал нонро ба ӯ мегазонанд ва онро то омаданаш нигоҳ медоранд, то ки насибаш ба ҳамин нон ҳамроҳ шуда ояд.

**? Савол ва супориш**

1.Аз чӣ сабаб нисбат ба нон ҳамаи халқҳо эҳтироми хос доранд?

2. Доир ба ҳурмат ва эҳтироми нон дар хонаи шумо чӣ хел қоида чой дорад?
3. Бе нон ҳаёт мавҷуд аст ё не?
4. Сухани бузургон доир ба нонро гуфта диҳед.

**Инро дар хотир доред**

1.Якумин офарандаи нон ин зан аст.
2.Ба шарафи устодони нон ба нонвойҳо ҳайкал мегузоштанд. Ду ҳазор сол пеш ба нонвой Марк Эврисак, ки касби меросӣ дошту қариб ҳамаи Римро бо нон таъмин мекард, ҳайкали сездаҳметра гузоштаанд.

## § 13. Хамири нон

Дар байни маҳсулоти хамирӣ нон ҷои махсусро мегирад. Ба маҳсулоти хамирӣ дохил мешаванд: нони обӣ, равғаннок, ширдор, ширмол, зағора, кулча, фатирҳои гуногун, қатлама, чалпак, тунукча, самбӯсаҳои танӯрин ва ё бирён (қимааш аз гӯшт, картошка, каду, алаф ва ғайра) ва ҳамаи таомҳои хамирии 1-ум ва 2-юм. Нонҳоро асосан дар танӯр, тафдон, тоба ва ғайра мепазанд. Танӯрҳоро мувофиқи истифодабарӣ ҳар хел мешиносанд; барои самбӯса даҳонаш ба боло, барои нон уфуқӣ. Дар вақти нонро часпондан ба дасти рост остинча мепӯшанд. Ба болои он нонро чаппа гузошта, намакоби паст зада ба танӯр мечаспонанд. Агар нон калон бошад, онро ба рӯи рафида гузошта ба танӯр мечаспонанд.

Рафидаро ин тавр месозанд. Фанер ё картонро бурида, ба болояш пахта гузошта, бо матои зичбофтаи ғафс рӯкаш мекунанд ва ба ақибаш барои гузаронидани даст тасма мечаспонанд. Остинчаро ин тарз медӯзанд. Матои ғафси зичбофтаро кушода, ба болои он 2 см пахта ва аз болои он матои пахтагини сиёҳчатоб ё

хокистаррангро гузошта, ҳамчун кӯрпа аз тарафи чаппааш ларанда мекунанд. Баъд аз часпондани нон ба он об мепошанд. Нон дар дохили танӯр аз ҳисоби буғ ва нурҳои инфрасурхи аз оташи ҳезум баромада ва гармии девори танӯр мепазад. Тайёршавии нонро аз рӯи сурх шудани он муайян мекунанд. Нонро аз танӯр ба воситаи нонканаки металлӣ ё остинча (ба дасти рост мепӯшанд) ва афзори кафгирмонанд (дар дасти чап меистад) канда мегиранд. Нон ва самбӯсаҳое, ки дар танӯр мепазанд, бӯю таъми нотакрор, хосиятҳои парҳезӣ ва шифобахшӣ доранд. Нонро дар тафдон ҳам пухта метавонед. Барои тайёр кардани нон ва самбӯса чунин таҷҳизот лозиманд:

1.Тағора барои хамиркунӣ (сирдор, сафолин, мисин).

2.Элакҳои ҳархела барои бехтани орд. Элаки калон дар 1 $см^2$ 25, миёна – 100, хурд – 400-то сӯрохӣ дорад.

3.Тахтачаи доирашакл барои ба қисмҳо тақсим кардани хамир ва рост кардани нон. Онро аз фанери ғафсиаш 20 мм ва қутраш 30 – 35 см сохтан мумкин аст.

4.Тахтаи чоркунҷа ё росткунҷа барои тақсим ва паҳн кардани хамири ҳама намуди маҳсулоти хамирӣ, ки васеъгиаш 25 см ва дарозиаш 1 м буда, пояҳои кӯтоҳ дорад. Онро оштахта меноманд, дарозии тиракаш 1 м.

5.Чӯба махрутшакл буда, аз чӯб сохта мешавад, мобайнаш ғафс, аз ду тараф даста дорад.

6.Нонпар асбобест, ки бо он нонро пар мезананд. Он аз чӯби дарахтони мевадор махрутшакл ё нимкурашакл (бо дастакчааш) сохта мешавад. Ба асоси нонпар мехчаҳои бесарак мезананд. Нонпарро худатон ҳам сохта метавонед. Барои ин 40 – 50 дона пари дарози мурғро тоза шуста, хушк кунед, баъд бо матои ғафси тасмашакл печонед, байни парҳо ҷои холигӣ монед. Барои ин қатори марказиро аз 3 – 4 пар бо матои чорқабата, қатори 2-юмро аз 6 – 8 пар бо матои тасмашакл, қатори 3-юмро аз 12 – 16 пар ва қаторҳои минбаъдаро ҳамин тавр бо матои тасмашакл нағз печонед.




*Расми 28. Асбобҳо барои тайёр кардани маҳсулоти хамирӣ: а – тағорачаҳо; б – намудҳои элак; в – тирак; г – тахтаи ош; ғ – чӯбаҳо; д – тахтачаи мудаввар барои рост кардани нон; е – чавлӣ; ё – рафида; ж – остинча; з – буррак ва корд*

## Тайёр кардани хамир барои нон

Хамирро дар ошхонаҳои миллӣ барои нон ва маҳсулоти хамирӣ асосан якбора мешӯранд.

Маҳсулот: орд, об, хамиртуруш, намак.

Агар хамир ширмол бошад, чунин маҳсулот лозим аст: тухм, шакар, равған, шир, қаймоқ ва ғайра.

Хамирро ба чор тарз мешӯранд:

1.Хамири муқаррарӣ, яъне обӣ.

2.Хамири ширмол бе хамиртуруш.

3.Хамири муқаррарӣ бо хамиртуруш.

4.Хамири ширмол бо хамиртуруш.

## Тайёр кардани хамири муқаррарии обӣ

Дар тағорача намакро дар об ҳал карда, як қисми

ордро андохта мешӯрем. Баъд як қисми орд ва обро ҳамроҳ карда хамир мекунем. Ба он аҳамият медиҳем, ки орд якхел шӯрида шавад. Хамири тайёршударо лӯнда карда ба тағорача андохта, рӯяшро бо сачоқча печонда, 10 – 15 дақиқа мемонем. Миқдори маҳсулот барои хамири муқаррарӣ: 1 кг орд, 2 истакон оби нимгарм, 1 қошуқча намак. Аз ин намуди хамир нони пиёздор, қатлама, фатир, навъҳои гуногуни самбӯса, манту, тушбера, угро, лағмон ва ғайра пухтан мумкин аст.

## Тайёр кардани хамири ширмоли бе хамиртуруш

Барои тайёр кардани ин хел хамир 1 кг орд, 2 истакон шир ё қаймоқ, 1 қошуқи калон равған, 1 дона тухм ва 1 қошуқча намак лозим аст. Агар хамирро фақат бо тухм тайёр кунанд, он гоҳ 4 – 5 дона тухмро истифода мебаранд. Ба ин хел хамир равғани зард, маска, думба, чарбу низ меандозанд. Аз ин хел хамир нони ширмол, фатир, баъзе навъҳои самбӯса ва дигар маҳсулоти хамирӣ тайёр мекунанд.

## Тайёр кардани хамири муқаррарӣ бо хамиртуруш

Дар тағорача аввал хамиртурушро ҳал карда, намакоб ҳамроҳ мекунанд, баъд қисм-қисм орд ва об андохта мешӯранд. Ба он аҳамият додан лозим аст, ки орд як хел шӯрида шавад. Баъд хамири тайёрро дар тағорача монда, бо сачоқча рӯяшро пӯшида, ба дастархон ё хамирпечонаки махсус печонда, то расиданаш дар ҷои гарм гузоштан лозим аст.

Мӯҳлати расидани хамир вобаста ба миқдори хамир, хамиртуруш ва ҳарорати ҳавои хона – аз 1 то 4 соат. Бинобар ин онро ҳар замон дида истодан лозим аст. Баъд хамирро ба даст баланд бардошта ҷудо кунед. Агар он загорамонанд шуда бошад, хамир тайёр аст. Барои ин хел хамирро тайёр кардан 1 кг орд, 25 – 30 г хамиртуруш,

2 истакон оби ширгарм, 1 ё 2 қошукча намак лозим аст. Аз ин хамир бисёр намуди нон, навъҳои гуногуни самбӯса мепазанд.

## Тайёр кардани хамири ширмол бо хамиртуруш

Барои тайёр кардани ин хел хамир ҳамаи маҳсулот – орд, шир, тухм, намак, шакар, хамиртуруш ва ғайраро якбора меандозанд.

Барои тайёр кардани ин хел хамир 1 кг орд, 35 – 45 г хамиртуруш, 2 истакон шири нимгарм (1 истакон шир ё 1 истакон қаймоқ ё 1 истакон равғани доғкарда) лозим аст.

Агар хамирро бо тухм тайёр кунанд, он гоҳ 5 – 6 дона тухм, 2 қошукча намак, 3 – 4 қошуқ шакар лозим аст. Аввал ба шир хамиртуруш ва намакро ҳал карда, баъд ба он орд, шир, қаймоқ, равған ва тухми лат задашударо қисм-қисм андохта, мешӯрем. Хамири тайёрро бо сачоқча пӯшонида, бо хамирпечонак печонда, дар ҷои гарм мегузоранд.

Баъзан ба ҷои хамиртуруш ҷурғот ё қаймоқи туршшударо истифода мебаранд.

**?** **Савол ва супориш**

1. Нонро дар куҷо мепазанд?
2. Дар бораи танӯр маълумот диҳед.
3. Барои пухтани нон кадом таҷҳизотро истифода мебаранд, вазифаи онҳоро гӯед.
4. Вазифаи нонпар дар вақти пухтани нон аз чӣ иборат аст?

**Инро дар хотир доред**

Дар вақти сохтани остинча, албатта, матои зичбофти пахтагини сиёҳтоб ё хокистаррангро истифода баред, барои рӯяш ва дохилаш аз матои пахтагин истифода кунед.

**Фикр кунед, ҷавоб диҳед, созед**

Барои сохтани остинча матоъ, пахта, сӯзан, ришта, қайчӣ лозим аст. Фикр кунед, ки кадом шакли остинчаро интихоб намудед. Барои дӯхтани остинча аввал қолаби онро тайёр кунед, баъд қолабро ба матоъ гузошта буред, сипас пахтаро гузошта, онро аз тарафи чаппааш лаганда карда, роста кунед. Нӯгҳои онро матоъ гузошта гирд дӯзед. Бо модаратон маслиҳат карда, корро иҷро кунед, ба сифати коратон модаратон баҳо диҳад.

## Кори амалӣ

## Пухтани нони обӣ

Таҷҳизот: тағорача, истакон ё пиёла, қошуқи таомхӯрӣ, қошуқча, тахтача.

Миқдори маҳсулот: 1 кг орд, 2 истакон об, 1 қошуқча намак, 25 – 40 г хамиртуруш.

**Рафти кор**. Қоидаҳои тайёр кардани хамир бо хамиртурушро ба назар гирифта, хамири хамиртурушдори муқарририро тайёр кунед ва онро ба тағорача андохта, рӯяшро бо сачоқча пӯшида, бо хамирпечонак печонда, барои расидан ба ҷои гарм гузоред.

2.Баъд аз расидани хамир онро ба рӯи миз ё тахтача гузошта, ба қисмҳо (250 – 300 г) ҷудо мекунем. Ҳар як қисмро байни кафи даст гузошта, совиш дода, зувола месозем ва рӯяшро бо сачоқча мепӯшонем.

3.Баъд онро доирашакл рост карда (ғафсии миёнаҷояш 0,5 см, гирдаш 2 см), мобайнашро бо нонпар пар мезанем. Барои он нонпар мезанем, ки маҳсулот дар вақти пухтан зиёд варам карда, шаклашро гум накунад. Бо сачоқ пӯшидан маҳсулотро аз шамол задан нигоҳ медорад. Агар рӯи маҳсулотро напӯшем, он мекафад, рӯяш шах мешавад. Бинобар ин нони хоми росткардаро рӯ ба поён гузошта,

болояшро ҳам бо дастархон ё хамирпӯшак мепӯшонанд ва баъди 15 – 20 дақиқа ба танӯр оташ дода, онро мечаспонанд.

4.Пеш аз пухтани нон лахчаро дар мобайни танӯр ҷамъ карда, бо хокистар (ё бо сарпӯши оҳанӣ) мепӯшонем, ба танӯр камтар об мепошем, баъд остинчаро пӯшида, ба пушти нон камтар намакоб молида, ба танӯр мечаспонем. Баъди камтар дар ин ҳолат истодан лахчаҳоро кушода, барои буғ ҳосил шудан ба рӯи нон об мепошем. Баъди 20 – 25 дақиқа нон мепазад. Онро бо белчаи элакмонанд ё остинча канда, камтар хунук карда, баъд ба мизи хӯрокхӯрӣ медиҳем.



*Расми 29. Тарзи тайёр кардани нони обӣ*

**Савол ва супориш**

1.Барои бо хамиртуруш хамир кардан аввал кадом маҳсулотро истифода мебаранд?

2.Сабаби 1 – 4 соат дам гирифтани хамири хамиртурушдор дар чист?

3.Нақл кунед, ки хамирро дар хонаатон чӣ тавр тайёр мекунед ва нонро дар танӯр ё тафдон чӣ хел мепазед.

## Кори амалӣ

### Тарзи тайёр кардан ва пухтани нони гӯштдор

Таҷҳизот: тағорача, корд, нонпар, истакон, қошуқ, қошуқча.

Миқдори маҳсулот: 1 кг орд, 2 истакон об, 25 г хамиртуруш. Барои қима: 300 г гӯшти лахм, 2 дона пиёз, намак, қаламфур – мувофиқи табъ.

**Рафти кор:** Хамирро ҳамчун барои нони муқаррарӣ бо равған тайёр мекунанд. Баъд аз расидани хамир онро дар тахтача кам-кам орд пошида ба ғафсии 1,5 – 2 см рост мекунанд. Сипас ба рӯи он гӯшти қимаи тайёркардаро гузошта, ба шакли рулет мепечонанд. Баъд хамирро ба қисмҳои 150 – 200 - граммӣ тақсим карда, зувола мегиранд (хоҳед корд занед), ба шакли нон оварда (ғафсии гирдашро 21 см, мобайнаш 0,5 см) пар мезананд. Ба ҷои ҷазза қимаи гӯштро истифода мебаранд. Агар гӯшти равғандори гӯсфанд бошад, як маротиба, гӯшти гов бошад, ду маротиба аз гӯштқимакунак гузаронед ва ба он пиёзи маҳин резакарда, намак, мувофиқи табъ мурч ё қаламфури тунд ҳамроҳ кунед. Ба хамири бо даст росткарда қимаи тайёрро ҳамвор гузоред (давоми кор дар расм нишон дода шудааст). Ҳаминро дар назар доред, ки қима аз себ, олуча, умуман меваҷот ё сабзавот ҳам тайёр карда мешавад (рафти



*Расми 30.*
*Тарзи тайёр кардани нони ҷаззадор ё гӯштдор*

рост кардан ва пухтанаш як хел мебошад). Нони гӯштдор-

ро дар танӯр ё тафдон мепазанд. Баъд дам дода ба рӯи миз мегузоранд. Агар нони гӯштдорро дар тафдон пазед, аввал хамирро ду тақсим кунед, 1 порсияи нонро боз ба ду тақсим карда, ду зуволача гиред ва зуволачаҳоро бо чӯба паҳн кунед. Метавонед шаклашро секунча, чоркунча, росткунча ва мисли нон доирашакл кунед.

Зуволаи якумро нисбат ба зуволаи дуюм 1 см зиёдтар паҳн кунед. Ба зуволаи якуми росткарда қимаи тайёршударо гузошта, бо даст ҳамвор кунед ва зуволаи дуюмро ба болои он гузошта пайваст кунед. Ба рӯяш тухм молида, дар тафдон пазед.

*Эзоҳ:*

*1.Ба рӯи нон сиёҳдона ё кунҷид пошидан мумкин аст.*

*2.Ба рӯи нон то ба танӯр часпондан ҷурғот, баъд аз пухтан равған молида ё об пошида мешавад. Агар нонро дар тафдон пазед, ба рӯи нон ҷурғот ё зардии тухмро молед, ё ин ки баъд аз пухтан камтар об пошед ё равған молед.*

*3.Ба хамири ширмол ба ҷои об шир меандозанд.*

*4.Барои нони ҷаззадор, пиёздор, равғандор пухтан шир ё об, равған ҳамроҳ мекунанд. Қоидаҳои пухтани он ба нони гӯштдор монанд аст.*

*5.Барои пухтани фатир хамирро бо шир, равған, хамиртуруш (ё бе хамиртуруш) тайёр мекунанд.*

## ? Савол ва супориш

1.Нони обӣ, равғаннок, гӯштдорро чӣ хел тайёр мекунанд?

2.Барои пӯхтани фатир кадом намуди маҳсулот лозим аст?

3.Барои чӣ ба хамир хамиртуруш меандозанд?

4.Пайдарҳамии тайёр кардани хамири ширмолро гӯед.

## Фикр кунед, иҷро кунед, ҷавоб диҳед

Меъёри нӯшидани об дар як шабонарӯз 2 – 2,5 л аст. Инро дар хотир дошта, тартиб ва миқдори нӯшидани

об ва чойро дар вакти хӯрокхӯрӣ барои оилаи худ муайян кунед ва дурустии хисобатонро аз муаллима пурсед.

## *Оё шумо медонед?*

*Халқи тоҷик дар пухтани нонҳои миллӣ аз қадимулайём машҳур аст (қариб 800 намуди нонро мепазанд). Нонҳои қутрашон аз 8 – 10 см (кулчаҳо) то баробари ҳаҷми дастрахон ва аз он калонтарро ҳам вохӯрдан мумкин аст.*

*Масалан, дар қишлоқҳои Зиддӣ нонҳои танӯрие вомехӯранд, ки қутрашон 1,5 м, ғафсиашон 10 см ва вазнашон аз 12 кг зиёд аст.*

*Тоҷикон бо ҳунари нонпазӣ ва хелҳои нон байни дигар халқҳо ном баровардаанд.*

**!** **Соҳибхоназан бояд инро дар хотир дорад**

1.Нонро дар нонгузорак нигоҳ доред. Нон он ҷо 2 – 3 шабонарӯз мулоим меистад ва лаззати худро гум намекунад. Аз нонгузорак нонрезаҳоро чида истодан лозим аст. Онро ҳафтае як маротиба бо маҳлули пасти сирко ва оби тоза шуста, хушк кунед.

2.Агар нонгузорак надошта бошед, нонро дар халтачаҳои полиэтиленӣ дар зарфи сирдор нигоҳ доред. Онро ҳам тез-тез бо оби гарм шуста, тоза ва хушк кунед.

3.Агар нонро дар зарфи сирдор нигоҳ доред, бӯй ва мазаи хоси худро муддати зиёд нигоҳ медорад. Ба таги зарф камтар ванилин гузошта, рӯяшро бо полиэтилен пӯшед.

Агар нон шах ё камтар мағорзада бошад, чойҳои мағорзадаро бо корди тез бурида, бокимондаашро истифода баред.

Агар нон шах шавад, онро напартоед, ба ғафсии 0,5 – 0,7 см бурида, ба он камтар об пошида, 3 – 4 дақиқа ба тафдон дар ҳарорати 150 – 160°С гузоред. Он гоҳ нон бӯй ва лаззати худро барқарор мекунад.

### *Оё шумо медонед?*

*Аз нони шахшуда таомҳои болаззат тайёр кардан мумкин аст:*

**1.Кулча аз панир (творог) барои чор нафар.**

Миқдори маҳсулот: нони шахшудаи гандум – 300 г, панир – 500 г, мавиз – 50 г, шир – 0,5 л, нони кок – 40 г, шакар 60 г, тухм – 2 дона, маска ё маргарин – 40 г.

**Рафти кор.** Нони бе пуштакро бо гафсии 0,5 см реза карда, панирро аз элак ё турбтарош гузаронида, ба он як ҳисса шакар, тухм ва мавизро (тоза шуста, хушк карда) ҳамроҳ карда, қимаи панирин ҳосил мекунем. Баъд боқимондаи тухм, шир ва шакарро омехта, як тарафи нонро ба он тар карда, ба тобаи равғанмолида (тарафи хушкашро рӯ ба боло карда) мегузорем ва ба он фарши помидорро мемонем. Ба тоба пораҳои нонро ҷафс гузошта, фарши панирин мерезем. Сипас тарафи тари онро боло карда, то тайёр шудан ба тафдон мегузорем.

Онро бо чой, қаҳва, мокут (кисел) истеъмол мекунанд. Бо ин роҳ кулчаро аз себ ҳам тайёр кардан мумкин аст.

**2.Запеканка – нони мавиздори дар тафдон пухта барои чор нафар.**

Миқдори маҳсулот: нони шахшудаи гандумӣ – 200 г, шир – 250 г, маска ё маргарин – 80 г, шакар – 60 г, тухм – 4 дона, мавиз – 120 г.

**Рафти кор.** Нонро ба қисмҳо ҷудо карда, барои варам кардан чанд дақиқа дар шир мегузоранд. Баъд онро ба омехтаи аз равған, шакар, мавиз ва тухми латзада тайёркарда ҷӯлонда, талқони нони кок пошида, чор қабат (30 см) карда ба тоба гузоред, 30 дақиқа таф диҳед ва бо чой, шир истеъмол кунед.

**3.Запеканка (кулчаи тафдода) аз сабзӣ.**

Миқдори маҳсулот: нони шахшуда – 200 г, шир – 250 г, маска ё маргарин – 80 г, шакар – 40 г, тухм – 1 дона, қаймоқ – 100 г.

**Рафти кор.** Ба нон ё нони қоқ шир рехта, онро якчанд дақиқа дам дода, аз гӯшткимакунак гузаронед ва сабзии тарошидаро бо равғани обкарда ва тухм омехта, ҳамаи онро ба шакли муайян дароварда, дар тоба ё тафдон таф диҳед, яъне пазед. Ба дастархон бо қаймоқ ё маска диҳед.

**Талабот.** Барои сарфакорона истифода бурдан нонҳои обашон парида ё қокро напартоед. Аз онҳо бо истифода аз маҳсулоти гуногун, масалан сабзӣ, лаблабуи сурх кулча пазед.

**4.Кулчаро бо лаблабу ин тарз ҳам тайёр кардан мумкин аст.**

**Рафти кор.** Лаблабуи пухтагиро пора карда, бо тухм ва мавиз омезед, нонпорaро ба об тар карда, талқони нони қок пошида, қабат–қабат (як қабат нон, як кабат лаблабу, як қабат тухм) ба тоба гузоред ва дар тафдон 40 дақиқа пазед.

Ба дастархон бо қаймоқ дода мешавад.

**5.Қӯймоқ барои 4 нафар**.

**Миқдори маҳсулот:** нони қоқ – 400 г, шир – 50 г, хамиртуруш – 20 г, тухм – 2 дона, равғани растанӣ – 30 г, шакар – 60 г, қаймоқ ё мураббо – 100 г, намак – мувофиқи табъ.

**Рафти кор.** Пораҳои нони қокро талқон карда ба шири гарм меандозем, ба он хамиртуруш, шакар, намак (бо нӯги корд)-ро нағз меомезем ва барои расидан дар чои гарм 2 соат мегузорем. Метавонед мувофиқи хоҳиш ба он себи тозакарда ё мавиз ҳамроҳ кунед. Қӯймоқро дар тоба аз ду тараф то тиллоранг шуданаш бирён кунед, баъд равған рехта, ба болояш шакар пошед. Ба дастархон бо қаймоқ, шири хунук ва мураббо медиҳанд.

**6.Нони қоқи тафдодаи ширин.**

Миқдори маҳсулот барои 4 нафар: нони қоқи гандумӣ – 200 г, тухм – 1 дона, шир – 150 г, маска ё маргарин – 40 г, шакар – 40 г.

**Рафти кор.** Нонро ба ғафсии 0,5 см бурида, ба омехтаи тухму шир нағз тар карда, дар маска ё маргарин бирён кунед. Аз ду тараф шакар пошед. Ба дастархон бо чой ё қаҳва дода мешавад.

## § 14. Маҳсулоти хамирӣ

Дар истеҳсолот аз орди гандум, сулӣ, ҷуворимакка ва ғайра бисёр намуди маҳсулот тайёр мекунанд. Аз орд нон, самбӯса, қатлама, маҳсулоти қаннодӣ, манту, угро, туппа ва ғайра мепазанд. Дар таркиби орд бисёр моддаҳои шифобахш, монанди ангиштоб, сафеда, равған, моддаҳои минералӣ, оҳар (крахмал), витамин ва ғайраҳо мавҷуданд. Орд чанд навъ мешавад: аъло, якум, дуюм ва ғайра. Орди гандуми навъи якум аз витаминҳо бой буда, моддаҳои минералии зиёд дорад. Онро барои пухтани маҳсулоти гуногун истифода мебаранд.

Пеш аз истифода бурдан сифати ордро муайян кардан лозим аст. Таъмаш ширин, соф бошад, бӯи ғайр надошта бошад, намнокиаш мӯътадил бошад (барои муайян кардани намнокӣ ордро ба каф гузошта зер карда, баъд кафи дастро кушоед. Агар ҳангоми зер кардан орд аз кафи даст резад, намиаш мӯътадил аст), сифаташ хуб аст.

Ордро дар халтаҳои матоӣ, зарфҳои сирдор, шишагин дар ҷои хушк ва хунук нигоҳ медоранд.

Хамир ин массаи ғафси орд бо хамиртуруш аст. Тарзи тайёр кардани хамир вобаста ба шароит ва шаклҳои истифодабарӣ гуногун аст. Аз хамири расидаи хамиртурушдор асосан нон, нони бӯлка, кулча ва ғайра мепазанд. Аз хамири бе хамиртуруш манту, тушбера, угро ва ғайра тайёр мекунанд. Боз хамирҳои варақин, бисквитӣ, резак ва ғайра мешаванд. Таркиби хамир асосан аз орд, моеъ (шир, об, мост), шакар, тухм, равғани обкардагӣ, маска, равғани зард, равғани растанӣ, хамиртуруш, намак, адвиёт, ванилин, пӯсти лиму, афлесун, чормағз, мавиз, меваҷот ва ғайраҳо иборат аст.

### Хамири ширмоли хамиртурушдор

Онро барои пухтани нон, кулчаҳо, пирог, кулчаҳои ширин ва ғайра истифода мебаранд. Хамири варақини бе

хамиртуруш низ тайёр мекунанд. Хамири бисквитӣ аз омехтаи орди гандум ва картошка тайёр карда мешавад, албатта, бо ҳамроҳ кардани тухм. Аз хамири бисквитӣ торт, рулет, пирожний, печенйе мепазанд. Барои тайёр кардани ҳамири резак ҳамаи маҳсулот (равган, шакар, тухм)-ро ғиҷим карда бо орди гандумии бехта мешӯранд.


*Расми 31. Хамиршӯрак*

Дар шароити завод хамирро дар мошинҳои махсус (хамир - шӯрак) тайёр мекунанд. Хамири тайёрро ба қолабҳои махсус андохта, ба шакли муайян медароранд.

## Тайёр кардани хамир барои нон ва нони бӯлка

Нони бӯлка аз маҳсулоти қаннодӣ бо он фарқ мекунад, ки яке ширин асту дигарӣ не. Агар орд нисбат ба дигар маҳсулоти хамир зиёд бошад, аз он нони бӯлка мепазанд. Агар орд аз нисфи маҳсулоти хамир (равған, тухм, шакар ва ғайра) кам бошад, ин хамир барои маҳсулоти қаннодӣ истифода бурда мешавад.

Нон ва нони бӯлкаро дар нонвойхонаҳо ва заводи нон тайёр мекунанд, онро нонвойҳо мепазанд. Ҳангоми пухтани онҳо ҳарорати буғшавӣ ва низоми кори таҷҳизоти нонпазиро ба инобат мегиранд, ки ба талабот ҷавобгӯ бошад. Дар фабрикаҳои бисквитӣ ҷараёни тайёр кардани хамири бисквитӣ, навъҳои аълои печенйе, кулчаҳои қандин, кремҳо, ороишдиҳӣ, ба шакли муайян даровардан ва пухтани маҳсулот ба таври автоматӣ сурат мегирад.

## Тайёр кардани хамири бепайгир

Барои тайёр кардани хамири бепайгир ба зарф об ё

шири ҳарораташ 30 – 35°С рехта, дар он шакар ва намакро ҳал кунед, баъд ба он тухм ва орди бехтаро андозед (як миқдори ордро барои рост кардани хамир монед). Пеш аз тайёр шудани хамир ба он равғани чорво ё равғани растанӣ ё қаймоқ андохта, то ғафс шуданаш нағз мушт кунед, то ин ки якхела шавад ва ба девори тағора часпида намонад.

Хамири тайёрро бо латтаи тоза пӯшед ва барои расидан 3 – 4 соат дар ҷои гарм (25 – 35°С) гузоред. Барои дур кардани гази карбонати хамир онро якчанд маротиба мушт кунед. Дар вақти муштकунӣ хамир аз оксиген бой мешавад. Он ба баландшавии хамиртуруш мадад мерасонад. Дафъаи якум хамирро баъди 1 – 1,5 соат ва дафъаи дуюм баъди 2 – 2,5 соат мушт кунед.

## Тайёр кардани хамири пайгирдор

Дар ин вақт ба шир ё оби ҳарораташ 30 – 35°С хамиртурушро гузошта, тахминан нисфи орди бехтаро андохта, то пурра омехта шудан шӯред. Ба он боз камтар обро пошида, ба рӯяш латтаи тозаро гузошта, то расиданаш ба ҷои гарм гузоред. Зарфи хамирдорро ба оби гарм гузоред. Дар вақти расидан ҳаҷми хамир 2 – 3 маротиба зиёд мешавад. Пайгир дар вақти тайёр шудан паст мешавад. Мӯҳлати расишаш вобаста ба ҳарорат ва сифати хамиртурушу орд – 3 – 4 соат. Баъди пурра расидан ба он шакар, тухм, намак, орди боқимондаро андохта, то ба даст начаспидан ва аз девори зарф кӯчидан мушт кунед. Баъд ба он равған андохта, то пурра ба хамир омехта шудани равған мушт кунед ва 1 – 2 соат барои расидан монед.

**Ин сирро дар хотир доред**

Хамир ва пайгирро дар вақти муайян гузоштан лозим аст, чунки агар пайгир зиёдтар истад, сифати хамирро паст мекунад. Агар хамир шӯр бошад, тез намерасад. Онро рост карда пазед, рӯи нон сафедча мемонад.

Барои бартараф намудани шӯрии хамир ба он хамири бенамак ҳамроҳ кунед. Агар хамир камнамак бошад, рӯи нон мекафад ва он бемаза мешавад. Барои инро ислоҳ кардан ба он камтар намакоб андохта, орд пошида, нағзакак мушт кунед. Барои он ки маҳсулот реза шавад, зардии тухмро андозед. Ҷое, ки хамирро истифода мебаранд, шамолрав набошад. Хамир пеш аз пухтан бояд нағз дам гирад. Агар хамир дам нагирад, суст бардошта мешавад. Хамири росткардаро дар ҷои шамолрав нагузоред, ки рӯяш зуд шах мешавад. Ба хамири ширини хамиртурушдор барои хушбӯй шуданаш 2 – 3 г ванилин ё пӯсти 1 дона лиму ё афлесун, чормағзи майдакарда ё 3 – 5 дона меваро нағз тарошида ҳамроҳ кунед. Аз 3 истакон орд 600 – 700 г хамир ҳосил мешавад.

**Савол ва супориш**

1.Хамир чанд хел мешавад?

2. Ба хамир кадом намуди маҳсулотро ҳамроҳ мекунанд?

3.Дар маҳалҳои шумо хамирро барои нон чӣ тарз тайёр кардан мумкин аст, нақл кунед.

4 Дар заводи нонпазӣ кадом касбҳо мавҷуданд? Бо коргарони онҳо вохӯриҳо гузаронед.

## Кори амалӣ

## Тарзи пухтани қатлама

Таҷҳизот: тағорача, тахтаи ош, тирак, чӯба, тахтача, корд, қошуқча.

Миқдори маҳсулот: 1 кг орд, 2 истакон об, 2 қошуқча намак, 1,5 истакон қаймоқ ё ки 200 г равған барои совидан, 0,5 истакон равған барои бирён кардан, 2 қошуқи таомхӯрӣ шакар барои ба рӯи қатлама пошидан.

Қатламаро ба ду тарз мепазанд.

Т а р з и   я к у м. Хамири муқарраририро зувола гирифта, рӯяшро бо сачоқча пӯшонда 10 – 15 дақиқа дам медиҳанд. Баъд онро бо тирак ба ғафсии 1 – 2 мм тунук карда, ба рӯяш қаймоқ (ё равғани зард ё маска ё думбаи обкарда) молида, ба тирак мепечонанд ва бар қади тирак бо корд тасмашакл (бари тасмаҳо 4 – 5 см) мебуранд. Якчанд тасмаро рӯи ҳам гузошта доирашакл мепечонанд, баъд онро ба рӯи тахтача гузошта, ба шакли нони ғафсиаш 1 см як хел тунук мекунанд ва 2 – 3 чояшро бо чангак сӯрох карда, камтар дам медиҳанд. Сипас онро дар деги тагаш паҳн ё тобаи калон (ба деги гарм равған молида) аввал як тараф, баъд тарафи дигарашро то сурх шудан мепазанд ва дар гармиаш ба рӯи он шакар пошида ба дастархон медиҳанд. Онро бо шир, чой, қаҳва, компот ва ғайра истеъмол мекунанд.

Т а р з и   д у ю м. Агар хоҳед, ки қатламаро ғафстар пазед, онро пеш аз дам додан 4 тақсим, калон бошад, 6 тақсим кунед ва бо ҳамон тарзе ки дар боло зикр шуд, пазед. Қатламаро пар зада ё ба он пиёзи резакарда ва гӯшти қима гузошта, дар танӯр ё тафдон ҳам пухтан мумкин аст.

## Тарзи пухтани қӯймоқ

Миқдори маҳсулот: барои хамир 500 г орд, 2 истакон шир, 25 г хамиртуруш, 0,5 қошуқча намак, 1,5 қошуқи калон шакар, 2 дона тухм, 3 қошуқи калон равғани зард; барои бирён кардан – 100 г равған.

Хамиртӯрушро дар шири гарм об карда, орд мерезанд ва меомезанд, рӯяшро пӯшида дар чои гарм мегузоранд.

Вақте ки хамир мерасад, ба он тухми лат задашуда, равған, намак, шакар ҳамроҳ намуда, бо қошуқи чӯбин омехта мекунанд ва аз нав мерасонанд. Сипас ба тоба равған молида, дар оташ таф медиҳанд. Аз атолаи тайёршуда 1-қошуқӣ ба он андохта, аз ду тараф кам–кам сурх мекунанд. Қӯймоқро бо ҷурғот, шакар, мураббо ва ғайра истеъмол мекунанд.

## Кори амалӣ

### Тарзи пухтани чалпак



*Расми 32. Чалпак*

Таҷҳизот: тағорача, чӯба, тахтача, қошуқ, истакон.

Миқдори маҳсулот: 500 г орд, 25 г хамиртуруш, 0,5 қошукча намак, 100 г равған барои бирён кардан, 100 г маска ё қаймоқ.

Ба шир хамиртуруш ё қаймоқ, намак, шакар ҳамроҳ карда хамир мекунанд ва 1 соат дар чои гарм нигоҳ медоранд. Баъди расидани хамир аз он зуволачаҳо (50 г) гирифта, хунук мекунанд ва дар равғани доғ аз ҳар ду тараф таф медиҳанд. Баъд ба рӯи чалпак шакар пошида, 4 ё 6-донагӣ ба табақча гузошта, бо маска ё қаймоқ ба дастархон медиҳанд.

## § 15. Тайёр кардани хамир барои таомҳои якум

Таҷҳизот: тағорача, тахтача барои ҷудо кардани хамир, тирак, чӯба ва элак.

Пеш аз хамир кардан албатта ордро мебезанд. Баъд дар тағорача намакро дар оби ширгарм ҳал карда, як қисм орд андохта мешӯранд. Агар хамир бо тухм бошад, тухмро аввал лат зада, баъд ба хамир меандозанд ва нағз мушт карда, бо сачоқ пӯшида, 10 – 15 дақиқа дам медиҳанд. Сипас онро ба тирак печонда, кам–кам орд пошида, то ғафсии тақрибан 1 см тунук мекунанд. Ин амалро то 1 мм тунук шудани хамир якчанд маротиба такрор мекунанд.

Барои угро ба хамир боз каме орд пошида, ба тирак мепечонанд ва болои ҳам таҳ карда, ба дарозии муайян

мебуранд. Угрои тайёршударо фавран ё хушк карда, дар вақти дилхоҳ мепазанд.

## Тарзи тайёр кардан ва пухтани угро

Таҷҳизот: дег, тахтаи ош, тирак, корд, тағорача, клёнка ё тахта барои паҳн кардани угро, кафгир, кафлез.

Микдори маҳсулот бо г: гӯшт – 108, картошка – 100, бехпиёз – 42, сабзӣ – 25, орд – 30, тухм – ним дона, томат – 15, равғани зард ё маргарин – 12, чургот – 40, лӯбиё – мувофиқи табъ (хоҳед 25 г).

**Рафти кор.** Дар вақти пухтани таом аввал қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиениро риоя кунед.

Угроро алоҳида тайёр мекунанд. Барои ин ба орди гандуми бехтағӣ намакоб ва тухм андохта, хамири сахт мешӯранд. Сипас онро тунук карда, угро (бараш 1 – 1,5 мм) мебуранд.

Ба дег равған андохта метафсонанд, сипас гӯшти майда резакардаро камтар таф дода, сабзӣ, пиёз, помидор андохта бирён мекунанд, об андохта мечӯшонанд. Вақте ки сабзӣ пухт, картошкаву угро андохта 10 – 15 дақиқа мепазанд (картошкаро нахӯд барин реза карда меандозанд) ва адвиёту намак меандозанд. Баъди пухтан угроро каме хунук карда, чурғот андохта ба косаҳо мекашанд ва ба болояш кабудии резакардагиро мепошанд.

## Тарзи тайёр кардан ва пухтани туппа

Таҷҳизот: дег, кафгир, кафлез, тахтаи ош, тирак, корд, тағорача.

Миқдори маҳсулот бо г: гӯшти гусфанд ё гов – 100, орди гандум – 150, бехпиёз – 25, сабзӣ – 35, томат – 10, картошка – 50, чурғот ё қаймоқ – 20, равғани растанӣ – 30, нахӯд – мувофиқи табъ (хоҳед 30 г).

**Рафти кор.** Ҳангоми пухтани туппа қоидаҳои техникии бехатарӣ ва санитарию гигиениро риоя кунед.

Туппа бо ду тарз тайёр карда мешавад:

Т а р з и   я к у м. Орди гандумро аз элак гузаронда, бо тухм, об ва намак хамир мекунанд. Баъд онро дар рӯи тахтаи ош то 1,5 – 2 мм тунук карда, тасма-тасма (бараш 3 – 5 см ва дарозиаш 10 – 15 см) мебуранд. Сипас онро дар шӯрбои пешакӣ тайёркарда мепазанд ва ба косаҳо кашида, ба рӯяш кабудии резакардаро пошида ба дастархон медиҳанд.

Т а р з и   д у ю м. Туппаи намиаш паридаро ба оби дарҷӯши камнамак андохта, то тайёр шуданаш мепазанд. Пас онро бо чавлӣ аз дег гирифта, аз болояш аввал об, баъд равгани гарми растанӣ мерезанд.

Барои тайёр кардани шӯрбо гӯшти гӯсфанд ё гови майда резакардаро бо бехпиёзу сабзӣ ва пюреи помидор бирён мекунанд. Сипас ба дег гӯштоб ё об мерезанд. Баъди ҷӯшидан нахӯди таркардаро андохта, боз 40 – 50 дақиқа меҷӯшонанд (нахӯдро мувофиқи табъ меандозанд). Сипас картошкаи нахудӣ кардаро андохта, то тайёр шуданаш мепазанд. 7 – 10 дақиқа пеш аз пухтан адвиёт ва намак меандозанд.

Туппаро дар коса ё табақча кашида, аз болояш шӯрбо мерезанд ва кабудии резакарда мепошанд. Дар зарфи алоҳида қаймоқ ё ҷурғот додан мумкин аст.

**Маслиҳати кадбону**

Барои пухтани туппа, угро, тушбера чунин қоидаро риоя кунед:

Баъди ба дег андохтани маҳсулоти номбаршуда онро то ба рӯи об баромадан гоҳ–гоҳ кофта истед. Агар ҳамааш ба рӯи об барояд, маҳсулот ба пухтан сар мекунад.

# БОБИ II. ЗАХИРАИ ОЗУҚАВОРӢ

## § 16. Консервонии меваҷот ва сабзавот

Хӯрокворӣ дар натиҷаи фаъолияти микроорганизмҳои гуногун – занбӯруғ (мағор), бактерияҳо ва ғайра, ки дар табиат хеле бисёранд, вайрон мешавад. Барои муддати дароз вайрон нокарда нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ усулҳои гуногуни консервониро истифода мебаранд. Тамйиз кардан ( то ҳарорати муайян гарм кардан), ях кунонидан, хушконидан, ба намак хобонидан, очоронӣ ва ғайра усулҳои консервонӣ мебошанд. Бо роҳи консервонӣ фаъолияти бисёр бактерияҳои барои организми инсон зараровар боз дошта мешавад.

Барои консервонӣ сабзаводу меваҷоти тару тоза ва безахмро истифода мебаранд. Сабзаводу меваҷотро аввал ба навъҳо ҷудо карда, дар оби равони хунук нағз мешӯянд.

Дар шароити хона усули оддӣ ва боэътимоди конвервонӣ тамйиз кардан мебошад. Барои тамйиз кардан маҳсулоти хӯрокиро хом ё пухта ба банкаҳо меандозанд, сарпӯшашро ибритӣ маҳкам карда, то ҳарорати 100 – 120°C гарм мекунанд. Дар шароити хона ҳамаи меваю ғуҷуммева ва сабзавотро консервонидан мумкин аст.

Консервҳоро дар шароити хона, одатан дар банкаҳои шишагини ғунҷоишашон 0,2; 0,35; 0,5 ва 1 л тайёр мекунанд. Даҳони банкаҳо бо асбоби махсус ва сарпӯши аз тунука ё алюминий сохташуда, ки халқаи резинӣ дорад, маҳкам карда мешавад

Барои консервонидан 2 зарфи сирдори 3 – 5-литра (барои оби ҷӯш рехтан ва пухтан), 1 – 2 зарфи баланд (барои 5 – 10 л) барои тамйиз кардан, корд, чангак, кошук, чавлӣ, турбтарошак, афшурагирак, донакгирак, соат, ҳароратсанҷ, тагмонаки банка, банкагирак (барои гирифтани банка аз зарфи обдор) лозим аст.

Банкаҳои шишагинро шуста бо оби ҷӯш обгардон ва хунук мекунанд. Мева, ғуҷуммева ё сабзавоти барои кон-

сервонӣ тайёр кардашударо ба банкаҳо (то 1 – 2 см пасттар аз лаби банка пур шудан) мечинанд ва аз болояш намакоб ё шарбат мерезанд. Сарпӯши банкаҳоро гузошта (бо асбоб сахт маҳкам накарда), ба зарфи обаш гарм (50 – 60°С) мемонанд; сатҳи оби зарф бояд ба сатҳи мева (ё сабзавот)-и банка баробар бошад. Барои он ки банка накафад, ба таги зарф тагмонак, латта ё фанер мегузоранд. Оби зарфро бо банкаҳо то ба ҷӯш омадан гарм мекунанд. Аз лаҳзаи ҷӯшонидани об вақти тамйизро ҳисоб мекунанд.



*Расми 33. Тарзи маҳкам кардани даҳони банка бо банкамаҳкамкунаки дастӣ*

Дар аснои тамйиз об набояд сахт ҷӯшад, зеро ба бонка афтодани қатраҳои оби ҷӯшидаистода мумкин аст. Баъди анҷом ёфтани вақти тамйиз даҳани банкаҳоро маҳкам мекунанд. Банкаи сарпӯшдорро то хунук шуданаш сарнишеб мегузоранд.

## Кӣ, куҷо, кай?

*Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри XVII ба вуҷуд омадааст. Консервониро аввалин бор ошпази франсавӣ Франсуа Аппера ихтироъ кард ва барои ин кашфиёташ ба ӯ мукофоти пулӣ, медали тилло ва унвони «Инсони соҳибэҳтиром» дода шуд.*

**Консервонии бодиринг.** Бодиринги на он қадар калонро барои баромадани ҳавои дохилаш 6 – 8 соат дар оби хунук тар кунед. Баъд ба банка 30 –35 г адвиёт (барг ва решаи қаҳзак, барги олуча, шибит, карафс, барги ғор, сир,

каланфур, чанд дона мурчи донадор ва бодиринг)-ро гузошта ба болояш барги ғор ва як қошуқ сирко (ба 1 л об), 1 қошуқи таомхӯри намак андохта тамйиз кунед (банкаи 0,5 - литра –5 – 6 дақ., 1- литра – 10 дақ., 3 - литра – 15 дақ.). Баъд банкаро аз тамйиз гирифта, сарпӯшашро маҳкам кунед ва чаппа карда гузоред.

**Маслиҳати муфид**

Агар ба болои бодиринг пеш аз намак кардан об резед, шӯрӣ ва ранги сабзашро хуб нигоҳ медорад.

**Консервонии ҳархела.** Ин навъи консервро ҳам бо усули дар боло зикршуда тайёр мекунанд. Ба банка якҷоя бо бодиринг карам, помидор, сабзӣ ва ғайра меандозанд. Консерваи ҳархеларо аз меваҷоти гуногун низ тайёр мекунанд.

**Консервҳои компот аз мева ва ғуҷуммева**

Компот аз меваҷот ва ғуҷуммева тайёр карда мешавад. Банкаҳоро тамйиз ва пастеризатсия мекунанд, ба меваҷот шарбат ва шакар мерезанд (барои компоти турш ба 2 л об – 400 – 500 г шакар,барои компоти туршиаш кам ба 1 л об – 300 – 400 г шакар). Шахсони гирифтори касалии қанд компотро дар оби худи меваҷот ё дар об тайёр карда карда метавонанд.

**Компот аз'олуча ва гелос.** Меваҷотро  тоза шуста ба банка меандозанд. Қиёми гармро рехта, тамйиз мекунанд (банкаи 0,5 литра  – 15 – 20 дақиқа, 1литра – 25 – 30 дақиқа, 3 литра – 35 – 40 дақиқа).



*Расми 34.*
*Ташкили ҷои кор барои консервакунӣ*

Аз олуча ва гелос бе тамйиз кардан ҳам компот тайёр карда мешавад. Ба банка меваи тозаи шустаро гузошта, 2 бор оби ҷӯш рехта иваз кунед (бори 1-ум – 10 дақиқа ва бори 2-юм – 0,5 дақиқа), баъд аз болояш шарбати гарм рехта маҳкам кунед, ба компоти гелос ҷавҳари лиму андозед.

**Компот аз зардолу ва олу.** Зардолу ва олуро шуста дукафон мекунанд ва донакашро гирифта мепартоянд. Дар зарфи сирдор шакар ва 2 истакон оби гарм рехта, зардолу ва олуро меандозанд ва меҷӯшонанд. Банкаи 0,5-литраро 10 – 12 дақиқа, 1-литраро 15 – 18 дақиқа, 3-литраро 30 дақиқа тамйиз мекунанд.

### ? Савол

1. Консервонӣ бо чанд роҳ иҷро карда мешавад?
2. Тамйиз чӣ гуна гузаронида мешавад?

### Маслиҳати кадбону

1.Банкаро барои консервонӣ дар шароити хона нағз аз назар гузаронед. Агар кафидагӣ ё даҳанашон шикастагӣ ё ягон нуқсон надошта бошад, истифода баред.

2.Дар вақти истифодабарии ҷавҳари сирко, ки туршиаш 80% аст, онро дар оби ҷӯшидаи хунук ҳал кунед (3 қошуқи таомхурӣ ба 1л об).

### Инро дар хотир доред

Ҳеҷ гоҳ ҷавҳари сиркоро ба сиркои ангурӣ омехта накунед.

Дар вақти консервакунӣ ба қоидаҳои бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ риоя кунед, ба тозагии зарфҳо ва маҳсулот аҳамият диҳед.

# БОБИ III. КОР БО МАТОЪ

## § 17.Матоъҳо аз наххои химиявӣ

Барои истеҳсоли матоъ дар замони ҳозира ғайр аз наххои табиӣ наххои химиявиро васеъ истифода мебаранд. Нахҳои химиявӣ ба ду гурух ҷудо мешаванд: сунъӣ ва синтезӣ.

Ашёи хом барои ҳосил кардани наххои сунъӣ селлюлоза аст, ки онро аз дарахти арча (ел) мегиранд. Партовҳои пахта, шиша, абрешимро низ истифода мебаранд. Нахи синтезиро аз коркарди маҳсулоти ангиштсанг, нефт ҳосил мекунанд.

Наххо умуман ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: табиӣ ва химиявӣ.

Нахҳои табиӣ аз табиат гирифта мешаванд. Онҳо барои истифода тайёранд. Нахҳои химиявӣ дар истеҳсолот дар заводҳо бо ёрии протсессҳои махсуси химиявӣ ҳосил карда мешаванд. Ашёи хомро барои истеҳсоли нахи химиявӣ об мекунанд ва маҳлули часпак ҳосил мешавад. Ин маҳлулро аз сӯрохии филйер гузаронида (он борик мешавад), дар таштҳо дар махлули махсуси химиявӣ мегузоранд, ки дар он ҷо хунук (шах) мешаванд.

Махлулро ба намуди атолаи суюқ тайёр мекунанд. Ин маҳлулро ба мошинҳои бофандагӣ медиҳанд. Ҳар як мошин филйер дорад, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта шудааст. Барои он ки дар рафти кор филйер вайрон нашавад, махлулро аз сӯрохии он бо фишори баланд мегузаронанд ва риштачаҳо мегиранд. Мувофиқи сӯрохии филйер ғафсии наххо ҳар хел мешавад. Маҳсулотро дар маҳлули махсус гузошта шах мекунонанд. Инро ҳосилкунии ришта бо усули таркунӣ меноманд.

Агар риштахо бо ёрии хавои гарм шах кунонда, бо усули таркунӣ сафед ва ранг карда шаванд, инро усули хушккунӣ мегӯянд.

Нахҳои химиявӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сунъӣ ва синтезӣ.

I.Маҳсулот барои ҳосил кардани нахи сунъӣ партови (пастмондаи) пахта, металлҳо ва шишамайдаҳо мебошанд:

1.Нахи вискозӣ аз пастмондаи чӯби дарахтон бо усули таркунӣ дар маҳлули ишқор ҳосил карда мешавад.

2.Нахи атсетатиро аз партови пахта бо сиркои кислотагӣ омехта ҳосил мекунанд.

3.Нахҳои шишагин аз шишамайда дар печҳои барқӣ об карда ҳосил карда мешаванд.

4.Риштаҳои металлиро аз партови алюминий ва мис ҳосил мекунанд.

II.Нахҳои синтезӣ аз маҳсулоти ангиштсанг, нефт ва газ тавассути реаксияи химиявӣ ҳосил карда мешаванд.

## Ҷадвали нахҳои химиявӣ




Дар вақти ҳосил кардани нахи штапелӣ, вискозӣ, ки он ҳам ба гурӯҳи нахи сунъӣ дохил мешавад, дар филйер то 40 ҳазор сӯрохӣ шуданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат аз ҳар сӯрохӣ нахҳои дарози борик ҳосил мешаванд, ки онҳоро ба дарозии то 150 мм бурида, дар фабрикаҳои ресандагӣ ресмон мересанд. Намуди аз ҳама паҳнгаштаи нахи сунъӣ ин нахи вискозӣ ва атсетатӣ аст. Матоъҳои аз нахҳои синтезӣ ҳосилшуда капрон, лавсан, нирон ва ғайраҳо мебошанд. Нахҳои сунъӣ ва синтезӣ нисбат ба нахҳои табиӣ арзонанд. Масалан, барои ҳосил кардани як миқдор нахи пахта ва зағир нисбат ба ҳосил кардани нахи вискозию

штапелӣ 10 маротиба зиёдтар меҳнат сарф мешавад, барои ҳосил кардани нахи пашмӣ бошад, 12 – 15 маротиба зиёдтар.

Нахи сунъиро дар охири асри X1X истеҳсол карданд. Аввалин бор олими франсавӣ Шоранде соли 1884 бо роҳи ба селлюлоза пайваст кардани моддаҳои химиявӣ абрешими сунъӣ ҳосил кард.

**Нахи вискозиро** дар намуди алоҳидаи дароз, аммо нахи штапелиро бо порчаҳои кӯтоҳи маҳин истеҳсол мекунанд. Барои мустаҳкам шудан ба онҳо наххои табиӣ омехта (бо пахта, пашм, катон) тайёр менамоянд. Матоъҳои аз наххои химиявӣ бофташуда дар вакти сӯхтан об шуда, бӯи резини сӯхтагӣ мекунанд. Фарқи намуди зоҳирии калобаи визскозӣ аз штапелӣ дар он аст, ки калобаи штапелӣ патдор мешавад, аммо калобаи вискозӣ ба абрешими табиӣ монанд аст. Матои вискозӣ нисбат ба штапелӣ ҷилодортар мебошад. Норасоии матои вискозӣ дар он аст, ки ҳангоми 50 % тар шудан мустаҳкамии худро гум мекунад ва бурма мешавад. Инро дар вакти шустан ба назар гирифтан лозим аст.

**Нахи атсетатӣ** дар асоси пайвасти химиявӣ аз коркарди пахта бо сиркои ангидрид хосил карда мешавад. Нахи атсетатӣ зоҳиран базеб, сабук, мулоим буда, бурма намешавад ва тез хушк мешавад. Вале ба таъсири соиш ва равшанӣ тобовар нест, дар ҳолати намӣ як кисми мустаҳкамиашро гум мекунад ва дарзмол карданаш душвор аст. Онро аз тарафи чаппааш дарзмол мекунанд. Наххои атсетатиро бо атсетон тоза кардан мумкин нест, чунки рангашон зуд меравад.

### ? Савол

1. Кадом намуди нахҳо ба гурӯҳи нахҳои химиявӣ дохил мешаванд?
2. Барои истеҳсоли нахи сунъӣ ва синтезӣ кадом намуди ашёи хомро истифода мебаранд?

# § 18. Хосияти наххои синтезӣ

Бисёр матоъҳои аз нахҳои химиявӣ бофташуда бо намуди зоҳирӣ ва хосиятҳояшон ба нахҳои табиӣ наздик мебошанд. Матоъҳои аз абрешими сунъӣ (вискозӣ) бофташуда вазнин, дурушт, мустаҳкам ва ба соиш тобоваранд. Бинобар ин онҳоро бисёр вақт ба сифати матоъҳои астарӣ истифода мебаранд. Аз онҳо либосҳои занона медӯзанд.

Матоъҳои вискозӣ обро нағз мегузаронанд. Бинобар ин аз онҳо куртаи таг медӯзанд. Вале онҳо ба тарӣ ноустуворанд. Бинобар ин ин либосҳоро дар ҳолати тарӣ намечағанд. Онҳо матоъҳои ҷилодор мебошанд. Бинобар ин дар вақти буридани либос мегеҷанд ва дар бурриши қисмҳо хатогӣ содир шуданаш мумкин аст. Дар вақти дӯхтани онҳо дарзи мустаҳкам нею дарзи роға ҳосил мешавад. Аз ҳамин сабаб аз онҳо либосҳои ба тан часпида намедӯзанд.

***Ҷадвали № 1***

## Нишонаҳои муайян кардани хосияти матоъҳо

| Нишона | Абрешими табиӣ | Абрешими сунъӣ (вискоза) | Абрешими синтезӣ (капрон) |
|---|---|---|---|
| Ҷило | ҷилодор | ҷилодор | серҷило |
| Мулоимӣ | мулоим | миёна | дурушт |
| Кашишхӯрӣ | камтар | бисёр | намехӯрад |
| Тағйирёбии мустаҳкамӣ дар ҳолати тарӣ | тағйир меёбад | тағйир меёбад | намеёбад |
| Намуди кандашавии риштаҳо | бадтар шудани массаи нахҷаҳо | нӯги ришта тит ва нахҷаҳо канда мешаванд | нӯги ришта тит ва нахҷаҳои рост канда мешаванд |
| Сӯзиши риштаҳо | суст месӯзад, рангаш сиёҳ мешавад. Бӯи шох ё пати сӯхтагӣ меояд | месӯзад (бо ранги зарди баланд), хокистараш хокистарранг. Бӯяш ба коғази сӯхтагӣ монанд аст | дар вақти сӯхтан лӯнда ва сахт мешаванд. Бӯи сурғуч меояд |

Капрон аз ҳама нахи мустаҳкам буда, ба соиш тобовар аст. Нахи капронро барои истеҳсоли матоъ, ҷӯроб, калоба, ки аз он маҳсулоти зиёде тайёр мекунанд, истифода мебаранд. Он бисёр зебо, аммо дағал аст. Либосҳои аз он дӯхташуда қат ва бурма намешаванд. Онҳоро баъд аз шустан дарзмол кардан шарт нест.

Лавсан нахи бисёр мустаҳкам ва мӯрт мебошад. Онро барои мустаҳкам шудан бо дигар наххо омехта мекунанд.

**Калимаҳои нав:** наххои химиявӣ, матоъҳо аз наххои сунъӣ ва синтезӣ.

**Маслиҳати муфид**

**Барои муайян кардани фарқи абрешими табиӣ аз абрешими сунъӣ аз он яктогӣ ришта гирифта қанда мекунанд. Риштае, ки нӯгаш баъд аз кандан тит шудааст, абрешими сунъӣ мебошад.**

Наххои синтезиро дар комбинатҳои химиявӣ аз маҳсулоти нефт ё газ ҳосил мекунад. Масалан, маҳсулоти синтезиро то мулоим шуданаш гарм карда, аз сӯрохи майда мегузаронанд ва ресмони капронӣ ҳосил мекунанд. Ин хел ресмон аз тори тортанак якчанд маротиба борик аст. Аз шиша ҳам бо роҳи гудозиш ресмон ҳосил мекунанд. Аз он бо роҳи дар маҳлули махсуси синтетикӣ шах кунондан стеклопластик ҳосил карда мешавад, ки он масолеҳи аз ҳама мустаҳкам буда, бовари кас намеояд, ки ин матои мулоим аз шишаи мӯрт тайёр карда шудаст.



*Расми 35. Намудҳои нахи химиявӣ*

Дар олам бисёр матоъҳо ҳастанд, ки яке аз ди-

гаре ҳайратангезтар мебошанд.

Масалан, матои «сангин» (аз нахи сангин), матои асбестӣ (аз нахи асбест; дар оташи баланд намесӯзад).

Боз ҳамин хел матое ҳам ҳаст, ки он бо ҷараёни барқ гарм карда мешавад. Аз он барои қутбгардҳо либос медӯзанд.

### ? Савол ва супориш

1. Барои чӣ матоъҳои аз наххои химиявӣ ҳосилшуда дар вақти буридани маснуот мушкилиҳоро ба вуҷуд меоранд?
2. Кадом матоъро дар вақти шустан тоб додан мумкин нест?
3. Кадом ашёи хомро барои ҳосил кардани наххои химиявӣ истифода мебаранд?
4. Матои абрешими сунъиро аввалин бор кадом олим ихтироъ кард?
5. Обгузаронии матои атсетатиро мушоҳида кунед.
6. Матоъҳои сангинро аз кадом намуди нахи сунъӣ ҳосил мекунанд?
7. Барои аз шиша матоъ ҳосил кардан кадом намуди корро иҷро кардан лозим аст?

### Инро дар хотир доред

1.Винти вертолётро аз стеклопластика месозанд.
2.Барои қутбгардҳо либосро аз матои бо ҷараёни барқ гармшаванда медӯзанд.
3. Хайма матои синтезист.
4. Либоси сӯхторнишонҳо аз матои асбестӣ мебошад.
5. Асоси завракҳоро аз стеклопласт месозанд.
6. Бодбонро аз матоъҳои синтезӣ месозанд.

### Фикр кунед, ҷавоб диҳед, иҷро кунед

Намунаи матоъро аз абрешими табиӣ, сунъӣ, синтезӣ гирифта, қисмати берунашро бо даст қапида, хосияти онҳоро муайян кунед, дурустии ҷавобатонро аз муаллим пурсед.

**Матои аз санг ҳосилшавандаро номбар кунед ва чизҳои дар хонаатон бударо аз назар гузаронда муайян кунед, ки оё онҳо аз матои сангин тайёр карда шуданд ё не. Дурустии ҷавобатонро аз муаллиматон пурсед.**

## § 19. Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

Шумо нағз медонед, ки фарсудашавии матоъ ба таъсири механикӣ (хӯрдашавӣ, васеъшавӣ, тобхӯрӣ ва ғайраҳо) ва хосиятҳои физикию химиявӣ (таъсири рӯшноӣ, намӣ, ҳарорат ва воситаҳои шустушӯй) вобаста аст. Бардавомии либос ба матоъ, тарзи дӯхт, сифати он ва тарзи либоспӯшӣ вобаста мебошад. Бардавомии либосҳоро бо роҳи ба онҳо часпондану дӯхтани қисмҳои ороишӣ (дар нӯги почаҳои шим дӯхтани тасмаи махсус, астаргузорӣ, нигоҳубини дуруст ва ғайра) зиёд кардан мумкин аст. Либосҳои аз абрешими сунъӣ дӯхташударо дар ҳарорати 150°С дарзмол мекунанд; онҳоро бо хокаи

*Ҷадвали № 2*

### Нишондод ва нигоҳубини маҳсулоти бофандагӣ аз наххои ҳимиявӣ

| Намуди кор | Нишондод | Аҳамияти он |
|---|---|---|
| Шустан |  | **Шарти шустан** Маснуотро дар мошини ҷомашӯӣ дар ҳарорати аз 40°С зиёд шустан мумкин нест. |
| |  | Шустани маснуотро дар ҳарорати то 40°С дар муддати кӯтоҳ бо даст ичро кунед, сахт фишор надиҳед. |
| |  | Маснуотро шустан мумкин нест |

| | | |
|---|---|---|
| Дарзмолкунӣ |  | **Шарти дарзмолкунӣ**<br>Ҳарорати дарзмол аз 200⁰C зиёд набошад<br>Ҳарорат аз 130 – 150⁰C зиёд нашавад<br>Ҳарорат аз 110⁰C зиёд нашавад<br>Маснуотро дарзмол кардан мумкин нест |
| Тозакунии химиявӣ |  | **Шарти тозакунии химиявӣ**<br>Масолеҳи химиявро барои тоза кардан истифода баред<br>Маҳсулотро бе истифода аз маҳлулҳои химиявӣ тоза кунед |

мӯътадили либосшӯӣ дар ҳарорати аз 40⁰C зиёд намешӯянд ва тоб намедиҳанд. Матоъҳои синтезӣ–капронро сахт фишурдан мумкин нест. Онро дар собунобаи ҳарораташ аз 50⁰C зиёд намешӯянд, баъд аз шустан онро дарзмол накунанд ҳам мешавад (ё бо дарзмоли ҳарораташ 120 – 130⁰C дарзмол мекунанд). Дар вақти нигоҳубини либос нишондоди дар либоси тайёр мавҷудбударо ба назар гирифтан лозим аст.

## ? Савол ва супориш

1. Кадом хосиятҳоро хосиятҳои механикии матои синтезӣ меноманд?
2. Хосиятҳои физикию химиявии матоъҳои сунъиро бо таҷриба муайян кунед.

## Инро дар хотир доред

Рафти хосил кардани нахҳои химиявӣ:

1. Ҳосил кардани маҳлул
2. Ҳосил кардани ришта (ресмон)
3. Ороиши риштаҳо

## § 20. Аппликатсия

Аппликатсия аз калимаи лотини applicatio гирифта шуда, маънояш ба матоъ дӯхтан ё часпондани нақши аз матоъ буридашуда мебошад.

Аппликатсия яке аз усулҳои қадимтарини оро додани либос, пойафзол, ҷиҳози рӯзгор буда, имрӯз ҳам маъмул аст.

Пайдоиши аппликатсия ба давраҳои қадим тааллуқ дорад. Таҳаввулоти он аз тасвирҳои ёдгориҳои санъати тамаддуни қадимӣ, Осиё, Европа, Америка ба мо маълум аст.

Аз тасвирҳои суробӣ дида мешавад, ки дар онҳо тасвирҳои одам, паранда, ҳайвонот бо маҳорати баланд пурра нишон дода шудааст. Дар замонҳои қадим ҳайвонотро бо меҳру муҳаббати зиёд тасвир мекарданд.

Ҳар як масолеҳ хусусияти худро дорад, ки он ба техникаи иҷроиши аппликатсия таъсири муайян мерасонад. Масалан, коғаз, коҳ ва пояи хушкидаи растаниҳоро мечаспонанд; матоъ, пӯсти мӯинадорро ба матои асосӣ медӯзанд.

Аппликатсия аз намудҳои зерин иборат аст:

а) **ашёӣ** , аз тасвирҳои алоҳидаи ашё, яъне барг, шохчаи дарахт, гул, паранда, ҳайвонот, мошин, одам иборат аст.

б) **сюжетнок** , ки амалиёти муштарак ва воқеаҳо (салюти ғалаба, мамлакати мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон – дирӯз, имрӯз ва фардо ва ғайра)-ро мукаммал таҷассум менамояд.

в) **ороишӣ** , ки ҳама гуна нақшу нигорро дар бар мегирад.

Аппликатсияро барои базебтар намудани маснуоти ороишӣ ва либос васеъ истифода мебаранд. Аппликатсияро аз матои якранг, рангаи бофташ ва коркардаш гуногун буридан мумкин. Барои аппликатсия порчаи матоъро оҳар дода (беҳтараш бо желатин) дарзмол мекунанд. Ба матоъ ва коғаз тасвирро кашида, сипас тасвири коғазро қисм–қисм бурида, мувофиқи онҳо аз матоъпораҳо ҷузъиёти тасвирро тайёр мекунанд. Мувофиқи тасвир ба матоъ кӯк зада, гирдогирдашро бо дарзи гулдӯзӣ ё ҳалқагӣ медӯзанд. Баъзан барои барҷастатар шудани тасвир зери матоъ пахта мегузоранд. Барои аппликатсия нақшу нигори миллӣ, тасвири персонажу қаҳрамонони

афсонавиро истифода бурда, гилемчаҳои бачагон, пардаҳо, либос ва ғайраро оро додан мумкин аст. Аппликатсияро дар мошини дарздӯзӣ бо ҳамон пайдарпайие, ки дар гулдӯзии дастӣ мавҷуд аст, иҷро мекунанд.

Барои дӯхтани аппликатсия ба матоъпораи ранга тасвирро гузаронида, ба маснуот чунон кӯк мезананд, ки наххои баркади ҳар ду матоъ мувофикат кунанд.

Тарҳи тасвирро бо мошини дарздузӣ аввал бо дарзи оддӣ ё кашидадӯзии навардии фосиланок, баъд бо дарзи кашидадӯзии навардии зич медӯзанд. Баъди ин аз тарафи чаппаи маснуот дарзмол карда, матои аз тарҳи накш зиёдатиро мебуранд. Ҷузъиёти аппликатсияро бо дарзи «мустаҳкам» низ часпондан мумкин аст. Дар ин маврид накшҳои аппликатсияро бо мошин 1 – 2 маротиба дӯхта, канорҳои онҳоро бо дарзҳои гуногуни мустаҳкамкунӣ оро медиҳанд.

Тайёр кардани аппликатсия аз матоъ малакаю маҳорати муайяни буридани матоъ ва дӯхтани гирди онро талаб мекунад. Пеш аз сар кардани кор тарҳи тасвирро кашидан, андозаи аппликатсия ва дар куҷо ҷой гирифтани онро муайян кардан лозим аст.

Бисёр вакт намунаҳо барои аппликатсия аз саҳифаҳои маҷаллаҳо, пусткартҳо, ашёи ороишӣ ва санъатҳои тасвирӣ гирифта мешаванд. Аксарияти дӯзандагон шакли ашёи аппликатсияро хурд ё калон мекунанд.

Ангораҳои аппликатсияро ду нусха тайёр мекунанд. Як нусхаи онро бурида ҳамчун колаб истифода мебаранд, дигарашро нигоҳ медоранд. Барои азназаргузаронии ҷойгиршавии ҷузъиёт аппликатсияи аз коғаз тайёршударо ба матоъ гузошта мебуранд.

Аппликатсияро ба матои асос бо ду роҳ мечаспонанд:

1.Бо роҳи дӯзиш.

2.Бо роҳи ширеш кардан.

Роҳи дӯзиш бо тарзҳои гуногун иҷро карда мешавад. Бо ин роҳ ҷиҳози хона: дастрахон, сачокчаҳо, гилемчаҳои бачагона, дегпӯшак, дастпӯшак, чойникмонак, чойникпӯшак, пешгир, болиштчаҳо ва ғайраро ороиш медиҳанд.

## Кори амалӣ

### Сохтани аппликатсия аз матоъ

Таҷҳизот: қайчии калон, қайчии хурди нӯгаш рост, қатшуда, сӯзанҳои гуногун, сӯзанакҳо, ангуштпона, матоъҳои асос, матоъпораҳо.

**Супориш**

1. Расми умумии аппликатсияшавандаро бо диққат аз назар гузаронед.
2. Ба хотир оред, ки кадом намуди ашёи дар аппликатсия буда ба ин конструксия монанд аст.
3. Андоза ва шакли онро муайян кунед.
4. Пеш аз иҷрои кор ангораи пурраи маснуотро тайёр, андоза ва дар куҷо, чӣ хел ҷойгиршавии аппликатсияро муайян кардан лозим аст.
5. Ангораҳоро 2-тогӣ тайёр кунед. Яктоашро барои истифодбарии қолаб буред, дуюмашро барои дӯхтан нигоҳ доред.
6. Қолабҳои аз коғаз тайёршударо ба рӯи матоъ гузошта, бо сӯзанакҳо маҳкам кунед ва гирди ҷузъиёти аппликатсияро бо чоки канорӣ дӯзед.





*Расми 36, 37.*
*Аппликатсияи "Барфак"; Буратино;Золушка*

**Фикр кунед, ҷавоб диҳед, иҷро кунед**

1. Кадом намуди таҷҳизотро интихоб мекунед?
2. Барои аппликатсия кадом намуди тасвирро интихоб мекунанд?
3. Барои чӣ тасвири ҷузъиёти аппликатсияро аввал дар коғаз кашида, баъд дар матоъ мебуред?

Агар ҷузъиёти аппликатсияшаванда мураккаб бошанд, онҳоро қисм-қисм пайваст карда, бо дарзҳои дастии занҷирчашакл, обӣ, ҳамвор ё дар мошини дарздӯзӣ медӯзанд.

Аппликатсия аз матоъро бо роҳи 2-юм – ширеш кардан ҳам иҷро намудан мумкин аст. Ин роҳ нисбат ба роҳи 1-ум – дӯхтан якчанд маротиба тезтар аст. Ҷузъиёти аппликатсияи аз матоъ буридаро бо роҳи ширешкунӣ ба асос мечаспонанд. Барои ширеш кардани аппликатсия чунин ширешҳоро истифода мебаранд: маҳлул бо орди картоштагин, ширеши синтетикии Б-2, ПВА. Ширешҳои резиниро истифода намебаранд, барои он ки ҳамаи шаклҳо баъд аз мӯҳлати кӯтоҳ пайиҳам мекӯчанд.



*Расми 38. Чипполино бо дӯстонаш*



*Расми 39. Аппликатсия*

**Савол**

1. Аппликатсия аз кадом калима гирифта шудааст?
2. Барои аппликатсия кадом масолеҳро истифода мебаранд?

**Инро дар хотир доред**

Дар хона лахтакҳои мавҷудбударо эҳтиёт кунед. Бо матоъпораҳои ҳархела, коғаз, чарм, пӯсти мӯинадор ва ғайраҳо ҷойҳои даридаи либосҳоро бо роҳи аппликатсия медӯзанд, ки он ба либос ҳусни нотакрор медиҳад ва нуқсони дарбеҳшударо номаълум мекунад.

## § 21. Дарз ва кӯкҳои дастӣ

Дарзу кӯкҳои дастиро асосан дар гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ) истифода мебаранд. Намудҳои асосии дарзу кӯкҳои дастӣ инҳоянд: дарзи печон, кӯки калон, кӯки нусхагирӣ, дарзи сӯзан пеш аз ресмон, кӯки босма, кӯки занҷира, дарзи юрма, дарзи гиреҳ ва ғайра. Дар баъзе намудҳои гулдӯзӣ якчанд намуди дарзу кӯкҳои дастиро истифода мебаранд. Ҳамаи дарзу кӯкҳоеро, ки дар гулдӯзӣ вомехӯранд, кашидадӯзӣ ё гулдӯзии ороишӣ меноманд.

Дарзу кӯкҳои дастиро барои ороиши либосҳои замонавӣ, рахти хоб, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ васеъ истифода мебаранд. Сифати дарздӯзӣ ба таркиб ва хосиятҳои физикию механикии матоъ вобастагии калон дорад. Дар вақти интихоби матоъ ҳаминро дар назар гирифтан лозим аст, ки он ба зебоӣ ва сифати дӯхт мадад расонад. Пеш аз гулдӯзии дастӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарию гигиениро ба хотир овардан, барои қулай будани гулдӯзӣ ва монда нашудан ҷои корро дуруст ташкил намудан ва ба қоидаҳои кор риоя кардан лозим аст. Асбобҳо ва воситаҳои ёрирасон бояд дар қуттӣ ва халтачаҳои махсус (ресмон дар ресмонгузорак, сӯзанчаҳо дар болиштчаҳо, қайчӣ, ченактасма, ангуштпона, қалами М ва ТМ, коғазҳои нусхабардорӣ ва ғайра дар халтачаҳои махсус) ҷойгир карда шаванд. Равшанӣ ба сатҳи миз бояд аз тарафи чап фаромада истад. Тани дӯзанда бояд рост, сараш на он қадар паст бошад. Ҳангоми кор тани дӯзанда бояд камтар ба пеш майл кунад, масофаи байни чашм ва

кор бояд 25 – 30 см бошад. Ҳангоми кор дастҳоро дуруст мондан аҳамияти калон дорад.



*Расми 40. Ташкили ҷои кор барои дарздӯзии дастӣ*

Дар вакти дарздӯзӣ андозаи сӯзанро вобаста ба зичии матоъ дуруст интихоб кардан лозим аст. Барои гулдӯзӣ ресмонҳои пахтагин, абрешимӣ, пашмӣ, зарҳалию нуқрагин, инчунин мӯлина, ресмонҳои вискозӣ ва омехтаи сунъиро истифода мебаранд. Ғафсии ресмонҳо вобаста ба намуди матоъ ва дарздӯзӣ ҳар хел мешавад.

Дар матоъҳои тунук (нафис) бо ресмонҳои рақами 60 – 80 гулдӯзӣ мекунанд, тасвири наботот, гулҳо, парандаҳо ва ғайраро дар матоъҳои ғафс бо ресмонҳои пашмӣ, "гарус" (калобаи пашмӣ), "ирис" ва тофта медӯзанд.

Ранги ресмонҳо низ гуногун мебошад.

Дар гулдӯзии дастӣ инчунин марҷони сангҳои киматбаҳо, пулакчаҳои рахшон, марворид, тугмаҳои ҳалдор ва ғайраро васеъ истифода мебаранд. Ин масолеҳ ба гулдӯзӣ сифати нав зам мекунанд.

Дар матоъҳои абрешимӣ асосан бо ресмонҳои абрешимӣ, марҷонҳо, ресмонҳои зарҳалию нуқрагин гулдӯзӣ мекунанд.

Матоъҳои патдор ва пилтабахмалро барои гулдӯзӣ истифода набурдан беҳтар аст.

*Ҷадвали 3*

## Интихоби сӯзан барои дарздӯзии дастӣ вобаста ба намуди матоъ

| Намуди матоъ | Рақами ресмонҳои пахтагӣ | Рақами сӯзан |
|---|---|---|
| Матоъҳои тунук (батист, шифон, крепдешин ва ғайраҳо) | 100 – 80 | 1 |
| Матоъҳо барои чиҳози бистар ва матоъҳои куртагии сабук (катон, хомсуф, матоъҳои наххояшон химиявӣ, матоъҳои штапелӣ ва ғайраҳо) | 80 - 60 | 2,3 |
| Матоъҳои сабуки пашмӣ, матоъҳои вазнини наххояшон химиявӣ ва ғайра | 60 – 40 | 4, 5, 6, 7 |
| Матоъҳои вазнини пашмӣ | 40 – 30 | 8, 9, 10 |
| Моҳути дурушт, маҳин ва ғайра | 30 – 10 | 11, 12 |



*Расми 41. Намудҳои ресмон*

**Инро дар хотир доред**

**Сӯзани кашидадӯзӣ аз № 1 то № 12 мешавад. Рақами сӯзан чӣ қадар калон бошад, ҳамон қадар ғафс аст. Рақами ресмон аз 10 то 120 мешавад. Рақами ресмон чӣ қадар хурд бошад, ҳамон қадар ғафс аст.**

Дар вақти гулдӯзӣ намуди ресмонро вобаста ба матоъ интихоб мекунанд. Дар ин вақт, албатта, онро дар назар доштан лозим аст, ки вазифаи либос аз чӣ иборат аст.

Ҳангоми гулдӯзӣ ҳар хел андозаи нақшҳоро истифода мебаранд. Агар андозаи нақш ба ҳаҷми кашида мувофиқат накунад, нақшро калону хурд кардан мумкин аст. Усулҳои гуногуни ба рӯи матоъ гузаронидани нақш мавҷуданд: 1) нақши дар рӯи коғаз кашидашудаи гулро бо сӯзан якмаром сӯрох мекунанд. Баъд андозаро ба рӯи матоъ гузошта, вобаста ба ранги матоъ гарди хок, ангишт, хишт ё бӯр мепошанд; 2) аз коғази шаффофи нусхабардор истифода мебаранд; 3) андозаро ба рӯи моҳут, бахмал ва шоҳии ҷилодор монда, аз болои нақш кӯк мекунанд, баъд коғазро бо эҳтиёт даронда мегиранд, дар ин ҳолат нақши гул боқӣ мемонад; 4) барои ба матоъҳои тунуки сафед гузаронидани нақш андозаро ба рӯи шиша мемонанд, аз болояш матоъро мепӯшонанд, аз таги шиша чароғ медоранд ва аз рӯи нақши равшаншуда қалами сиёҳ (ТМ) медавонанд.

## Кӯки занҷира

Кӯки занҷира яке аз намудҳои кӯки дастӣ мебошад. Он аз як қатор ҳалқаҳои дӯзиш, ки пайиҳам мебароянд, ҳосил мешавад. Барои ин сӯзанро аз нуқтаи ибтидоӣ аз тарафи чаппаи матоъ ба тарафи роста мебароранд. Ресмон бояд пурра бароварда нашавад ва дар тарафи чаппаи матоъ аз ресмон ҳалқа монад. Барои кӯки оянда сӯзанро аз паҳлуи ҷои сӯзанзада ба тарафи чаппа мегузаронанд ва аз байни ҳалқаи ҳосилшуда кашида мебароранд (расми 42 а),

дар тарафи чаппаи матоъ он ҳамчун кӯки оддӣ намоён мешавад. Равиши кӯкро тағйир додан мумкин аст. Бо ин намуди кӯк нақшҳои растанигӣ (расми 42 б) ё



*Расми 42.Шаклҳои кӯки занҷира*

қаҷу килеб (расми 42 в) ҳосил кардан мумкин аст. Бо ин усул ҳошияи кашидаҳои калон, шохчаи гулу баргҳо ва ҳамин қабил нақшҳоро кашида медӯзанд.

## Дарзи юрма

Юрма бо ёрии дирафши чангакдор ё сӯзан дӯхта шуда, дар асnои он дар тарафи ростаи матоъ занҷири ҳалқаҳо ва дар тарафи чаппаи он хатҳои рост ҳосил мешаванд. Ҷиҳак, ҳошияи чизҳои ороишӣ, баъзе қисмҳои кашидаи калон юрмадӯзӣ карда мешаванд. Барои юрмадузӣ ресмонро дуқабата, чорқабата ва ғайра мегиранд. Кашидадӯз юрмаро ба воситаи дирафши чангакдор аз поён ба боло дӯхта меравад. Даставвал дирафшро халонда ба тарафи чаппаи матоъ мегузаронад ва ресмони дар тарафи чаппа бо дасти чап дошта истодаашро ба дирафш андармон намуда, ба тарафи рост кашида мебарорад ва дирафшро аз сари нав ба матоъ мехалад, бо ҳамин роҳ занҷири ҳалқаҳо ба вуҷуд меояд. Дар мавриди ба ҷои дирафш истифода бурдани сӯзан нақш аз боло ба поён дӯхта мешавад.

Ресмони аз сӯзан гузаронидашударо бо дасти чап дошта меистанд, баробари хастану баровардани сӯзан ҳалқа ҳосил шудан мегирад. Дарзи юрма ба кӯки занҷира монандӣ дорад.

## Кӯки босма

Кӯки босмаро аз болои ресмони рост кашида ё хобида

медӯзанд, рӯи матоъ пурра пӯшида мешавад: аз рост ба чап ва боз аз чап ба рост ресмон партофта, аз болояш дӯхтан мегиранд. Нах хоҳ рост бошад, хоҳ кундаланг кӯкҳои аз болои он партофташаванда аз ҳамдигар дуртар уреб мехобанд. Дарозии кӯкҳои рӯ набояд аз 3 мм зиёд бошад. Дӯхти босма якчанд хел мешавад, ки онҳо бо намуди зоҳирии худ фарқ мекунанд. Нах бо кӯки дароз (3 мм) ва лӯнда дӯхта мешавад. Нахро бо кӯки қӯша низ дӯхтан мумкин аст. Фосилаи байни кӯкҳои қӯша наздик ва дур шуданаш мумкин аст. Нахро бо шакли зич низ медӯзанд. Бо ин усул дастрахон, сачоқ, пешгир ва ғайраро ороиш медиҳанд.

## Дарзи ҳаракати сӯзан ба пеш

Ин дарз аз рост ба чап, ё ин ки аз боло ба поён дӯхта мешавад. Андоза ва фосилаи байни қадамҳои дарз бояд як хел бошад. Сӯзани ресмон гузаронидаро бо дасти рост, ресмонро бо ангушти калони дасти чап доштa истода, сӯзанро аз боло ба поён рост мегузаронанд. Дар аснои баровардани сӯзан ресмонро аз ангушти чап раҳо медиҳанд, он гоҳ ресмон таги сӯзан мемонад ва ҳалқа ҳосил мешавад.



*Расми 43. Дарзи ҳаракати сӯзан ба пеш*

## Дарзи гиреҳ

Нақшҳои ин кашидадӯзӣ андозаҳои начандон калон доранд ва ин гулдӯзӣ бе қасқон иҷро карда мешавад.

Баъзан дар таги он болиштчаҳои пур аз қум мегузоранд. Ресмони кориро маҳкам карда, матоъро ба болиштча сахт мегузоранд. Бо дасти чап ресмонро ба тарафи худ таранг кашида, бо рафти ақрабаки соат якчанд маротиба онро гирди сӯзан мепечонанд. Шумораи печҳои ресмон аз ғафсии ресмон вобаста буда, аз 3 то 6-то печ шуданаш мумкин аст. Баъд сӯзанро чаппа карда, дар назди чоки аввала ба матоъ мехалонанд, лекин ресмонро бо дасти чап нигоҳ дошта меистанд. Сӯзан бояд ба матоъ амудӣ истад. Бо дасти чап печҳо ва сӯзанро ба тарафи чаппаи матоъ мегузаронанд. Барои ичрои кӯки навбатӣ сӯзанро аз тарафи чаппаи матоъ ба тарафи ростаи он мегузаронанд ва ин амал аз нав иҷро карда мешавад. Печҳои ресмонро таранг накашед, чунки сӯзан аз қабати печҳои ресмон нагузаштанаш мумкин аст. Гиреҳҳо дар матоъ бояд ба ҳамдигар наздик ҷойгир шаванд. Бо дарзи гиреҳ бештар мобайни нақши гулҳо (бобуна, гули раъно, гули довудӣ, гули қашқарӣ) пур карда мешавад.

## Дарзи гиреҳи мураккаб

Шаклҳои дарзи гиреҳи мураккаб аз якчанд печҳои ресмон иборат аст.

Тарзи иҷроиши он ба иҷроиши дарзи гиреҳ монанд аст, лекин шумораи печҳои ресмон дар рӯи матоъ ба тарзи уфуқӣ ҷойгир мешаванд. Нақшунигор дар рӯи матоъ бо қалам ба хатҳои на он қадар калон ё бо роҳи нусхагирӣ гузаронида мешавад. Ин намуди дарз бо роҳи аз боло ба матоъ халондану баровардани сӯзани риштадор иҷро карда мешавад. Фосилаи байни кӯкҳо ба дарозии кӯкҳо баробар аст.

Охири сӯзанро дар назди кӯки аввала то охир набаровардa, бо ангушти калони дасти чап аз поён медоранд ва бо дасти рост ресмонро ба сӯзан мепечонанд. Бо ангушти калони дасти чап кӯки печондашударо дошта истода сӯзанро бо ресмонаш аз дохили печҳои ресмон ба

матоъ мегузаронанд.

Ҷойгиршавии шумораи ресмонҳо дар матоъ аз нақш вобаста аст. Бо кӯки илма, ки як намуди дарзи гиреҳ мебошад, куртаҳо, кофта, куртаи нимтанаи занона ва дигар либосҳои трикотажиро оро медиҳанд.



*Расми 44. Дарзи гиреҳ: а – оддӣ; б – мураккаб*

**?** **Савол**

1. Чанд намуди дарзҳои дастиро медонед?
2. Зебогии дӯзиш ба чӣ вобаста аст?
3. Чанд роҳи ба матоъ гузаронидани нақшро медонед?

**Инро дар хотир доред**

**Барои гулдӯзӣ матоъҳои абрешимӣ, пашмӣ, пахтагин ва загирии якрангро истифода мебаранд. Барои онҳо ресмонҳоро дуруст интихоб кардан лозим аст.**

## § 22. Мошинҳои дарздӯзии баркӣ

Дарзи мошинӣ нисбат ба дарзи дастӣ мустаҳкам, зебо ва ҳамвор буда, дар муддати кӯтоҳ дӯхта мешавад. Мошинҳои дарздӯзии баркӣ ҳамакора (универсалӣ) ва махсус мешаванд. Дар мошинҳои дарздӯзии универсалӣ амалиётҳои гуногунро иҷро кардан мумкин аст. Онҳо медӯзанд, пайваст мекунанд, ангула (сӯрохии тугма) месозанд, гулдӯзӣ мекунанд ва ғайра.

Ин хел мошинҳоро дар рӯзғор васеъ истифода мебаранд. Дар ин вақт ҳамаи амалиётҳоро аз аввал то охир як шахс иҷро мекунад. Ин хел мошинҳоро дар

фабрикаи дӯзандагӣ, ателйеҳо истифода мебаранд. Мошинҳои дарздӯзии рӯзгор бо ҳаракатовари дастӣ, пой ва баркӣ сохта мешаванд, қисмҳои онҳо ба ҳам монандӣ доранд. Матоъ ҳар қадар борик бошад, ҳамон қадар сӯзан ва ресмони борик лозим аст. Чоки мошинӣ аз ду ресмон ҳосил мешавад. Ресмони болоӣ аз қисми болои мошин, аз ғалтак ва ресмони поёнӣ аз моку меояд. Дар вақти кор ба он аҳамият додан лозим аст, ки кашишхӯрии ресмон як хел бошад. Дар ин вақт қабати байни матоъҳо рост ва мустаҳкам мешавад.

Агар ресмони поён халта шавад, чоки безеб ва номустаҳкам мебарояд, дар вакти кашишхӯрии ресмони боло чок канда мешавад.

Масофаи байни ду захми сӯзанро қадами чок меноманд. Нуқсони дар ресмони поёнӣ рухдодаро бо роҳи тоб додани винти танзимкунандаи пружинаи сараки найча ислоҳ кардан мумкин аст. Агар ресмони боло халта шуда бошад, он гоҳ гайкаи ресмонтарангкунандаро метобанд.




*Расми 45. Дурустии чок: а – чоки дуруст; б – чоки нуқсондор (ресмони поён халта); в – чоки нуқсондор (ресмони боло халта)*

Қадами байни чокро дуруст муайян кардан лозим аст. Матои борикро бо чоки хурд ва матои ғафсро бо чоки калон медӯзанд. Қадамҳои чокҳои гуногунро истифода бурда, чин ҳосил мекунанд. Дарозии қадамҳои чокҳоро дар ишораи 3 – 4 мм ва тарангии ресмони болоро кам мекунанд, баъд аз дӯхтани чок ресмони поёнро таранг карда, чин ҳосил мекунанд.

Баъд аз тамом кардани кор мошинро тоза, чангашро пок кардан, дар вақти 40 – 50 соат кор фармудан ба қисмҳои он равған молидан лозим аст.

Конструкторон мошини нимавтоматии навро ихтироъ

карданд, ки амалиёти муайянро бе иштироки одам иҷро мекунад. Ғайр аз ин барои дӯхтани чангакҳо (крючок), ҳосил кардани ҳалқа, пайвастани ду тарафи нӯгостини куртаи мардона ва буриши киса мошинҳои дарздӯзии нимавтоматӣ пайдо шуданд.

Ҳаракатовари барқӣ аз муҳаррики барқӣ, педал ва сими вилкадор иборат аст. Муҳаррики барқӣ ба танаи мошин бо винт маҳкам карда мешавад. Чархи муҳаррик ба чархи гардона тавассути тасма пайваст мешавад. Танзимаро тавассути муҳаррики барқӣ бо ёрии педал ба кор медароранд ва аз кор боз медоранд. Дар вақти кор бо мошини дарздӯзии барқӣ доимо эҳтиёт шудан даркор ва ҳамаи қоидаҳову талаботҳои корро риоя кардан лозим аст. Пеш аз кор бенуқсон будани симро аз назар гузаронед.

Дар вақти ба манбаи барқ пайвастан ва аз он ҷудо кардани мошин аз танаи вилкаи штепселӣ доштан лозим аст.

Барои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин чунин машқро иҷро кунед:

1.Мошинро ба равиши худ гузоред.




*Расми 46. Мошини дарздӯзии барқӣ: 1 – сим ва вилка; 2 – чархи ҳаракатдиҳандаи барқӣ; 3 – тасма; 4 – чархи гардона; 5 –ҳаракатдиҳанда, 6 – педал*

2.Мошинро бо роҳи бо пои рост пахш кардани педал оҳиста ба кор дароред.

3.Суръати мошин дар натиҷаи бисёртар пахш кардани педал тез мешавад.

4.Барои суст кардани суръати мошин фишорорӣ ба педалро камтар кунед.

5.Барои аз кор боздоштани мошин педалро оҳиста сар диҳед. Ин машқро се – чор маротиба иҷро кунед.

## § 23. Дарздӯзӣ дар мошин

1.Матоъро пешакӣ тайёр кунед.

2.Матоъро дуқат карда, бо кӯки дастӣ пайваст намоед ва ҷои қатшударо ҳамвор кунед.

3.Мошинро дар ҳолати корӣ гузошта, ресмонро гузаронед. Матоъро мувозӣ ба хати кӯки дастӣ дӯзед, баъд кӯки дастиро канед.

4.Ҷои кӯкро дарзмол кунед.

### Носозӣ дар кори мошини дарздӯзӣ

Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ бисёр носозиҳо ба монанди: шикастани сӯзан, тез–тез кандашавии ресмон дар чок, нодуруст ҳаракат кардани матоъ рух медиҳанд. Бинобар ин аввал сабаби носозиҳоро ёфта, онро бартараф кардан лозим аст.

Сабабҳои рух додани носозиҳо дар вақти кор бо мошини дарздӯзӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо:

| Сабабҳои носозӣ | Бартараф кардани он |
|---|---|
| 1. Қат шудани сӯзан ё кунд шудани он | Иваз кардани сӯзан |
| 2. Нодуруст гузоштани сӯзан | Дуруст гузоштани сӯзан |
| 3. Сӯзанро пурра нагузоштан | Сӯзанро пурра дохил кардан |
| 4. Мувофиқ набудани рақамҳои сузан бо ресмон | Мувофиқи рақами ресмон ва ғафсии матоъ интихоб кардани сӯзан |
| 5. Ресмони бисёр тобдода | Ресмонро иваз кардан |

**Шикастани сӯзан**

| | |
|---|---|
| 1. Сӯзани қатшуда ё интихоби нодуруст | Иваз намудани сӯзан |
| 2. Сӯзанро то охир пурра нагузоштан | Пурра гузоштани сӯзан |
| 3. Сӯзан нодуруст маҳкам шудааст | Сӯзанро дуруст маҳкам кардан |
| 4. Сараки найча нодуруст гузошта шудааст | Дуруст гузоштани сараки найча |
| 5. Кашишхӯрии зиёди ресмони боло | Халта кардани ресмони боло |

Дар вақти нишастан дар назди мошини дарздӯзӣ ба дурустии гузаронидани ресмони болою поён, гузоштани сӯзан дар вақти дӯхтани чоки санҷишӣ, сифати онҳоро аз назар гузаронед. Ҷузъҳои буридашуда бо чоки канорӣ дӯхта мешаванд. Ин чокҳо барои тит нашудани ҷойҳои буриш хизмат мекунанд.

**Савол**

1.Кашиши ресмони болоро бо ёрии кадом танзима тағйир медиҳанд?
2.Кашиши ресмони поёнро чӣ тарз дуруст мекунанд?
3.Кадом норасоиҳо дар мошини дарздӯзӣ дучор мешаванд ва сабабҳои онҳо кадоманд?

## Талаботи бехатарӣ дар вақти кор бо мошини дарздӯзии барқӣ

1.Дар вақти гузоштани сӯзан, сараки найча ва ресмони боло мошинро аз манбаи барқ ҷудо кунед ё баръакс агар ҷудо накунед, пойро аз педал гиред.

2.Ин корҳоро кардан мумкин нест:

а) ресмонро бо дандон наканед, ки сири дандонро меравонад ва лабро мебурад;

б) бо алмоси ришгирӣ чокҳоро канда ва ҷои тугмагузориро буридан мумкин нест, чунки даст ё ангуштонро мебурад;

в) дарзмолро бе такягоҳ нагузоред, чунки мумкин аст он ба рӯи поятон афтад;

г) дар вакти кор бо мурваттобак онро ба чўяки винт амудӣ гузоред, вагарна ғеҷида дастатонро мебурад;

ғ) дар вақти таҷрибагузаронӣ, санҷиш, сўхтани матоъ ё ришта ва дар атсетон ҳал кардани онҳо ба бехатарии кор диққати махсус диҳед.

## Қоидҳои бехатарӣ дар вақти кор бо мошини дарздўзии барқӣ

1.Дар хона фақат бо иҷозати калонсолон мошини барқиро истифода баред.

2.Барои аз сўхтор эҳтиёт кардан мошинро баъди ба манбаи барқ пайваст кардан беназорат нагузоред.

3.Дар вақти пайдо шудани бўи резини сўхта ё дуд ба калонсолон хабар дода, дарҳол мошинро аз манбаи барқ ҷудо кунед.

## Хонандагон ин қоидаҳоро бояд қатъиян риоя кунанд:

1.Дар вақти ба манбаи барқ пайваст ва аз он ҷудо кардани мошини барқӣ дар як вақт бо як даст мошин ва ба дасти дигар батерияҳои оби гарм, қубурҳои (трубаҳои) обу газро доштан мумкин нест.

2.Дар хотир доред, ки сим дар вақти кор тоб хўрда канда мешавад ё расиши кўтоҳро ба амал меорад.

3.Сўзанро аз сими рўйкашдор қапида мондан мумкин нест.

4.Дар вақти пайдо шудани носозӣ дар васлак (розетка), вилка, сим ва расиши ҷараён ба танаи (асоси) мошин корро бас карда, мошинро аз ҷараёни барқ ҷудо кунед ва ба муаллим (дар хона ба волидайни худ) хабар диҳед.

5.Пеш аз мошинро тоза кардан ва равған молидан онро аз манбаи барқ ҷудо кунед.

6.Баъд аз тамом кардани кор мошинро аз манбаи барқ ҷудо кунед.

## Нигоҳубини мошини дарздӯзӣ

Мошини дарздӯзӣ монанди дигар мошинҳо талабот ба нигоҳубини худро дорад. Онро агар дар вақташ тоза карда равған молида истед, корро беовозу сабук иҷро мекунад. Тоза нигоҳ доштан ва равған молидан қисмҳои мошини дарздӯзиро аз хӯрдашавӣ ва вайроншавӣ нигоҳ медорад.

Баъд аз тоза кардан ба ҳамаи қисмҳои мошин равған молида, бо ёрии равғанчаконак ба сӯрохиҳо ё ҷои пайвасти қисмҳо як – ду чакра равған чаконед.

Дар вақти равғанкунӣ кӯшиш кунед, ки равған ба тасмаи ҳаракатгузарон начакад.




*Расми 47. Нақшаи равғанкунии мошини дарздӯзӣ (а), қисмҳои танзимаи чок (б), риштапуркунак (в), дастак (г)*

## Кори амалӣ

## Тоза ва равған кардани мошини дарздӯзии дастӣ, пойӣ ва барқӣ

Таҷҳизот: мошини дарздӯзӣ, мурваттоб, равғанчаконак бо равған, матоъ барои пок кардан.

**Рафти иҷрои кор:**

1.Мошинро аз манбаи барқ ҷудо кунед.

2.Барои тоза ва равғанкунӣ тайёр кардани мошин сӯзанро бардошта, бо ҳаракати озод ғалтак ва сараки найчаро гиред.

3.Тоза кардани мошин.

Қисми берунии мошин, сӯрохиҳои равғанчаконӣ, тахтаи асос ва қисмҳои дар таги он бударо тоза кардан лозим аст. Барои ин лавҳаи сӯзанро кушода гирифта, дандонаҳои матоъгузарон ва мокуро бо шётка тоза карда, лавҳаи сӯзанро ба ҷояш гузоред. Баъд асоси мошинро охиста ба боло бардошта, якпаҳлу гузоред ва ҳамаи қисмҳои дар таги он ҷойгирифта ва сӯрохиҳои равғанчакониро тоза кунед.

4.Равған кардани мошин.

Асоси мошинро бардошта, ҳамаи қисмҳои дар таги тахтаи асос буда ва қисмҳои мутаҳаррики мошинро равған кунед. Сипас қисмҳои даста, танзимаи қадами чок, риштапечонак, сӯзангузорак, найчаи тазйиқдиҳандаро равған кунед, ба сӯрохии лавҳаи сӯзан равған чаконед.

5.Мошинро ба кор тайёр кардан.

## Дарзҳои мошинӣ

Дарзҳои мошинӣ якчанд хел мешаванд. Онҳоро аз ҷоки дастӣ каме поёнтар ё болотар медӯзанд, то ин ки ҳангоми кӯкро кандан дарзи мошинӣ вайрон нашавад.

## Кори амалӣ

Намунаи дарзҳои мошинӣ.

Таҷҳизот: қуттии корӣ, матоъ барои дарзи намунавӣ, қайчӣ.

## Тайёр кардани матоъ ( чор пора) барои ду дарзи намунавии болои ҳам

**Рафти кор.** Ин дарзро барои пайваст кардани фаровез, гиребон, либоси сабук ва ғайра истифода мебаранд. Як канори матои буридашударо қат накарда ба болои дигараш,ки он ҳам қат нашудааст, мегузоранд ва

мошин мезананд. Масофаи дарз дар вақти дӯхтан аз канори бурида 0,5 см мешавад.

## Тайёр кардани дарзи намунавии бахиядӯзӣ

**Рафти кор.** Канори пораи болоиро ба тарафи муқобил қат карда медӯзанд ва дарзмол мекунанд. Баъд пораи болоиро ба болои пораи поёнӣ гузошта кӯк карда, бо мошин медӯзанд. Васеги дарзро аз ҷои қат то дарзи мошинӣ вобаста ба зичии матоъ ва фасон интихоб мекунанд. Дарзҳои бахиядӯзиро барои оро додани китфҳо ва оринҷ, пайваст кардани камзӯлча ба маснуот (блузка, куртаи мардона, куртаи занона, доман, шим ва ғайраҳо), инчунин бахиядӯзӣ кардани чинҳои курта ва доман истифода мебаранд.



*Расми 48. Дарзи намунавии болои ҳам*



*Расми 49. Дарзи намунавии бахиядӯзӣ*

### ? Савол ва супориш

1.Аз чӣ сабаб мошинро тоза ва равған карда истодан лозим аст?
2.Танзимаи чокро чӣ тарз равған мекунанд?
3.Дар вақти дӯхтани дарз бо мошини дарздӯзии барқӣ кадом қоидаҳо ва талаботҳоро риоя кардан лозим аст?
4.Дарзҳои намунавӣ дӯхтаро ба албоми корӣ гузоред.

# БОБИ IV. СОХТ ВА АМСИЛАСОЗИИ ЛИБОС

## § 24. Сохтани амсила

Дар ҳар давраи тараққиёти ҷамъият як намуди услуб ва дигаргуниҳои зиёд дар либос ба вуҷуд меояд, ки онро мӯд меноманд.

Мӯд – ин ҳукмронии муваққатӣ дар ҷамъиятҳои муайян мебошад, ки табъи ҳархела доранд ва таъсири он ба намуди зоҳирии либосҳо, алалхусус, дар костюмҳо зоҳир мешавад.

Тараққиёт ва дигаргуншавии мӯд ҳодисаи байналхалқӣ буда, дар натиҷаи кашфиётҳои илмӣ ба амал меоянд ва пайваста ба равобити фарҳангӣ ва иктисодии байни давлатҳо таъсири калон мерасонад.

Амсиласозии либос раванди мураккаби эҷодкорӣ мебошад ва аз амсиласоз донистани қонуну қоидаҳои асосии амсиласозиро тақозо менамояд.

Пеш аз ҳама либос бояд ба таъиноти худ ҷавобгӯ бошад, яъне либоси варзишӣ сабук, мустаҳкам, барои пӯшидан қулай ва зебо бошад. Либоси махсус ба хусусият ва талаботи истеҳсолот ҷавоб дода тавонад. Шакли либос аз рӯи васегии хатҳое, ки онро ташкил додаанд, муайян карда мешавад.

Дар вақти дӯхтани куртаи бегиребон якчанд намуди расми куртаро, ки дар плакатҳо кашида ва дар тахтаи синф овехта шудааст (онро аз маҷаллаҳои мӯд гирифтаанд), аз назар гузаронед ва бо намудҳои куртаҳо шинос шавед. Ба намунаҳои либосҳо шинос шуда, доир ба онҳо маълумот мегиред, ки тарҳи курта, хилъат, курта–хилъат, блузка, камзӯлча ва ғайраҳо аз якдигар фарқ мекунанд.

### Шиносоӣ бо талаботи куртаи занона:

1.Истифодабарӣ – қулай, мӯҳлати истифодааш

давомнок бошад.

2.Гигиенӣ – озод, барои нафаскашӣ, ҳаракат ва гардиши хун мувофиқ бошад.

3.Эстетикӣ – шинам, ба ороиши он аҳамият диҳед, ки ба он сохти интихобшуда ва талабот мувофиқ аст ё не.




*Расми 50. Намудҳои буриши камзӯлчаи куртаҳо: а – куртаҳои камзӯлчаашон русти нимдоира, кушоди моил, русти секунҷа; б – куртаҳои камзӯлчаашон дилшакли ҳархела*

Тарҳи либос якчанд хел мешавад:

1.Ба ҷисм часпида

2.Ба ҷисм начаспида

3.Тарҳи рост

4.Тарҳи озод ё трапетсияшакл

Маснуоти куртаи миллӣ ба тарҳи озоди рост дохил мешавад. Ҳоло мо бо намуди сохти куртаи бегиребон шинос мешавем ва аз рӯи он нақша кашида, қолаб сохта, маснуотро бурида ва медӯзем. Ба сохт ва ороиши он аҳамият дода, интихоби матоъ ва вазифаи маснуот (куртаи варзишӣ, хонагӣ, ҷойравӣ) ва ғайраро ба назар мегиранд.

Яъне намуди бадеии либос ба дуруст андоза гирифтан ва таносуби қисмҳои алоҳидаи он вобаста аст.

Таносуби либос ин тақсимшавии он ба хати китф, сандуқи сина, миён, рон, хати миёнаҷои рон, хати зону, хати миёнаҷои зону, хати таги пой мебошад, ки он тақсимшавии бадани одамро муайян мекунад.

Дар вақти дӯхтани либос чунин ҳунармандон зарур мебошанд: рассом, амсиласоз, тарроҳ, буранда, дӯзанда ва ғайраҳо.

Тарроҳ – шахсест, ки аз ҷуссаи одам андоза гирифта аз рӯи он нақшаи либосро мекашад.

Рассом – амсиласоз шахсест, ки давоми коркарди тарҳи либосро иҷро мекунад.

Буранда – шахсест, ки аз рӯи нақша қолаб месозад ва онро ба матоъ гузошта мебурад.

Дӯзанда –шахсест, ки пораҳои буридашударо ба ҳам пайваст карда медӯзад.

**?** Савол ва супориш

1.Вазифаи либос аз чӣ иборат аст?
2.Барои дӯхтани либос кадом касбҳо лозиманд?
3.Дар маҳалҳои шумо фабрикаи дӯзандагӣ мавҷуд аст ё не, дар бораи кор ва маснуоти истеҳсолкардаи он маълумот диҳед.

**Инро дар хотир доред**

1.Касби буранда ва дӯзанда дар аввалҳои асри IV – VII ба вуҷуд омад ва то асри XII тараққӣ кард.
2.Соли 1933 дар Москва хонаи мӯд кушода шуд.
3.Якумин маҷаллаи мӯд аз тарафи дӯзанда – амсиласоз Надежда Ламанова тартиб дода шуд. Ин шахс дар Фаронса аввалин мукофоти Гран-прии ин соҳаро гирифт.
4.Якумин маҷаллаи мӯд дар соли 1944 таҳия карда шуд ва он якумин бор соли 1945 аз чоп баромад.

## Асбоб ва воситаҳои ёрирасон барои дӯхтани либос

Ба асбобҳо ва воситаҳои ёрирасон дохил мешаванд: қайчӣ, ангуштпона, сӯзан, сӯзанакҳо, ченактасма, чадвали оддӣ ва масштабдор, гунё, қалам, бӯри дӯзандагӣ ва ғайра.

1.Қайчӣ – барои буридани матоъ қайчии муқаррарӣ, аммо барои корҳои ороишӣ қайчии нӯгтезро истифода мебаранд.

2.Ангуштпона бояд ба андозаи ангушти даст мувофиқ ояд.




*Расми 51.*
*Ченакҳои андозагирӣ: НЧСС – нимченаки сандуқи сина; НЧГ – нимченаки гардан; Дкам.П – дарозии камзӯлчаи пеш; ДКП – дарозии китфи пеш; Бкам.П – баландии камзӯлчаи пеш; ДТ – дарозии тана; ДО – дарозии остин; НЧР – нимченаки рон; ДКА – дарозии китфи ақиб; БКА – баландии камзӯлчаи ақиб; ДЛ – дарозии либос; ВО – васеъгии остин*

3.Сӯзан бояд ба ғафсии ришта ва матоъ мувофиқ ояд.

4.Ченактасмаи матой барои гирифтани ченак аз ҷисм истифода мешавад.

5.Ҷадвал ва гунё барои сохтани нақшаи либос заруранд.

6.Сӯзанакҳоро барои маҳкам доштани қати матоъ ба кор мебаранд.

**Барои дӯхтани либос лозиманд:**

1.Ченакгирӣ
2.Нақшаи дастурӣ
3.Ҳисобкунии формулаи куртаи миллӣ
4.Сохтани нақша
5.Сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш
6.Сохтани қолаб ба ченаки худ
7.Гузоштани андоза ба матоъ
8.Буридани матоъ
9.Пайиҳам дӯхтани курта
10.Пурра дӯхтани курта
11.Ороиши маснуот
12.Дарзмол кардани маснуот

## § 25. Андозагирӣ

Андозаро бо ченактасма аз ҷусса бо либоси сабук мегиранд. Андоза бе гузориши ҳаққи чок гирифта мешавад. Андозаи дарозӣ, васеъгӣ ва гирди ҷуссаро мегиранд. Андозагириро аз тарафи рости ҷусса сар мекунанд. Дар вақти андозагирӣ рост (дастҳоро ба поён фаровардa) истодан лозим аст, он гоҳ андоза дуруст меояд.

### Номгӯи пурраи ченакҳо

1.**Гирди сандуқи сина** (Гсс). Ченактасмаро аз ҷои баланди тахтапушт бо гирди сина то ҷои баландии сандуқи сина пурра чен мекунанд ва нисфашро менависанд.

НГСС (нимченаки сандуқи сина). Ченаки гирди сандуқи сина андозаи либосро муайян мекунад.

2.**Гирди гардан** (Гг). Андозаро бо ченактасма гирдогирди гардан то нуқтаи гардан чен мекунанд. Андозаро пурра гирифта, нисфашро менависанд – НЧГ (нимченаки гардан).

3.**Дарозии камзӯлчаи пеш** (Дкам.П). Андозаро бо ченактасма аз ҳамиши гардан – саршавии китф то маркази сандуқи сина чен мекунанд.

4.**Дарозии камзӯлчаи ақиб** (Дкам.А). Андозаро бо ченактасма аз сутунмӯҳраи ҳафтум то миёнаҷои баландии 2 – то тахтапушт чен мекунанд.

5.**Дарозии китф** (ДК). Андозаро бо ченактасма аз ҳамиши гардан то дарозии баландии қуллаи китф чен мекунанд.

6.**Баландии камзӯлчаи пеш** (БКП). Андозаро бо ченактасма аз қуллаи баландии китф то ҳамиши пеши даст чен мекунанд.

7.**Баландии камзӯлчаи ақиб** (БКА). Андозаро бо ченактасма аз қуллаи баландии китф то ҳамиши оқиби даст чен мекунанд.

8.**Дарозии тана** (ДТ). Андозаро бо ченактасма аз саршавии ҳамиши даст то дарозии дилхоҳ чен мекунанд.

9.**Васеъгии тана** (ВТ). Барои васеъгии танаро муайян кардан гирди ронро чен мекунем. Аз ҷои баландии думба то ҷои баландии шикам пурра чен карда, нисфи онро навишта, нимченаки ронро муайян мекунем (НЧР). Барои васеъгии танаро ҳосил кардан ба НЧР ададҳои аз 6 ё 8 то 24 (адади дилхоҳ)-ро ҳамроҳ мекунем.

10.**Дарозии либос** (ДЛ). Андозаро бо ченактасма аз сутунмӯҳраи ҳафтум то дарозии дилхоҳ чен мекунем.

11.**Дарозии остин** (ДО). Андозаро бо ченактасма аз қуллаи китф бо ақиби даст, аз оринҷи калон то оринҷи хурд чен мекунем.

12.**Васеъгии нӯги остин** (ВНО). Андоза бо ченактасма аз ҷои ғафсии банди даст озод чен карда меша-

вад. Васеъгии остинро мувофиқи табъ муайян мекунанд. Онро аз формулаи нақшаи остин ёфтан мумкин аст.

### Ченакгирӣ ба андозаи 48

1.Нимченаки сандуқи сина – 48
2.Нимченаки гардан – 18
3.Дарозии камзӯлчаи пеш – 29
4.Дарозии камзӯлчаи ақиб – 22
5.Дарозии китфи пеш ва ақиб баробар – 14
6.Баландии камзӯлчаи пеш –15
7.Баландии камзӯлчаи ақиб – 14
8.Дарозии тана – 95
9.Дарозии либос (курта) – 117
10.Дарозии остин – 25
11.Нимченаки рон – 52

(Ин намуди андозаро муаллима аз хонандагон ва ё аз манекени мактабӣ мегирад).

?

**Савол ва супориш**

1.Барои сохтани нақшаи маснуоти дӯзандагӣ кадом ченакҳои асосӣ лозиманд? Ҷавоб: дарозӣ ва васеъгӣ.
2.Дарозии маснуот аз кадом ченакҳо вобаста аст? Ҷавоб: аз ченаки дарозии камзӯлчаи ақиб ва дарозии тана.
3.Васеъгии маснуот аз кадом ченак вобаста аст? Ҷавоб: аз нимченаки рон.

### Машқи андозагирӣ

Хонандагон андозаро аз манекени мактабӣ ё аз якдигар гирифта, дар қисми андозагирӣ аз худи нақшаи дастурӣ менависанд. Ҳангоми андозагирӣ аз худ як хонанда чен мекунад ва хонандаи дигар натиҷаи онро дар коғаз менависад.

Барои дуруст муайян кардани андоза ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1.Куртаи миллӣ ба кадом гурӯҳи маснуот дохил мешавад?

2.Барои сохтани куртаи миллӣ кадом намуди ченакҳо лозиманд?

3.Ҳолати ҷойгиршавии ченактасмаро ҳангоми андозагирии нимченаки рон нишон диҳед.

**Фикр кунед, ҷавоб диҳед, иҷро кунед**

Қолабмистари ҷуссаи духтарчаро гиред. Онро ба албоми корӣ гузошта, гирдашро бо қалами оддии сиёҳ хат кашед. Баъд бо қалам ё ручка ё фломастер андозаи нимченаки гардан ва дарозии китфро навишта, ҷойгиршавии ин ченакро дар ҷуссаи духтарача бо ин шакл нишон диҳед.

Дурустӣ ва сифати ҷойгиршавии ченактасмаро дар ченаки додашуда аз муаллиматон пурсед.




*Расми 52.*
*Ченаки гардан ва китф:*
*1 – хати гардан;*
*2 – хати китф;*
*3 – муайян кардани дарозӣ ва васеъгии остини кӯтоҳ*



*Расми 53.*
*Тарзи кор бо қолабмистар*

# НАҚШАИ ДАСТУРӢ

## Куртаи миллии занона

| № | Аломати ченакҳо | Номи ченакҳо | Ченкунӣ ба андозаи 48 | Андозагирӣ аз худ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | НЧСС | Нимченаки сандуқи сина | 48 | |
| 2. | Н Ч Г | Нимченаки гардан | 18 | |
| 3. | Дкам.П | Дарозии камзӯлчаи пеш | 29 | |
| 4. | Дкам.А | Дарозии камзӯлчаи ақиб | 22 | |
| 5. | ДКП | Дарозии китфи пеш | 14 | |
| 6. | ДКА | Дарозии китфи ақиб | 14 | |
| 7. | БКП | Баландии камзӯлчаи пеш | 15 | |
| 8. | БКА | Баландии камзӯлчаи ақиб | 14 | |
| 9. | ДТ | Дарозии тана | 95 | |
| 10. | ДЛ | Дарозии либос (курта) | 117 | |
| 11. | ДО | Дарозии остин | 25 | |
| 12. | НЧР | Нимченаки рон | 52 | |

## Ҳисоби формулаи куртаи миллӣ

| № | Буришҳо ва нуқтаҳо дар нақша | Формулаи ҳисобкунӣ | Ҳисобкунӣ ба андозаи 48 | Ҳисобкунӣ ба худ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Аз нуқтаи А ва $А_1$ амудӣ ченакҳо мегузорем | аз нуқтаи А<br>АГ: АВ | 29;11 | |
| 2 | Камзӯлчаи пеш.<br>Аз нуқтаи А ва $А_1$ ченакҳоро мегузорем | аз нуқтаи $А_1$<br>$А_1К;КГ;А_1Г_1$<br>$А_1Г_1=А_1К+КГ_1$ | 3 ё 4 (адади доимӣ)<br>$А_1К=4;$<br>$КГ_1=15$<br>$19=4+15$ | |
| 3 | Ченаки уфуқӣ.<br>Камзӯлчаи пеш | $АА_1= В_1+В_1А_1$ | $АВ_1=18:3+0,5=7$<br>$В_1А_1=14$<br>$АА_1=7+14=21$ | |
| 4 | Камзӯлчаи ақиб.<br>Ченакҳоро амудӣ аз $А_2$ мегузорем | аз $А_2$<br>$А_2В_2;А_2В_2+В_2Г_3;$<br>$А_2Г_3=А_2В_2+В_2Г_3;$ | $А_2Г_3=2+22=24$<br>4 ё 5 – | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | | аз нуктаи $А_3$ $А_3 К_1$; $К_1 Г_4$; $А_3Г_4 = А_3 + К_3 + К_1Г_4$ | адади доимӣ 14; $А_3Г_4=4+14 =18$ | |
| 5 | Ченаки уфуқӣ. Камзӯлчаи ақиб | $А_2А_3=А_2В_3+В_3А_3$ | $А_2В_3=7$; $В_3 А_3=14$; $А_2А_3=7+14 =21$ | |
| 6 | Пайвасткунӣ бо хати моил. 1.Камзӯлчаи пешро аввал бо хати рост, баъд бо хати моил мекашем. 2.Камзӯлчаи ақибро аввал бо хати рост кашида, баъд бо даст моил мекашем. | $ВВ_1$; $В_1К$; $КГ_2$; $ГГ_2$ $В_2В_3$; $В_3К_1$; $К_1Г_5$; $Г_3Г_5$ | | |
| 7 | Аз нуқтаи Г уфуқӣ хатҳои рост мегузаронем. Васеъгии танаро аз формула меёбем, аз сабаби он ки тана 4 кат аст, бинобар ин ба 4 тақсим мекунем, яъне гирди ронро ба 2 тақсим мекунем ва баъд ҳосилашро ба 2 тақсим карда, $Г_1$ ҳосил мекунем | $ГГ_1=2Г/2+24=104/2+24 =52+24=76$; $76/2=38$ | $38=ГГ_1$ | |
| 8 | Аз нуқтаи Г амудӣ хатҳои рости мувозӣ мегузаронем, ба дарозии тана баробар. Аз нуқтаи Г амудӣ 2 см адади доимӣ мегузорем ва нуқтаи $Г_2$ ҳосил карда, бо нуқтаи $Г_3$ пайваст мекунем. | ГП мувозӣ ба $Г_1П_1$ формула НЧК/4: 2=48/4=12:2=6 ҳосил шуд, яъне тана аз нуқтаи $Г_1$ уфуқӣ аз 6 – 1 = 5; амудӣ 6+1=7 | 95 $ГГ_1=2$ адади доимӣ | |

Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ дар вақти сохтани конструксияи либос дар асоси ҷуссаи миёна дурустии андозаи қад ва ҷуссаро ба назар мегиранд.

Ҳоло дар истеҳсолоти дӯзандагӣ системаи нави андозагирии либос мавҷуд аст.

**I. Барои ҷуссаи занона:**

1. Қад
2. Гирди сандуқи сина
3. Гирди рон

Дар тамғакоғази либос чунин рақамҳо навишта шудаанд:160 – 100 – 108. Ин нишон медиҳад, ки қади занон 160 см, гирди сандуқи сина – 100 см, гирди рон – 108 см аст. Дар вақти андозагирии фардӣ нисбат ба умумӣ фарқият ±5, ±3, ±2 шуданаш мумкин аст.

II. Ҳар як мард бояд андозаи худро донад. Агар дар тамғакоғази либос рақамҳои 178 – 96 – 82 – 39 дода шуда бошанд, он гоҳ дарозии қад – 178, гирди гардан – 39 аст. Дар ин рақамҳо муайян карда шудааст, ки дарозии қад 178 (±3), андозаи сандуқи сина 96 (±2), гирди миён 82 (±2) буда, аммо андозаи гирди гардан бетағйир 39 (дар ҳар андоза ченаки худ) мемонад.

## Пайдарҳамии дӯхтани куртаи миллии (тоҷикӣ) занона

I.Сохтани қолаб.

II.Навиштаҷоти намуди берунӣ.

Тарҳи қолаб: рост, куртаи камзӯлчадор, бегиребон, остинкӯтоҳ, танааш камтар чиндор.

III.Хосияти матоъҳо: пахтагин, абрешимӣ (асосан атлас), химиявӣ. Матоъ барои тавқи пахтагин, ресмонҳо – № 50 – 60, сӯзан – № 90.

IV.Шумораи қолаб ва ҷузъҳо.

*Ҷадвали 4*

| № | Номгӯи ҷузъҳо | Қолаб | Шумораи ҷузъҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | Камзӯлчаи пеш | 1 | 2 |
| 2. | Камзӯлчаи ақиб | 1 | 2 |
| 3. | Тана | 1 | 1 (4 қабат) |
| 4. | Остин | 1 | 2 |

# § 26. Қоидаҳои сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ

Барои сохтани нақша аз ченакҳои нақшаи дастурӣ истифода мебарем.

Умуман кашидани нақшаи маснуотро аз ақиби маснуот сар мекунанд, аммо барои нақшаро бо роҳи осон сохтан ва қулай гузоштан мо андозагириро аз камзӯлчаи пеш сар мекунем.

Нақшаи тақсимоти бадан мураккаб нест. Онро аз рӯи нақшаи тақсимоти Канон, ки дар он андозагирии ҷусса нишон дода шудааст, иҷро мекунанд. Онро модул меноманд, ки аз баландии сар то манаҳ мувофиқ буда, ба 1/8 ҳиссаи ҳамаи ҷусса баробар аст. Яъне ҳамаи тақсимоти ҷусса ба 8 модул баробар аст. Тақсимоти ҷусса вобаста ба синну соли одам тағйир меёбад. Нақшаи зер ба ҷуссаи одами 15-сола мувофиқ аст.

**Нақшаи тақсимшавии бадан**




Барои сохтани нақша бузургии модулро муайян кардан лозим аст. Бузургӣ ҳар қадар калон бошад, ҳаҷми нақша ҳамон қадар калон мешавад. Аз ҳама қулайтар он аст, ки

модул ба 3 см баробар бошад.

Нақшаи тақсимоти баданро дар коғази ғафстар сохтан беҳтар аст.

1.Барои сохтани нақша хати рости амудӣ кашида,онро ба 8 қисми баробар тақсим мекунем (яъне ба 8 модул).

Аз ҳар як нуқтаи тақсимот ҷудо карда хати уфуқӣ мегузаронем, ки он хатҳои тақсимоти баданро нишон медиҳад:

1. Хати баландии сар – аз саршавии сар то манаҳ
2. Аз манаҳ то хати сандуқи сина
3. Аз хати сандуқи сина то хати миён
4. Аз хати миён то хати рон (ҷои баландии гирди дунба)
5. Аз хати рон то хати миёнаҷои рон
6. Аз хати миёнаҷои рон то хати зону
7. Аз хати миёнаҷои зону то хати аз зону то буҷулаки пой
8. аз хати зону то буҷулак ва то кафи пой.
9. Муайян кардани хати китф. Он аз манаҳ поён буда, ба 1/3 модул баробар аст. Васеъгии ҳар як китф аз як модул иборат мебошад. Бинобар ин ба ҳар ду тарафи тир (ки дар оянда барои сохтани нақшаи мутаносибӣ истифода мешавад) гузошта мешавад. Ҳар як васеъгии китфро ба чор ҳиссаи баробар тақсим мекунанд.

## Машқ

### Тайёрӣ барои кашидани нақшаи маснуот

Хонандагон машқро аз рӯи нақшае, ки дар тахтаи синф овехта шудааст (бо М1:1) ё нақшаи дастурии тайёр сар мекунанд. Онҳо ба саволҳои:

1.Ченакро аз кадом нуқта мегузоранд?

2.Хати аз ин ё он нуқта кашида кадом намуди ченак аст?

3.Ин порча ба чӣ баробар аст? ҷавоб медиҳанд.

Ҳар як ченакро машқ карда, баъд ба сохтани нақша сар кунед. Аз рӯи нақша аз чанд қисм иборат будани маснуоти дӯхтаистодаро донista, пайиҳам ҳамаи ҷузъҳоро дар албом

бо М1:4 кашед. Қолабро бо М1:1 буред. Ҳар як хонанда бояд қолаби ҷузъҳои маснуотро аз рӯи нақша сохта, номи ҷузъҳоро, масалан, камзӯлчаи пеш, камзӯлчаи ақиб, хати миён, хати китф ва ғайраро навишта тавонад.

## Сохтани нақшаи камзӯлчаи пеш

Дар вақти сохтани нақшаи маснуот ҳамаи қоидаҳои доир ба нақшаи ҳамон маснуотро риоя мекунем. Барои кашидани нақшаи камзӯлчаи пеш аввал нуқтаро интихоб намуда, аз он ченакҳоро мегузорем.

Нимченаки гардан ва дарозии камзӯлчаи пешро амудӣ гузошта, нуқтаи А-ро бо 0 ишора мекунем. Аз он амудӣ ченакӣ дарозии камзӯлчаи пешро мегузорем, ки он ба 29 баробар аст ва онро бо нуқтаи Г ишора мекунем. Аз нуқтаи А ченаки дарозии назди гулӯи камзӯлчаи пеш (11)-ро гузошта, нуқтаи В ҳосил мекунем: А:В=11; А:Г=29 мешавад. Нимченаки гардан ва дарозии китфро уфуқӣ мегузорем. Аз нуқтаи А уфуқӣ хат мегузаронем ва аввал ченаки наздигулӯии китфро гузошта, онро аз рӯи формула меёбем. Нимченаки гардан 18:3+4=7 аст. Баъд нуқтаи $В_1$ ҳосил карда, ба он дарозии китфи пеш (14)-ро ҷамъ мекунем. Нуқтаи 21 ҳосил мешавад, ки онро бо $А_1$ ишора карда, нуқтаи $АА_1$-ро ҳосил мекунем: АВ=7; $ВА_1$=14; $АА_1=АВ_1+В_1А_1$= 7+14=21; $АА_1$=21;

Аз нуқтаи $А_1$ амудӣ мувозӣ карда ба хати АГ баробар хат мегузаронем ва аз нуқтаи $А_1$ (моилии китф) барои камзӯлчаи пеш се ё чор адади доимиро мегузорем ва нуқтаи К-ро ҳосил мекунем, ки он баландии камзӯлчаи пеш буда, ба дарозии китф (+1) баробар аст: 14+1=15. Ин ченаки баландии камзӯлчаи пеш аст. Онро аз нуқтаи К ба поён мегузаронем ва нуқтаи $Г_1$ ҳосил мекунем. Аз нуқтаи $Г_1$ 1 ё 2 см адади доимӣ (ба дохили хат) гузошта, нуқтаи $Г_2$ ҳосил мекунем: $А_1К$=4; $КГ_1$=15; яъне $А_1Г_1$= 4+15=19. Ҳамаи нуқтаҳоро бо хати рост ва ҷойҳои заруриро бо хати моил мепайвандем: монанди нуқтаҳои 7 бо 11, 29 бо 19, 7 бо 4-

ро бо хати рост пайваст карда, баъд миёначояшро ёфта, аз 7 то 11, аз 4 то нуқтаи $Г_2$ ченаки 1 ё 2 см мегузорем ва дар дохили хат ба хати рах-рах пайваст карда, аз рӯяш хати моил мегузаронем; аз нуқтаи 29 то нуқтаи $Г_2$ чен карда, миёначои хатро ёфта, аз он дар беруни хат ченаки 2, 3 ё 4 гузошта, аз рӯи он аввал хати рах-рах, баъд хати моил мекашем.

## Сохтани нақшаи камзӯлчаи ақиб

Барои сохтани нақшаи камзӯлчаи ақиб нуктаи $А_2$-ро гирифта аз он хати амудӣ мегузаронем. Баъд барои ченаки гардани камзӯлчаи қисми ақиб 2 см ададии доимӣ мегузорем, ё ки аз формулаи АВ:3=7:3=2,4 тахминан 2-ро гирифта, нуктаи $В_3$-ро ҳосил мекунем. Сипас ба давомаш дарозии камзӯлчаи акиб (22 см)-ро мегузорем (2+22=24) ва нуқтаи $Г_3$ ҳосил мекунем.

Аз нуқтаи $А_2$ хати уфуқӣ мегузаронем. Аввал нимченаки гардан (мувофиқи қоида)-ро гузошта, нуқтаи $В_3$-ро ҳосил мекунем, баъд дарозии китфро мегузорем ва нуктаи $А_3$ ҳосил мешавад:

$А_2В_3=7$; $В_3А_3=14$; $А_2Г_3=24$.

Аз нуктаи $А_3$ хати иловагии амудӣ мегузаронем ва ба он моилии 4 гузошта, нуктаи $К_1$-ро ҳосил мекунем, баъд аз нуқтаи $К_1$ ченаки баландии камзӯлчаи ақиб, ки он ба дарозии китф – 14 баробар аст, ченаки 14 гузошта, $Г_4$ –ро ҳосил мекунем. Аз нуктаи $Г_4$ 1 ё 2 см ададии доимӣ (дар дохили хат) гузошта, нуқтаи $Г_5$ ҳосил мекунем: $А_3К_1=4$; $К_1Г_4=14$ ва $А_3Г_4=18$. Ҳамаи нуктаҳои ҳосилшударо бо хати рост ва ҷойҳои заруриро бо хати моил пайваст мекунем.

Нуқтаҳои 7 ва 2, 7 ва 4, 4 ва 14, 24 ва $Г_5$-ро бо хати рост мепайвандем, нуктаи 2 ва 7-ро бо хати рост пайваст карда, баъд аз рӯи он хати моил мегузаронем.

Нуқтаҳои 4 ва 14-ро чен карда, миёначояшро ёфта, 1 ё 2 см ба дохили хат ченак гузошта, аввал хати рах-рах, баъд хати моил мекашем. Аз нуктаи $Г_4$ ва $Г_5$ миёначои хатро

гирифта, аз он 2,3 ё 4 адади ихтиёрӣ (мувофиқи табъ) берун аз хат ченак мегузорем ва онро бо хати рах-рах, баъд бо хати моил мепайвандем.

## Нақшаи танаи маснуот

Барои сохтани нақшаи тана аз нуқтаи Г ченаки дарозии танаро дар хати амудӣ мегузорем ва ГД-ро ҳосил мекунем. Аз нуқтаи Г уфуқӣ ченаки васеъгии танаро мегузорем (аз рӯи формула): НЧК+2+10,12,14... 24. Яъне васегии тана мувофиқи табъ аз рӯи формула $ГГ_1$= 2+24=104/ 2+24=52+24=76; 76/2=38; $ГГ_1$=38

Нуқтаи $Г_1$-ро ҳосил мекунем. Аз нуқтаи $Г_1$ амудӣ ба хати ГД баробар мувозӣ хати иловагӣ кашида, нуқтаи $Г_1Д_1$ ҳосил мекунем ва нуқтаи $Д_1$ ва Д-ро пайваст мекунем.

Барои танаро ба камзӯлча моил пайваст кардан нуқтаи Г-ро мегирем (аз он чорқабатаи қисми тана сар мешавад) ва 2 см монда дар поёни хат ченак мегузорем ва нуқтаи $Г_2$-ро ҳосил мекунем, баъд онро ба нуқтаи $Г_1$ мепайвандем. Барои моилии ҷои пайвасти остин ва танаро ёфтан НЧСС (нимченаки сандуқи сина)-ро аввал ба 4, баъд ба 2 тақсим мекунем. НЧСС:2 = 48:2= 12:2=6 ҳосил мешавад.

Онро аз нуқтаи $Г_1$ уфуқӣ 6 см гузошта, нуқтаи $Г_3$-ро ҳосил мекунем ва нуқтаи амудӣ ($Г_1$)-ро якто зиёд карда, 6+1=7-ро мегузорем ва нуқтаи $Г_4$-ро ҳосил мекунем, баъд нуқтаи $Г_3$ ва $Г_4$-ро ба хати рост мепайвандем ва бо даст моил мекашем.

## Нақшаи остини куртаи занона

Барои сохтани нақшаи остин аз рӯи ченаки гирифташуда дарозии остинро (25) аз нуқтаи О амудӣ мегузорем: ОД ҳосил мешавад. Аз рӯи формулаи мазкур васегии остинро меёбем. НЧО: 3х2+10=48: 3х2+10=42. Ченаки аз 42 то О-ро ба чор ҳисса тақсим мекунем: 42:4=10,5.

Аз нуқтаи О ва Д уфуқӣ адади 42 мегузорем ва нуқтаи $О_1$ ва $Д_1$ ҳосил мекунем ва онро ба 4 ҳисса таксим мекунем. Барои тарафи пеш ва ақиби остинро ёфтан бо формула ҳисоб мекунем, баландии қуллаи остин БКО=НЧО:4+3=48: 4+3=15 ҳосил мешавад.

Аз нуқтаи О адади 15-ро мегузорем ва нуқтаи Г-ро ҳосил мекунем ва аз нуқтаи Г мувозӣ карда ба хати $О,О_1,О_2$, $О_3$, $О_4$ уфуқӣ хат гузаронида, нуқтаи $Г_1$, $Г_2$, Г3, $Г_4$ ҳосил мекунем. Васеъгии остинро ба 4 тақсим мекунем: ВО=42:4=10,5.

Аз нуқтаи О адади 10,5-ро гузошта нуқтаҳои $О_1$, $О_2$, $О_3$, $О_4$-ро ҳосил мекунем. Аз нуқтаҳои $О_1$, $О_2$, $О_3$, $О_4$ ба поён хати рости амудӣ мегузаронем; онро аз баландии қуллаи остин (15) гузаронда, нуқтаҳои $Г_1$, $Г_2$, $Г_3$, $Г_4$-ро ҳосил мекунем. Аз баландии қуллаи остин ($О_2$) бо хати рост нуқтаҳои $О_2$ ва Г пайваст мекунем, аз пеши остин ба тарафи рост то нуқтаи буриши ду хатро гирифта, бо ҳарф ишора мекунем ва миёнаҷои хатро ёфта 1 см ба боло мегузорем. Баъд аз хати буриши миёнаҷой то нуқтаи Г миёнаҷои хатро ёфта 2 см ба поён мегузорем ва аз қуллаи $О_2$ давродаври ченаки 2 ва 1 хати рах-рах ва баъд аз рӯи он хати моил мекашем.

Аз нуқтаи $О_3$ аз тарафи ақиби остин то нуқтаи буриши ду хатро ($О_2$ ва $Г_4$) гирифта, миёнаҷои хатро ёфта, бо $М_1$ ишора мекунем, аз $О_2$ $М_1$-ро чен карда,миёнаҷояшро меёбем,баъд аз хати буриши миёнаҷои $М_1$ $Г_4$ро гирифта миёнаҷои хатро ёфта, 1 см ба поён мегузорем, аз $О_2$ давродаври ченакҳои 1 ва 2 хати рах-рах ва баъд хати моил мекашем.

Васегии нӯги остинро мувофики табъ муайян кунед.

Эзоҳ:

*1.Китфҳо се хел мешаванд ва ба онҳо моилии ададҳои доимӣ чунин аст.*

*1.Китфи баланд – 3 см*

*2.Китфи миёна – 3 – 4 см*

*3.Китфи моил – 3 – 5 см*

*II.1.Доимо баландии камзӯлчаи пеш аз дарозии китф, ки онро аз ҷусса чен мекунем, якто зиёд аст, яъне 14+1=15; БКП=15.*

*2.Баландии камзӯлчаи оқиб ба дарозии китф баробар аст. БКО=14.*

**Ҷадвали 5**

**Супориш барои муайян кардани ченакҳо вобаста ба қисмҳои нақша**

| № | Қисми нақша | Ченакҳо |
|---|---|---|
| 1. | Андозаи назди гиребон | НЧГ (нимченаки гардан) |
| 2. | Дарозии камзӯлчаи пеш | ДКП (дарозии камзӯлчаи пеш) |
| 3. | Васеъгии тана | НЧР ( нимченаки рон) |
| 4. | ....... | ........ |

**Савол ва супориш**

1.Барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ кадом қоидаҳоро ба назар гирифтан лозим аст?

2.Ченакҳоро аз сари хат бо кадом адад мегузорем?

3.Пайдарҳамии гузориши ченакҳоро дар нақша ба эътибор гиред.

## § 27. Сохтани қолаби маснуот

Барои сохтани қолаби қисмҳои куртаи миллии занона когазро мегирем ва ба рӯи он нақшаро бо М1:1 мекашем: муаллима ба андозаи 48 ва ҳар як хонанда ба андозаи худ. Нақшаро бо хати борик мекашем. Барои сохтани қолаби қисмҳо нақшаи маснуотро бо қалами ранга ё фломастер ё ручка бо хати ғафси асосӣ рӯдавон мекунем. Қолабро аз рӯи хати ғафси асосӣ мебурем. Қолаби қисмҳои алоҳидаи маснуотро тайёр мекунем:

1.Камзӯлчаи пеш

2.Камзӯлчаи ақиб

3.Остин

4.Барои тана қолаб намесозем, чунки дарозӣ ва бари онро ба матоъ якбора гузошта, қоидаи нақшакаширо ба назар гирифта мебурем.

Барои машқ кардани гузоштани қолаб ба матоъ чунин корҳоро амалан иҷро мекунем.

## Кори амалӣ

## Ҳудсанҷиш

Таҷҳизот: албом, қолаб, қисмҳои маснуот, қалами оддӣ ва қаламҳои ранга.

**Рафти кор:**

1.Қолаби куртаро ба албом гузошта, бо $M_1$:4 гирди онро хат мекашем.

2.Номи ҳар як қисмро аз худ кунед.

3.Вазифаи қисмҳои маснуотро муайян кунед ва номи қисмҳоро дар қолаб нависед.




*Расми 54*

**Савол ва супориш**

1. Қисми пеш ё ақиби куртаро аз кадом хусусиятҳояш фарқ мекунанд?
2. Хати паҳлу ё поёнро дар ангора (эскиз) нишон диҳед.
3. Васеъгии либосро бо кадом ченак муайян мекунанд?
4. Кадом қоидаҳоро дар назар дошта қолабро ба матоъ мегузоранд?

## Сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш

Барои сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш ба мо чунин ченакҳо лозиманд: нимченаки гардан, дарозии китф, дарозии камзӯлчаи пеш, баландии камзӯлчаи пеш. Дарозии назди гулӯро бо 2 роҳ ёфтан мумкин аст.

Роҳи якум. Барои ин дарозии камзӯлчаи пешро, ки 29 аст, ба 2 тақсим карда, баъд ба адади доимии аз 3 то 5 ҳамроҳ мекунем. Мисол: 29/2=14,5+3=17,5, ё ин ки 29/2=14,5+5=19,5 мешавад.

Роҳи дуюм. Дарозии назди гулӯ аз бадан (аз чуқурчаи гулӯ то дарозии дилхоҳ) чен карда мешавад.

## Буриши назди гулӯи маснуоти бегиребон

Назди гулӯи маснуотро бо усулҳои гуногун мебуранд. Усули буриши онро дида мебароем: Усули якум: тавқи маснуотро ба шакли назди гардан мувофиқ карда мебуранд. Васеъгии бахиядӯзӣ – 6 см. Як қисми бахиядӯзиро бо чоки васеъгиаш 5 – 7 мм медӯзанд. Агар барои назди гулӯ матои махсусро истифода баранд, онро ҳамчун барои бахиядӯзӣ мебуранд. Баъд матои иловагиро аз тарафи чаппаи тавқ бахиядӯзӣ карда, назди гулӯ ҳамроҳ то матоъ иловагӣ мегузоранд. Буришҳои бахиядӯзӣ дар мошинҳои махсус дӯхта мешавад.

1. Барои камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моил нуқтаи 11 ё 16 ва $B_1$-ро бо хати рост пайваст карда, аз рӯи хат миёнаҷояшро ёфта, 2 см гузошта хати моил мекашанд ва

камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моил ҳосил мешавад.

2.Камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакл бо ду роҳ бурида мешавад:

**Роҳи якум.** Аз нуқтаи 7 то 19 хати рост кашида, миёнаҷои хатро ёфта, 3 см гузошта, нуқтаи 7-ро бо 3 ва 3-ро бо 19 аввал бо хати рост мепайвандем ё ин ки ҳар як ченакашро ба 2 тақсим карда, 2 ё 3 см ба дохили хат гузошта, бо хати моил пайваст мекунем; нуқтаи 7-ро бо 3 ва 3-ро бо 19 бо хати рах-рах ва баъд бо хати моил мепайвандем. Дар натиҷа камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакл ҳосил мешавад, ки онро яклухт ё пешаш кушод мебуранд.

Агар аз хати дарозии камзӯлчаи пеш 4 – 3 см пеш хат гузаронида, нуқтаҳои 7, 16, 29-ро бо хати рости 4 ё 3 см кашида пайваст кунед, камзӯлчаи дилшакли пешаш кушод ҳосил мешавад.

**Роҳи дуюм.** Агар дарозии назди гулӯро 19,5 гирифта бошед ва пеши камзӯлчаро ба намуди дилшакл сохтан хоҳед, нуқтаи 7-ро бо нуқтаи 19,5 пайвандед ва онро ба 2 тақсим карда, аз миёнаҷояш амудӣ 3 ё 4 см гузоред, баъд нуқтаи 3-ро ба 7 ва 19,5 пайваст кунед.

Мувофиқи табъ дарозии камзӯлчаро 3 ё 5 см зиёд




*Расми 55.Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш дилшакли руст (а) ва кушод (б)*

кунед. Агар хохед, ки пешаш кушод бошад, он гоҳ барои ҷои қатшавии матоъ 2 ё 3 см масофа гузоред.

Барои чоркунҷа шуданаш аз нуқтаи 19,5 ба дарун 3 ё 4 см ченак гузошта, онро бо 19,5 пайваст мекунанд ва аз нуқтаи 3 ё 4 то нуқтаи 7 хати рост мекашанд.




*Расми 56. Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моили руст (а) ва кушод (б)*

3.**Камзӯлчаи чоркунҷа.** Аз нуқтаи 10 ба дарун 4 см мегузорем ва нуқтаи 10-ро ба 4 пайваст мекунем, баъд нуқтаи 4-ро ба 7 бо хати рост мепайвандем, камзӯлчаи пеши гулӯяш чоркунҷаи маҳкам ҳосил мешавад. Агар камзӯлчаи чоркунҷаи пешаш кушод хохед, аз нуқтаи 16 ё 12 ба 29 (ё бо даро-




*Расми 57. Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш чоркунҷаи руст*

зии дилхоҳи камзӯлчаи пеш) хат гузаронед, аз нуқтаи дарозии камзӯлчаи пеш берун аз хат 2 – 3 см монда, ченак гузоред ва аз рӯи ин хат матоъро қат кунед. Агар камзӯлчаи пешаш кушод ҳосил карданӣ бошед, як тарафро ба болои тарафи 2-юм гузошта пайваст кунед, нуқтаи болои ҳам гузоштан 3 ё 5 см шавад.

## § 28. Интихоби матоъ

Барои дӯхтани либос на фақат хатҳое, ки аз онҳо ченак мегиранд, инчунин интихоби рангҳо аҳамияти калон дорад. Рангҳо хусусиятҳои гуногун доранд. Баъзеи онҳо либосро васеъ ва одамро фарбеҳ, дигарашон либосро танг ва одамро лоғар нишон медиҳанд. Бинобар ин дар вақти интихоби матоъ ба рангҳо ва гулҳои матоъ аҳамият додан зарур аст.

Духтарони фарбеҳ бояд матои гулаш калонро интихоб накунанд, ё аз матои рахҳояш уфуқӣ барои худ либос надӯзанд, чунки ин навъи матоъҳо онҳоро боз ҳам фарбеҳтар нишон медиҳад.

Духтарони лоғар бояд аз матоъҳои гулашон майда ва рахҳояшон амудӣ барои худ либос надӯзанд. Дар ин гуна либос онҳо боз ҳам лоғартар менамоянд. Духтарони лоғар агар аз матоъҳои гулашон калон ва рахҳояшон уфуқӣ барои худ либос дӯзанд, беҳтар аст. Духтарони гардандароз бояд куртаҳои гиребондор ё назди гулӯяш маҳкам пӯшанд. Барои духтарони гарданкӯтоҳ куртаҳои гиребонашон кушод мувофиқ аст. Ҳангоми интихоби матоъ ё либос, албатта, ранги пӯст ва чашмро ба назар гирифтан зарур аст. Ранги либос бояд хама вақт ба талаботҳои умумии мӯд ва хислатҳои фардии шахс мувофиқ бошад.

Ҳангоми интихоби матоъ ё либос на фақат ранг, балки намуди матоъ ва мӯҳлати истифодабарии он, ҳолати гигиенӣ ва намуди эстетикии матоъ ва либосро низ ба назар гирифтан лозим аст. Дӯхтани либос ба табъи зебоипарастӣ, эҷодкорӣ, аз ҷониби соҳиби либос интихоб шудани матоъ ва фасон вобаста аст.

## Гузоштани қолабҳо ба матоъ

1.Интихоби матоъ

2.Аввал танаро чен карда, баъд қолабҳоро ба матоъ мегузоранд.

3.Гузоштани қолаб (андоза)

4.Қолаби камзӯлчаи пеш

5.Қолаби камзӯлчаи ақиб

6.Гузоштани қолаби остин

## Коркарди маснуот

I.Коркарди камзӯлчаи пеш:

1.Дӯхтани буриши китфҳо, пайвастани буриши китфи камзӯлчаи пеш ва ақиб

2.Дӯхтани тавқи камзӯлчаи пеш ва ақиб

3.Дарзмол кардани буриши чоки камзӯлчаи пеш ва ақиб

4.Дарзмол кардани чоки буриши тавқи камзӯлчаи пеш ва ақиб

5.Коркарди назди гулӯи камзӯлчаи пеш ва ақиб ва тавқи он

II.Кӯк ва коркарди остин:

1.Дӯхтани чоки паҳлуи остини дасти рост ва чап

2.Коркарди чоки паҳлу

3.Қат кардани нӯги остин

4.Чин-чин кардани қисми болои остин (баландии қуллаи остин), тарафи пеш ва ақиби остин

III.Коркарди тана:

1.Кӯк кардан ва дӯхтани чоки паҳлуи тана

2.Коркарди чоки паҳлуи тана

3.Чин-чин кардани қисми болои буриши тана

4.Қат кардани бари домани курта

IV.Ҷо ба ҷо кардани қисмҳои курта:

1.Камзӯлчаҳоро ба тана пайваст карда дӯхтан

2.Коркарди буришҳои ҷои пайвасти камзӯлча ба тана

3.Остинро ба камзӯлча ва тана пайваст карда дӯхтан

4.Коркарди чоки ҷои пайвасти остин ба камзӯлча ва тана

5.Дарзмол кардани куртаи тайёр.

Эзоҳ:

*1.Барои қат кардани бари доман 5 см гузошта мешавад.*

*2.Барои дигар чокҳои буришҳо 1 см гузошта мешавад.*

*3.Барои қати нӯги остин 3 см гузошта мешавад.*

## ? Савол ва супориш

1.Барои дӯхтани либос кадом касбҳоро медонед, номбар кунед.

2.Дар маҳалҳои шумо фабрикаи дӯзандагӣ ё ателйеи дӯзандагӣ мавҷуд аст ё не? Дар бораи кор ва маснуоти тайёркардаи онҳо маълумот диҳед.

## Фикр кунед, ҷавоб диҳед, иҷро кунед

Матоъ ва фасони дилхоҳатонро интихоб кунед. Зебоӣ ва ба танатон шинам будани либосро аз муаллиматон пурсед. Ба интихоби шумо чӣ хел баҳо доданд?

## Нақшаи технологии № 1
## Гузоштани қолаб ба матоъ

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Пеш аз буридани матоъ онро месанҷем. Матоъ бенуқсон ва ҳаҷмаш ба дӯзанда мувофиқояд. |
| 2. | Тарафи ростаи матоъро ба дарун дукат карда, аз тарафи чаппааш қолабро мегузорем. Барои гузоштани қолаби тана матоъро 4 қат ва бо сӯзанак маҳкам мекунем. |
| 3. | Қолабро паси ҳам ба матоъ мегузорем: аввал танаро, баъд камзӯлчаи пеш ва ақибро, сипас остинро. Қолабҳоро ба матоъ бо сӯзанак маҳкам мекунем. |
| 4. | Ба гирди қолабҳо бо бӯри дӯзандагӣ хати борики асосӣ мекашем, баъд аз он 1,5 см ҳаққи чок гузошта, бо хати рах-рах хати чокро мегузаронем ва бо қайчӣ мебурем. |
| 5. | **Худсанҷӣ:**<br>а) ба матоъ дуруст гузоштани қолабҳо;<br>б) санҷидани хатҳои ёрирасон ва рах-рах. |



*Расми 58. Гузоштани қолаб ба матоъ*

## Нақшаи технологии № 2
## Тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Кӯк кардан, дӯхтан ва коркарди тавқ ва асос (пайвастани фаровезча бо тавқ, агар тавқ бо фаровезча бошад). |
| 2. | Камзӯлчаи пешро роста карда, гирди буришҳоро барои ҳамвор истоданаш бо кӯки дастӣ медӯзем. |
| 3. | Дӯзиш, буриши китфи чор қисми асос ва тавқи камзӯлчаҳо:<br>а) тарафи ростаи камзӯлчаи ақибро ба тарафи ростаи камзӯлчаи пеш мегузорем ва аз буриши китф аз рӯи хати чок дастӣ кӯк мекунем, баъд дар мошини дарздӯзӣ медӯзем;<br>б) дарзмол кардани чоки ҳар ду китф аз тарафи чаппа. |
| 4. | Муайян кардани миёначои камзӯлчаҳои пеш ва ақиб, танаи курта бо қайчӣ нишона карда (майда, ба шакли секунча) бурида мешавад. |
| 5. | **Худсанҷӣ:**<br>а) дуруст гузаронидани хатҳои санҷишӣ;<br>б) дуруст дӯхтани чоки китф, баъд аз дӯхтан мувофиқ кардани чокҳои китф;<br>в) босифат дарзмол кардан. |



*Расми 59. Қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ*

## Нақшаи технологии № 3
## Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Дастӣ кӯк кардани паҳлуи тана, масофаи байни кӯк то буриш 1 - 1,5 см. |
| 2. | Бо мошин дӯхтани буриши паҳлуи тана, масофаи кӯк то буриш 1-1,5 см. |
| 3. | Буриши чоки паҳлуро бо кӯки дастии канорӣ ё бо дарзи мошинӣ бахиядӯзӣ кардан. |
| 4. | Дарзмол кардани чоки паҳлу аз ҳар ду тараф. |
| 5. | Қисми болоии танаро 4 қат карда, аз миёначоки ба шакли секунча мебурем. |
| 6. | Қисми болоии танаро 1 см ҳаққи чок гузошта, мошин мезанем, аз он поён 0,5 см гузошта барои чин-чин кардан мелӯзем, баъд ҳар ду нӯги ресмонро як карда, кашида чин-чин ҳосил мекунем ва чинҳоро баробар тақсим мекунем. |
| 7. | **Худсанҷӣ:**<br>а) дуруст кӯк кардан ва дӯхтани чоки паҳлу;<br>б) дуруст бахиядӯзӣ кардани буриши паҳлуи тана;<br>в) аҳамият додан ба сифати дарзмол;<br>г) дуруст тақсим кардани чинҳо;<br>ғ) чоки чинҳо бояд яклухт ва рост бошад, он гоҳ чинҳои зебо ҳосил мешаванд. |



*Расми 60. Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ*

## Нақшаи технологии № 4
## Кори санҷишии 1. Пайваст кардани камзӯлча ба тана

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Тарафи ростаи камзӯлчаи ақибро ба болои тарафи ростаи танаи курта гузошта, чинҳоро дуруст карда, кӯк мезанем. Аломати секунҷаро ба назар гирифта, чинҳоро баробар тақсим мекунем ва бо чоки васеъгиаш 1,5 см аз тарафи тана сар карда медӯзем. |
| 2. | Тарафи ростаи камзӯлчаи пешро рӯ ба рӯ карда, чинҳоро баробар тақсим карда, аломати секунҷаро ба назар гирифта, бо чоки васеъгиаш 1 см пайваст мекунем. |
| 3. | Чоки пайвасти камзӯлчаҳо бо танаро бо мошини дарздӯзии махсус медӯзанд. Буриши чокро дастӣ ё бо мошин бахиядӯзӣ мекунанд. |
| 4. | **Худсанҷӣ:**<br>а) дуруст кӯк кардани буриши камзӯлчаҳо;<br>б) дуруст будани чоки пайвасти камзӯлчаҳо;<br>в) як хел тақсим кардани чинҳо;<br>г) нишонҳо рӯ ба рӯ бошанд. |



*Расми 61. Пайваст кардани камзӯлча ба тана*

## Нақшаи технологии № 5
## Кори санҷишии 1. Пайваст кардани остин ба тана

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Остинро ду қати баробар карда, ба қуллааш аломати секунҷа намегузорем. |
| 2. | Аз бурриши куллаи остин 1 см гузошта, барои чин-чин кардан бо чоки калони мошинӣ медӯзем. |
| 3. | Чоки паҳлуи бурриши остинро аввал дастӣ 1 см гузошта кӯк мекунем, баъд бо мошин медӯзем.Нӯги бурриши ин чокро бахиядӯзӣ мекунем. |
| 4. | Нӯги остинро аввал 1 см, баъд 2 см қат карда, бо чоки ноаён медӯзем. |
| 5. | Маркази китф ё куллаи баландии остинро, ки нишона дорад, якҷоя ва чинҳоро баробар тақсим карда, чои бурриши чокҳоро болои ҳам гузошта кӯк мекунем. |



*Расми 62. Пайваст кардани остин ба тана*

## Нақшаи технологии № 6
## Кори санҷишии 2. Пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзӣ

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Пӯшида дидани курта. |
| 2. | Ҷои пайвасти остини дастӣ кӯккардаро бо мошини дарздӯзӣ медӯзем, кӯки дастиро канда, бахиядӯзӣ мекунем. |
| 3. | а) бартараф кардани нуқсонҳои остин<br>б) бари домани куртаро рост кардан |
| 4. | Бари домани куртаро аввал 1 см, баъд 3 см қат карда , кӯк мекунем, баъд бо чоки ноаён медӯзем. |
| 5. | Куртаи тайёрро дарзмол карда, кӯкҳоро меканем. |
| 6. | Шакли таҳ кардани курта. |
| 7. | **Худсанҷӣ:**<br>а) пурра санҷидани курта;<br>б) аз назар гузаронидани чоки мошин;<br>в) қоидаи техникаи бехатариро риоя намуда, пурра дарзмол кардани курта. |



*Расми 63. Пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзӣ*

## Савол

1.Барои дӯхтани либос бо кадом касбҳо шинос шудаед?

2.Кадом намуди амсиларо ба худ интихоб кардед?

3.Омӯхтани накшаи Канон чӣ фоида расонд? Барои сохтани нақша, қолаб ва дӯхтани маснуот шумо чиро интихоб кардед?

4.Коркарди камзӯлчаи пеш ва ақибро чӣ хел гузаронидед?

## Инро дар хотир доред

Донистани қоидаҳои амсиласозӣ, буридану дӯхтан, ороиш додани либос ва ғайра дар зиндагӣ ба шумо мадад мерасонад.

## § 29. Дарзмол кардани маснуот

Пас аз кор дарзмолро ба рӯи тагмонак монед, баъд аз манбаи барқ ҷудо кунед.

Барои дарзмол кардани маснуоти тайёр ҷои махсус ҷудо кардан лозим аст. Дар он ҷо бояд дарзмол, тахтаи дарзмолкунӣ мавҷуд бошад. Барои тах карда мондани маснуоти дарзмолкарда ҷои махсус лозим аст.

> **Инро дар хотир доред**
>
> Дарзмоли ба манбаи барқ пайвастшударо бе назорат нагузоред, ки ин боиси сӯхтор мешавад.
>
> Навбатдор ё худатон ҳангоми аз хона рафтан аз назар гузаронед, ки дарзмол аз манбаи барқ ҷудо карда шудааст ё не.

### Дарзмолкунии нимхушки маснуот

Дарзмолкунӣ барои тахту ҳамвор кардани матоъ, чокҳои маснуоти тайёр ва ғайра истифода бурда мешавад. Сифати дарзмолкунии нимхушк ба намуди берунии маснуот ва матои мавриди истифода вобаста аст.

### Қоидаҳои дарзмолкунӣ

1.Ҳарорати дарзмолро тавассути танзимаи ҳарорат вобаста ба матои мавриди истифода пасту баланд кардан лозим аст.

2.Дар вақти ба дарзмолкунӣ сар кардан санҷидан лозим аст, ки сатҳи дарзмол тоза ва насӯхтагӣ бошад. Агар сатҳи дарзмол шахшӯл шавад, онро бо пахтаи дар спирти навшодир ё намакоб таркарда тоза карда, ягон матои тарро дарзмол мекунанд.

3.Маснуотро аз чап ба рост, ба самти равиши барқад (аз қисмҳои майда сар карда) дарзмол мекунанд. Қисмҳои калони либос аз самти васеъгӣ ба тангӣ дарзмол карда

мешаванд.

4. Маснуоти дарзмолшударо ба либосовезак дуруст меовезанд.

## Тайёр кардани ҷои кор

Тахтаи дарзмолкунӣ воситаи асосии ёрирасони дарзмолкунӣ мебошад. Онро аз чӯби дарахти тӯс, олаш ва ғайра месозанд. Ба рӯяш масолеҳи мулоими махсус гузошта, матои пахтагин мекашанд.

## Ташкили ҷои кор дар вақти дарзмолкунӣ

Аввал сими дарзмолро аз назар гузаронед. Дар вақти дарзмол кардани маснуот ҳарорати дарзмолро тавассути танзимаи ҳарорат пасту баланд мекунанд. Дарзмол ба ҷараёни барқ бо ёрии сими вилкадор пайваст карда мешавад.

Барои дарзмол кардан дарзмоли барқии дорои танзимаи ҳарорат ва буғдиҳак мувофиқ аст. Азбаски матоъҳои гуногун (пахтагин, катонӣ, пашмӣ, абрешими табиӣ ва нахашон химиявӣ) ба гармӣ тобовар нестанд, дарзмолро ба дараҷаи гуногун тафсонидан лозим аст: барои матоъҳои нахашон химиявӣ – ҳарорати паст (1), барои матоъҳои абрешими табиӣ ва пашмӣ – ҳарорати мӯътадил (2), барои матоъҳои пахтагин ва катонӣ – ҳарорати баланд (3).

Умуман дар вақти дарзмол кардан маснуоти аз матоъҳои ҳархела бояд намнок бошанд. Матоъ дар ҳолати намнокӣ хубтар тахту ҳамвор мешавад.

Масалан: матоъҳои пахтагинро бе гузоштани матои иловагӣ дарзмол мекунанд. Матоъҳои пашмиро аз болояшон суфи тар гузошта, бо дарзмоли гармиаш муқаррарӣ дарзмол мекунанд.

Матои тар дар гармиаш мулоим мешавад, онро кашида ба шаклу андозаи пешинааш овардан осон мегардад. Суфи тарро бо дарзмол нағз хушк кардан даркор, то ки вай минбаъд нашинад. Матоъҳои гулашон барҷастаро хушк

дарзмол мекунанд. Матоъҳои абрешимиро хушк, нимхушк, аз тарафи чаппа ё аз болои суф дарзмол мекунанд. Матоъҳои трикотажӣ, шоҳиро дарзмол накардан беҳтар аст. Онҳоро дар рӯи миз паҳн карда мехушконанд. Агар дарзмол кардан лозим шавад, он гоҳ аз тарафи чаппа ё аз болои матои катонӣ бо дарзмоли нимтафсон дарзмол мекунанд.



*Расми 64. Ташкили кардани ҷой барои дарзмолкунӣ*



*Расми 65. Дарзмолҳои баркӣ*

***Ҷадвали 6***

| Намуди кор | Аломат | Вазифаи аломатҳо |
|---|---|---|
| Дарзмолкунии маснуот |  | Барои матоъҳои пахтагин ҳарорат аз 160⁰С – 200⁰С зиёд нашавад. |
| |  | Барои матоъҳои пашмӣ ва абрешимӣ ҳарорат аз 150⁰С – 160⁰С зиёд нашавад. |
| |  | Барои наххои химиявӣ ҳарорат аз 110⁰С – 120⁰С зиёд нашавад. |
| |  | Маснуотро дарзмол кардан мумкин нест. |

## ? Савол ва супориш

1.Барои дарзмолкунӣ кадом қоидаҳоро ба назар мегиред?

2.Қоидаҳои дарзмол кардани маснуотро гӯед.

# БОБИ V. КАСБУ ҲУНАРИ МИЛЛӢ

## § 30. Сохтани бозичаҳои мулоим

Қолаби бозичаро аз сим месозанд, симҳоро ба ҳам тофта ҳалқа мекунанд. Қисмҳои бозича бо чокҳои дохилӣ ё берунӣ дӯхта мешаванд. Қисмҳои асосии бозичаҳоро аз чарм, фетра (намади тунуки нафис), моҳути ғафс бо чоки гиреҳ (ҳалқа) аз берун медӯзанд.

Асоси кисмҳои асосӣ аз мӯина, матои тунук, трикотажӣ бо чоки дарунии сӯзан ба пеш, чоки оддӣ дӯхта мешавад.

Баъди пайваст кардани қисмҳои бозича ба дохили он пахта, паралон ё тарошамайда пур мекунанд.

**Инро дар хотир доред**

**1.Баъди пайваст кардани қисмҳои бозича ороишро аз манаҳ, чашм, даҳон, бинӣ сар кунед. Барои ин тугмаҳо, аппликатсия ва кашидадӯзиро истифода баред. Чашмро ба намуди доира, нимдоира, қиррашакл, рост медӯзанд.**

**2.Дар вақти пур кардани бозича бо масолеҳи дар боло зикршуда як кисми чокро 3,5 см гузошта надӯзед.**




*Расми 66. Бозичаҳои мулоим: а – ҳамвор; б – ҳаҷмнок*

**Эзоҳ:**

*Агар қисмҳои бозича бо чоки дохилӣ дӯхта шуда бошанд, он гоҳ сӯрохии мондаро бо чоки байни канорӣ дӯзед.*

Ин коидаҳоро истифода бурда якчанд намуди бозичаҳоро сохтан мумкин аст.

Мисол: **Гурбача.** Барои сохтани бозичаи гурбача ба мо як порча матои мӯинаи холдори андозааш 70x70, ё ин ки духоба ё сачоқи патдор, камтар матои пуштӣ ва сурх лозим аст. Барои дохили бозичаро пур кардан аз лахтакпораҳои матоъ ё селофани майда буридашуда истифода баред.

Қолабҳо:

1. тана – 2 нусха
2. шикам – 2 нусха
3. дум – 2 нусха
4. сар – 2 нусха
5. гӯш – 4 нусха (2 мӯина, 2 матоъ)
6. барои таги биниаш – 1 нусха
7. манаҳ – 2 нусха (1 мӯина, 1 матоъ)

Баъд ба гурбача аз қили моҳигирӣ мӯйлаб месозем, шикамашро бо чоки канорӣ дӯхта, ба танааш гузошта медӯзем ва онро роста карда, ба дохилаш пахта, лахтакпора ё тароша пур мекунем.

Сарашро бо дарзи печон ва пешониашро аз дохил дӯхта роста мекунем. Гӯшашро аз тарафи чаппааш аз дохил медӯзем. Баъд онро роста карда, ба ҷои сар нишона гузошта мечаспонем ва сарашро бо танааш бо чоки пасиканории моил пайваст мекунем.

Қисми ба зери бинӣ мегу-



*Расми 67. Нақшаи сохтани бозичаи мулоими гурбача*

зоштаро ба ҷои нишона медӯзем. Забончаро тайёр карда, бо манаҳаш дӯхта, онро роста карда, тагмони забону манаҳро бо як кӯк ба сар пайваст мекунем.

**Савол**

1. Бозичаҳои мулоимро чӣ хел месозанд?
2. Дар вақти дӯхтани бозичаҳои мулоим кадом масолеҳро интихоб мекунед?
3. Асоси қисмҳои бозичаро аз мӯина сохтан беҳтар аст ё аз дигар матоъ?
4. Барои чашм, бинӣ ва мӯйлаби бозичаҳои мулоим кадом намуди маҳсулотро интихоб мекунед?

**Фикр кунед, ҷавоб диҳед, созед**

Барои сохтани бозичаҳои мулоим (барои тӯҳфа кардан ба ҳамсинфон, хоҳару додаратон) кадом намуди масолеҳро интихоб кардаед? Масолеҳ ва ҳамаи асбобҳои барои дӯхтан заруриро ҷудо кунед, пуррагии онро бо модаратон ё бо муаллиматон маслиҳат кунед. Оё ҳама чизҳои барои дӯхтани бозичаи мулоим зарурӣ пурра интихоб шудааст ё не? Ба кори шумо онҳо чӣ хел баҳо доданд?
Аз баҳои онҳо шумо қаноатмандед?

**Супориш**

1. Аз рӯи қолабҳои дар расми 68 додашуда бозичаҳои мулоим созед.
2. Норасоии қисми гӯш ва думи харгӯшчаро кашед.
3. Қолабро ба матоъ гузошта қисмҳои бозичаро буред.
4. Дар вақти буридани қисмҳо ҳаққи чокро ба назар гиред.

## Намунаи шаклҳои пайвастани матоъпораҳо

Аз матоъпораҳои ҳархела чойникпӯшак, чойникмонак ва дигар маснуот дӯхта мешавад. Шакли матоъпораҳо ҳар хел




*Расми 68. Сохтани бозича аз рӯи қолаб*

мешавад: росткунҷа, чоркунҷа, секунҷа, доирашакл, нимдоирашакл ва ғайра.

Агар чойникпӯшак бошад, сатҳи пайвасти матоъпораро калон гирифта, ба болои он қолаб гузошта, 2-то нусха буред; дар мобайни абра ва астар пахта гузоштан мумкин аст.

Агар чойнимонак росткунҷа бошад, тарафи чаппаи як қисмро ба рӯи тарафи чаппаи қисми дигар гузошта, се тарафашро дӯзед; як тарафашро барои роста кардан ё пахта гузоштан надӯзед. Тарафи чорумашро баъди пахта гузошта роста кардан дӯзед.

Агар сачоқча, дастархон, дегпӯшак, ҷилди болишт бошад, дар мобайни абра ва астар ҳеҷ гуна масолеҳ намегузоранд. Қисмҳоро аз тарафи ростаашон бо кӯки канорӣ дӯхтан мумкин аст.

Дар вақти дӯхтани қисмҳо ҷои пайвастро аз назар гузарондан лозим аст. Он бояд аз дохил бо чоки канории мошинӣ дӯхта шавад. Агар чок аз берун бошад, аввал 0,5 ё 1 см гузошта бо чоки оддӣ, баъд бо чоки канорӣ ё зарбшакл медӯзанд. Ҳар як қисми онро бо гулдӯзӣ ё аппликатсия ё бо чарм, матоъҳои зардори синтезӣ ба шакли секунҷа, чоркунҷа ё ягон намуди меваҷоту тасвири қисмҳои растанӣ бо мошин медӯзанд. Онро бо тугмаҳо, марҷон ва дигар шаклҳои дӯзиш ё тӯр, матоъҳои ороишӣ, тасма ва ғайра ороиш медиҳанд.

Чойникмонак ва дигар ҷиҳози ошхонаро аз матоъпораҳо ҳам медӯзанд. Дар расм якчанд намуди аз матоъпораҳо дӯхтани маснуот нишон дода шудааст.

Лахтакпораҳои матоъҳои гуногун, чарм, замш ва ғайра барои дӯхтани бозичаҳои мулоим истифода бурда мешаванд.

## Савол

1. Барои аз лахтакпораҳо дӯхтани маснуот кадом қоидаҳоро риоя мекунед?
2. Аз лахтакпораҳои матоъҳои гуногун маснуоти дилхоҳатонро дӯхта метавонед ё не?

## Фикр кунед, ҷавоб диҳед, созед

Оё аз лахтакпораҳои дар хонаатон буда чойникпӯшак, чойникмонак ё бозичаҳои мулоим дӯхта метавонед? Қоидаҳои дӯзишро риоя карда маснуоти дилхоҳатонро дӯзед ва онро ба модаратон ё муаллим нишон диҳед. Шумо аз баҳои додаи онҳо қаноатмандед ё не?



*Расми 69.*
*Дӯхтани маснуот аз матоъпораҳо*

## § 31. Дӯхтани рӯймол

Рӯймол яке аз қадимтарин намуди пӯшока мебошад.

Рӯймол ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1.Рӯймоли занона.

2.Рӯймоли мардона.

Рӯймоли мардонаро аз замонҳои қадим (аз давраи Сомониён) барои ба пешона ё миён бастан истифода мебурданд. Дар байни ниёгони мо маросимҳои бисёре мавҷуд буданд. Яке аз онҳо "рӯймолбандон" ном дошт. Агар писарбача 14-сола мешуд, падару модари ӯ махсус зиёфат ороста, рафиқони фарзандашон, хешу табор, мӯйсафедонро таклиф мекарданд. Писарашонро дар миёнаҷо дар ҷои махсус мешинонданд. Баъд ӯ аз болои оташи ҳезум мепарид. Агар парида тавонад, ба балоғат- расида ҳисоб мешуд ва яке аз мӯйсафедон ба миёни ӯ рӯймол мебаст. Аз ҳамин рӯз вай ҳуқуқ пайдо мекард, ки мустақилона кор кунад ё барои ҷустуҷӯи кор ба ягон ҷои дигар равад.

Рӯймоли мардонаро барои домод аз матоъҳои абрешимӣ ва қиматбаҳо бо оройиши махсус медӯхтанд.

Бештар рӯймолро дар вақти тӯй ва маросими дафн мебанданд. Ранги рӯймолҳои барои тӯй, одатан, сурх ё зард буда, аз атлас ва шоҳӣ дӯхта мешаванд. Рӯймолҳои барои мотам зангор ё кабуд мешаванд. Ин одат имрӯз ҳам дар байни мардуми мо маъмул аст.

Рӯймолҳо ба чунин намуди кашидадӯзӣ дӯхта мешаванд:

**Пояги ё обӣ.** Ин номро барои он гирифтааст, ки дар нақши растанигӣ (поя ва барг) дӯхта мешавад. Ин нақшро дар ҳошия якҷоя ба шаклҳои гуногуни геометрӣ кашидадӯзӣ мекунанд.

Ин кашидадӯзӣ нақши қачмоқач ва намудҳои гуногуни кашидадӯзиро ба вуҷуд меорад, ки байни худ зич дӯхта мешаванд.

Чоки обӣ ё пояги аз тарафи рост ба чап ё аз тарафи дӯзанда ба боло дӯхта мешавад. Ресмони корӣ бояд ҳама вақт дар тарафи рост бошад.

**Рафти кор.** Дар матоъ як кӯкро иҷро карда, сӯзанро бо ресмони корӣ ба матоъ аз миёнаҷои кӯки якум ё аввала ба тарафи чаппа дохил мекунанд. Дар вақти иҷрои кӯки дуюм сӯзанро бо ресмони корӣ ба миёнаҷои кӯки дуюм дохил карда, ба тарафи чаппаи матоъ мебароранд. Ҳамин тавр кӯкҳои минбаъда аз миёнаҷои кӯки аввала мебароянд ва монанди ресмони тофта мешаванд ва кӯки обӣ ё поягӣ ба вуҷуд меояд.

**К а ш и д а д ӯ з и и  ҳ а м в о р** ба намуди кӯки яклухт иҷро мешавад. Кӯкҳо ба якдигар зич дӯхта шуда, ин ё он нақшро пурра пур мекунанд. Барои иҷрои ин намуди кӯк матоъҳои гуногунро истифода мебаранд.

Кашидадӯзии ҳамворро дар рӯймол васеъ истифода мекунанд. Масофаи ҷойгиршавии кӯкҳо дар тарафи роста ва чаппаи рӯймол як хел аст. Ин кӯкҳо ба тарзи мувозӣ ва ғайримувозӣ ҷойгир мешаванд.

Кӯкҳои дохилӣ зич, кӯкҳои канорӣ халтатар дӯхта мешаванд.

Ин намуд кашидадӯзии ҳамвори дутарафа ном гирифтааст.

Ба ин намуди кашидадӯзӣ чунин намудҳои маснуотро медӯзанд: дастархон, рӯйҷо, ҷойнамоз, рӯймолҳои мардона, рӯймолҳои занона ва ғайра.

**? Савол ва супориш**

1.Ҳисобот доир ба кори иҷрошуда.
2.Барои дӯхтани рӯймол чӣ хел матоъҳоро интихоб кардан қулай аст?
3.Зебоги захми дӯзиш ба чӣ вобаста аст?
4.Барои дарздӯзӣ кадом риштаҳоро интихоб мекунанд?
5.Шумо дар вақти дарздӯзӣ кадом риштаҳоро интихоб кардед?

## § 32. Тайёр кардани кисаҳо

Асосан ду намуди киса маъмул аст: кисаи берун ва кисаи дарун, ки онро аз ҷузъҳои асосии маснуот тайёр карда, дар болои дарз ва ё чин мешинонанд.

Вобаста ба ҷои дӯхт кисаи берун, кисаи боло ва дарун, кисаи болои сари сина ё кисаи паҳлуро фарқ мекунанд. Кисаи берун оддӣ, рости ҳошиядор, ҳошияаш муқарнас, сарпӯшдор, бесарпӯш, бесарпӯши бахиядор, чиндор, ҷоки болояш ва нақшаш муқарнас ва ғайра мешавад. Сарпӯши кисаи берун ҳалқадор, беҳалқа, росткунча ва муқарнас шуданаш мумкин аст. Кисаи берунро бо ҳар хел чину гулдӯзӣ ва ғайра оро медиҳанд. Чанд навъи кисаи даруни боло ва паҳлу маълум аст: сарпӯшаш рост ё муқарнас, дарзаш рост ва муқарнас ва ғайра. Вобаста ба модели кисаи дарун онро баъзан муқарнас ё чиндор медӯзанд. Ба кисаи либоси спортӣ бештар занҷираки "молния" мешинонанд. Ҳангоми тайёр кардани киса усулҳои таҳвили минбаъдаи техникии онро (вобаста ба шакли киса ва хусусиятҳои матое, ки аз он киса дӯхта мешавад) ба эътибор гирифтан даркор аст.



*Расми 70. Дарзу кӯкҳои кашидадӯзӣ*



*Расми 71. Намудҳои кашидадӯзӣ*

**Кисаи берун** (расми 72). Вобаста ба хусусиятҳои матоъ кисаи берун яккабата ва ё дуқабата мешавад.

Кисаи берунро аксаран бо лаблӯла, ҳошияи тӯрӣ, шероза ва ғайра зинат медиҳанд. Ҷой ва андозаи киса аз рӯи намуна гирифта шуда, дар вақти пӯшида дидани либос муайян карда мешавад. Бо ин мақсад мувофиқи андоза ва шакли киса аз коғаз қолаб мебуранд. Дар вақти пӯшида дидани либос қолабро бо сӯзанакҳо ба он часпонда, бевосита ҷой ва андозаи аниқи кисаро муайян мекунанд.




*Расми 72. Кисаи берун:*
*а – қат кардани гӯшаҳо;*
*б – дарзи мустаҳкамкунанда*

**Кисаи берун, ки канораш дарз дорад.** Агар либос аз матои пахтагин дӯхта шавад, пас қисми аз андоза зиёди матои буридашударо (3,5 – 4 см) барои таҳвили буриши чоки боло бо рахи даҳани киса ба тарафи чаппааш қат карда, канори буридагиашро тақрибан то 0,7 – 1 см ба дарун қат мекунанд ва кӯк мезананд, онро ба киса дар худи ҷои қатшавӣ медӯзанд (расми 72). Ҳаққи чоки кисаро (0,7 – 1 см) бо рафти ҷои буриш ба тарафи чаппаи киса қат карда кӯк мезананд ва дарзмол мекунанд (расми 72 а). Кисаи тайёрро ба болои ҷузъи асосии маснуот гузошта лабашро кӯк ва сипас аз канораҳо мошин мезананд (расми 72 б).

**Кисаи берун бо дарзи ороишие, ки аз канор дуртар воқест.** Кисаҳои калонеро, ки аз газвори пахтагин дӯхта мешаванд, канори байзавиашонро одатан бо фаровез таҳвил мекунанд, кисаҳои хурд, инчунин кисаҳоеро, ки аз матои пашмин, абрешимӣ ё синтетикӣ тайёр карда мешаванд, ду-

қабата дӯхтан беҳтар аст. Фаровези канори байзавиро, ки канори дарунаш пешакӣ бо чоки рахпеч дӯхта шудааст, бо тарафи ростааш ба тарафи ростаи киса тавре мехобонанд, ки буришҳои кундаланги фаровез бо ҷои болои буридашудаи киса рост ояд (расми 73 а), баъд ҷойҳои буришро кӯк зада, дӯхта дарзмол мекунанд, дар айни замон канори болои кисаро дарзмол карда, аз ҷои катшавиаш медӯзанд (расми 73 б). Фаровез ва кисаро мувофиқи рахи даромади киса бо тарафи ростааш ба дарун қат карда, канори ҳар ду ҷузъро баробар намуда, кисаро аз тарафи фаровез медӯзанд. Кисаи бо ҳамин роҳ тайёр кардашударо ба ҷузъи асосӣ аз рӯи нишонагузорӣ хобонда дӯхтан даркор (расми 73 в, г).



*Расми 73 а, б, в – кисаи беруни фаровездор; г, д – кисаи берунии чоркунҷа*

Кисаи берунии чоркунҷаро ба ҳаққи дарз бисёртар гузошта, каме калонтар мебуранд (расми 73).

**Кисаи дарун.** Ҷои буриши кисаро дар вақти пӯшида дидани либос муайян мекунанд, одатан дарозии буришро аз 14 то 16 см мегиранд. Даҳони кисаи дарунро бо сарпӯш ва зеҳ ороиш додан мумкин аст (расми 74).

**Кисаи дарунии ҳошиядор.** Новобаста ба он ки даҳони киса дар куҷо воқеъ аст, онро аз 2 тасмаи алоҳидаи матои асосӣ, ки дукат карда шудааст, тайёр мекунанд. Дар тарафи рости ҷузъи асосӣ аввал бо собун ба рахи даҳони киса дар масофаи аз ҳамдигар (0,7 – 0,5 см) дуртар ба таври мутавозӣ рах мекашанд, сипас хомкӯк мекунанд. Таҳти кунҷи

рост ба раххо рост карда нишона мегузоранд, то ки он дарозии даромади кисаро маҳдуд намояд (расми 74 а). Ба тарафи чаппаи ҷузъи асосӣ кандири болоро бо тарафи чаппааш тавре мехобонанд, ки канори болоии буридаи кандир 1,5 – 2 см болотар аз хати болоии нишонаи киса гузашта, ҳаққи дарзи матоъ нисбат ба "ҳошия" ба таври симметрӣ ҷой гирад. Кандирро маҳз дар ҳамин гуна ҳолат гирдогирди тарҳаш ба ҷузъи асосӣ кӯк мекунанд (расми 74 б). Фаровези боло ва поёнро аз рӯи рахи қаткунӣ ба дарун чаппа қат карда, ҷойҳои қатшавиро дарзмол мекунанд. Барои ҳосил намудани рахи рости дарз дар ҳар ду фаровез ба порчаи собуни хушк аз ҷои қаткунӣ, ки ба ними бари "ҳошия" баробар аст, хат кашидан лозим. Фаровезро ба тарафи рости ҷузъи асосӣ аз ҷои қатшудааш ба рӯи хатҳои ни-


*Расми 74. Кисаи даруниии ҳошиядор*

шонии киса, ҷои буришҳоро рӯ ба рӯи ҳамдигар гузошта, аз рӯи хати кашида шудагӣ тавре кӯк задан ва дӯхтан лозим аст, ки кӯк аз ҳудуди "ҳошия" (расми 74 в) набарояд, охири дарзро бо мошин мустаҳкам мекунанд. Барои ҳосил кардани даҳони киса ҷузъи асосӣ ва кандирро аз тарафи чап аз мобайни дарзҳо мебуранд (расми 74 г). Ҷузъро аз мобайн ба ду тараф то охири дарз 1,5 – 2 см нарасонида буридан лозим. Аз ҷои буриши асосӣ то дарзҳо буришҳои моил низ бояд 0,1 – 0,2 см дуртар аз дарзҳо ба охир расанд. Баъд зиёдатии фаровезро аз буриши киса ба тарафи чаппаи ҷузъи асосӣ қат карда, ҷои буриши фаровези болоро ба боло, поёнашро ба поён равона мекунанд. Гӯшаҳоеро, ки дар натиҷаи буришҳои моил пайдо шудаанд, рост карда бо дарзи дуқатораи ба хати бурии амудӣ ба фаровез мечаспонанд (расми 74 д). Чинҳои фаровезро бо дарзҳои салибшакл кӯк зада, "ҳошияи" кисаро аз тарафи чаппааш дарзмол мекунанд, баъд буриши фаровези поёнро ба 1 см қат карда, ба кандир часпонда медӯзанд. Кандири тагро ба кандири боло рӯяшро чаппа карда хобонда, ҷои буришро баробар намуда, аз тарафи кандири боло мошин мезананд. Ҷойҳои буришро бо чоки рахпеч (расми 74 ж,з) кӯк задан лозим аст.

**Кисаҳое, ки дар ҷои дарз воқеанд.** Кандирҳои аз матоъ буридаро ба тарафи ростаи ҷузъҳои асосӣ хобонда, мувофиқи нишонаҳои даҳони киса якҷоя (расми 75 а) мекунанд.

Ҳ а р як кандирро бо дарзи дарозиаш 1,5 см кӯк зада, сипас бо дарзи рахпеч дӯхтан дар-




*Расми 75. Кисаҳо дар ҷои дарз*

кор аст. Кандирҳои дӯхташударо ба тарафе қат карда, ҳаққи дарзро ба болои кандир дарзмол кардан лозим аст. Барои мустаҳкам намудани лаблӯла кандири болоро, ки он ба ҷузъи пеши маснуот кӯк шудааст, ба дарозии даҳони киса (расми 75 в) мошин мезананд. Ҷузъҳои асосии бо ҳамин роҳ тайёр кардашудаи маснуотро бо кандирҳои ба як тараф қат кардашуда ва тарафҳои ростаашонро рӯ ба рӯ карда, мувофиқи нишонаҳо ҷо ба ҷо намуда медӯзанд. Дар ин ҳолат дар рӯ ба рӯи нишонаҳо, ки даҳони кисаро муайян мекунанд, чоки маҳкам медӯзанд. Баъди кӯк кардани ҷузъҳои асосӣ (расми 75 г) кандирҳоро дӯхтан мумкин аст.

?

**Савол ва супориш**

1. Чанд намуди кисаро медонед?
2. Кисаҳои берун чанд намуд мешаванд?
3. Кисаҳои дарунии ҳошиядорро чӣ тарз медӯзанд?
4. Дӯхтани кисаи берунро дар хона машқ кунед.

## АДАБИЁТ


1. Энциклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ, Душанбе, 1988.
2. Книга о вкусной и здоровой пище, Москва, 1979.
3. Швейное производство, Москва, 1983.
4. Общественное питание, Москва, 1982.
5. Школа и производство, т. 2, Москва, 1975.
6. Школа и производство, т. 4, Москва, 1985.
7. Аминов С., Таджикские национальные блюда, Душанбе, 1988.
8. Орлова А., Азбука моды, Москва, 1989.
9. Бордовская М., Шейте дома, Москва, 1965.
10. Картушина Г.Б., Мозговая Т.Т., Швейное дел Москва, 1982.
11. Краузе А., Секреты шитья, Ташкент, 1989.

# МУНДАРИҶА

Машғулиятҳои муқаддимавӣ ........ 3
Боби I. Асосҳои тайёр кардани хӯрок
§1. Пухтупаз ........ 11
§2. Қоидаҳо ва сирҳое, ки ба хӯрок лаззати махсус мебахшанд ........ 13
§3. Зарф ва воситаҳои хӯрокхӯрӣ ........ 16
§4. Мизи хӯроки сард ........ 20
§5. Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз ........ 25
§6. Одоби нишастан дар сари мизи хӯрокхӯрӣ ........ 28
§7. Гӯшт ва таомҳои гӯштӣ ........ 30
§8. Нақшаи тайёр кардан ва пухтани гӯшт ........ 33
§9. Таомҳои гӯштӣ. ........ 37
§10. Гӯшти паранда ........ 41
§11. Гӯшти моҳӣ ........ 43
§12. Хусусияти таомҳои миллӣ ........ 47
§13. Хамири нон ........ 52
§14. Маҳсулоти хамирӣ ........ 64
§15. Тайёр кардани хамир барои таомҳои якум ........ 69
Боби II. Захираи хӯрокворӣ
§16. Консервонии меваҷот ва сабзавот ........ 72
Боби III. Кор бо матоъ
§17.Матоъҳо аз наххои химиявӣ ........ 76
§18. Хосияти наххои синтезӣ ........ 79
§19. Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ ........ 82
§20. Аппликатсия ........ 84
§21. Дарз ва кӯкҳои дастӣ ........ 88
§22. Мошинҳои дарздӯзии барқӣ ........ 95
§23. Дарздӯзӣ дар мошин ........ 98
Боби IV. Сохт ва амсиласозии либос
§24. Сохтани амсила ........ 104
§25. Андозагирӣ ........ 108
§26. Қоидаҳои сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ ........ 115
§27. Сохтани қолаби маснуот ........ 121
§28. Интихоби матоъ ........ 126
§29. Дарзмол кардани маснуот ........ 135
Боби V. Касбу ҳунари миллӣ
§30. Сохтани бозичаҳои мулоим ........ 138
§31. Дӯхтани рӯймол ........ 143
§32. Тайёр кардани кисаҳо ........ 145
Адабиёт ........ 150

**С. Исломов, К. Обидова,**

**М. Рӯзиева, Р. Аҳмадҷонова**

# КАСБУ ҲУНАР
## (Барои духтарон)

***КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 7***

**Роҳбари гурӯҳ** **Баҳодур Раҳматзод**

Муҳаррир Нуриддин Шарипов
Мусаҳҳеҳ Музаффар Холов
Муҳаррири техникӣ Иркин Сайфутдинов
Дизайн ва саҳифабандии Сим Дмитрий
Чопи компютерӣ Оқила Қосимова

*Ба чопаш 23.02.2004 имзо шуд.*
*Андозаи коғаз 60 x 90¹/16. Коғази офсетӣ.*
*Гарнитураи Times New Roman Tj.*
*Чопи офсетӣ. Ҳаҷм 9,5 ҷузъи чопӣ.*
*Адади нашр 80000*

**It was printed in Printing Corporation «Tashpolygraphcombinat»**
**Order № A-5516**

# Дарзу кӯкҳои дастӣ ва мошинӣ



Кӯки калон



Дарзи халқагӣ



Кӯки нусхагирӣ



Лагандаи уреб



Кӯки-печон



Дарзи ҳошиягӣ



Кӯки қаткунӣ



Дарзи паси сӯзан



Кўки харак



Дарзи бахиядўзӣ



Яккакўк



Дарзи дукарата



Дарзи оддӣ



Дарзи болоиҳам



Дарзи чудо - чудо



Дарзи борик